МУҲАММАДРАСУЛ
ИБРОҲИМЗОДА

# МИЗОНИ ДАВР



ДУШАНБЕ
«ИРФОН»
2014

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 тоҷик 7-4+87.717
И - 14

**Муҳаммадрасул Иброҳимзода**

***И - 14*** Мизони давр.- Душанбе,
«Ирфон», 2014, 148 саҳ.

Китоби нави Муҳаммадрасул Иброҳимзода, ки аз аз се асар "Васияти пеш аз марг", "Қиссаи дирӯз" ва "Зане дар никоҳи ду мард" мураттаб шудааст, воқеаҳои фоҷиабори даврони ҷанги шаҳрвандӣ, муборизаи некӣ бо бадӣ, рафтору кирдори шахсиятҳои гуногунро дар лаҳзаҳои ҳассос инъикос менамояд.

Доинстани воқеоту ҳодисоти он даврони фоҷиабор оқибати беандешагию ба доми шахсони худхоҳу манфиатҷӯ, бадхоҳу бадкин афтодани мардуми содадил, шарри ҷангу кинаи ҳасуд барои ҷавонон аз манфиат холӣ нест. Махсусан беэҳтиромӣ мнисбат ба падару модар сазои худкомию саркашӣ аз насиҳатҳои онҳо дар қиссаи "Васияти пеш аз марг" хеле ҷаззоб ба қалам дода шудааст.

**И $\frac{4700000000-032}{\text{М } 501(12) - 2014}$ 2014**

**ISBN 978-99947-0-013-7**

ББК 84 тоҷик 7-4+87.717

**©М.Иброҳимзода, 2014**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## *ПЕШГУФТОР*

Аксарияти дӯстдорони каломи бадеъ ба асарҳои илмию таърихӣ ва ёддоштию бадеии манбаъҳои ахлоқию тарбиявидоштаи нависанда Муҳаммадрасул Иброҳимзода, аз ҷумла "Офтоби паси абрҳо", "Панди авлиё", "Гулчин аз тибби Мавлавӣ", "Моҷарои ишқи духтари курд", "Аз Ромит то ба Бухорою Дарвоз", "Васияти пеш аз марг", "Ситораҳои пурҷило"-и ӯ шинос мебошанд.

Ҳоло боз китоби нави Муҳаммадрасул Иброҳимзода ба дасти хонанда мехӯрад. Аз гуфти ӯ романи "Дар орзуи падар"-и Кароматуллоҳи Мирзо ба вай писанд афтода ва чанд бор гаштаву баргашта мутолиа намуда, ба хаёле афтода, ки дар пайравии он чизе нависад. Ба кор иқдом намудаву қиссаи "Васияти пеш аз марг"-ро таълиф кардааст. Онро агар касе бихонад, ҳис менамояд, ки нависанда дар ҳақиқат аз романи "Дар орзуи падар" таассурот бардошта, пайравӣ ҳам кардааст. Хушҳолам, ки Муҳаммадрасул Иброҳимзода барин як соҳибқаламе, ки кайҳо ному эҷодаш ба хонанда маълум аст, ба навиштаҳои банда таваҷҷӯҳи хоса дорад.

Дар романи "Дар орзуи падар" дарди оилавайронӣ, дарди аз навозишу меҳру муҳаббати волидайн маҳрум мондани фарзандон баён ёфтааст. Албатта, дар зиндагӣ дардҳо афзунанд, беҳисобанд. Беҳурматӣ, носипосӣ ба падару модар, бадрафтории ҷавонону наврасон, зӯроварӣ, фасод, нашъамандӣ, нашъаҷаллобӣ, одамфурӯшӣ... Азобу азиятҳои фарзандон, ки барои рӯзгузаронӣ ба муҳоҷират мераванд, беҳуқуқӣ, таъқиб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шудани онҳо бештар ба нависанда таъсир оварда, дили адиб ба дард омада. Муҳаммадрасул Иброҳимзода табиб ҳам ҳаст. Аз дардҳое, ки ҳамватанони мо дар мусофират гирифтор мешаванд, хабар дорад. Онҳо ба зодгоҳ, ба хона, баробари ризқу рӯзӣ, дардҳои бедаво ҳам меоранд.

Муаллиф ба воситаи ин асараш ба хонандагони закитабъ гуфтанӣ аст, ки эй ҳамватанон, ба гуфтаҳои Худову Пайғомбар (с) ва изҳороту насиҳатҳои падаронаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал намоед, ба қадри илму фарҳанг ва тамаддуни ҳазорсолаамон бирасед, обу хок, марзу буми Ватани азизро, ки аз Сосониёну Сомониён, аз гузаштаҳои дур мерос мондааст, чун гавҳараки чашм ҳифз намоед. Зеро ба туфайли сиёсати хирадмандонаи Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон мо ба ин рӯзҳои хушбахтӣ соҳиб шудем, адолат ғалаба кард ва ҳақ ба ҳақдор расид. Дар асарҳои Муҳаммадрасул Иброҳимзода ин дигаргуниҳои куллӣ қадам ба қадам тасвир шуда, ифодаи воқеии худро ёфтаанд. Заҳматҳои дар роҳи истиқрори Тоҷикистони соҳибистиқлол кардаи Президенти кишвар дар навиштаҳо пурра таҷассум гардидаанд.

Китоби нави Муҳаммадрасул Иброҳимзода, ки ба дасти хонанда мерасад, "Мизони давр" ном дорад. Қиссаи "Васияти пеш аз марг", ки дар боло ёдоварӣ шуд, ба китоб дохил гардидааст.

Маҷмӯа боз дигар асарҳои нависанда, амсоли "Қиссаи дирӯз" ва "Зане дар никоҳи ду мард"-ро низ дар бар гирифтааст. Ин асарҳо ба ҷуз он ҷиҳатҳое, ки пештар нисбати "Васияти пеш аз марг" баён шуд, боз як умумияти дигаре ҳам доранд. Он ҷанг аст, ҷанги дохилии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бародаркуш. Ҷанге, ки ҳама одамиву ноодамиҳо, мардиву номардиҳо, покию нопокиҳои инсонро ба тарозу (Мизон) мегузораду боҳояшон медиҳад. Мавзӯъҳо аз рӯйдодҳои зиндагӣ аз назари адиб зиёданд ва онҳоро ба қадри тавоноӣ ба риштаи тасвир мекашад. Аз ҷумла, дар китоби "Мизони давр", ки манзури хонанда мегардад, ҳамин дарду доғҳо бозгӯ шудаанд. Бовар дорем, ки китоби тозаэҷоди нависанда Муҳаммадрасул Иброҳимзода ба мисли бисёр навиштаҳои дигари вай, ки мухлисон пайдо кардаанд, ба хонанда писанд меафтад. Ба ӯ дар роҳи пурмашаққати эҷод, ки солҳо боз роҳии он аст, барор ва комёбии нав орзумандам.

***Кароматуллоҳи Мирзо,***
***Нависандаи халқии Тоҷикистон***





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# *ЁДНОМА*

Азизон, кардам иншо бас китобе,
Ба қадри ҳимматам бурдам савобе.
Навиштам саргузаште аз ниёям,
Зи бобои табибу авлиёям.
На аз баҳри тафохур карда эҷод,
Ки дорам ман чунин ҷаддеву аҷдод.
Чу буд ин қарзи ман дар пеши таърих,
Навиштам сафҳаи дилреши таърих.
Дар ин роҳу равишу кору ҷода,
Кушодам розҳои нокушода.
Зи айёми пур аз зулму пур аз ҷабр,
Баён кардам ба "Офтоби паси абр".
Чу "Панди авлиё" хуштар зи қанд аст,
Ба мардум бас китоби дилписанд аст.
Зи "Тибби Мавлавӣ" гулчин намудам,
Давоҷӯро ба он талқин намудам.
Навиштам "Моҷарои ишқи..." сӯзон,
Зи ишқи духтари курди биёбон.
Касе хонад, биёбад лаззати ишқ,
Бигирад баҳраҳо аз давлати ишқ.
Кунам аз таърихе огаҳ Шуморо,
Навиштам пас "Зи Ромит то Бухоро...",
Дар он кардам баён бо лутфи Маъбуд,
Зи таърихи ду марди миллати худ.
Ду марде, ки намуда қаҳрамонӣ,
Вале монда, паси саҳна ниҳонӣ.
Навиштам ман зи дарди қалби огоҳ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

"Васияти пеш аз марг"-и ду гумроҳ.
Ду гумроҳи пушаймонгаштаи зор,
Даруни бистари маргу дилафгор.
Кунун навбат ба "Фарзандони Ватан[1]" шуд,
Сифоти се бузурги илму фан шуд.
Ба шоми тира чун ахтар намоянд,
Дари розу ниёзҳое кушоянд.
Расид умрам қариби шасту се сол,
Намудам сарфи некиҳо ба ҳар ҳол.
Кунам шукронаҳо, ки умр дидам,
Ба умри Ҳазрати Аҳмад (с) расидам.
Ҳар он чӣ навистам бесамар нест,
Зи боби авлиё, он беназар нест.
Адибе бигзарад, монад китобаш,
Ниҳад дар саҳфаҳо кори савобаш.
Ба ту, хонанда, эй ёри гиромӣ,
Ба ҷону дил бихоҳам некномӣ.
Ба бӯстонми маонӣ ҳамчу гул бош,
Биё, боре миёни аҳли кул бош.
Гаҳе ёд овари ту аҳли кулро
Мабар аз ёди худ Маҳмадрасулро.

***Садои қалби Муҳаммадрасули***
***Раҷаби Иброҳимзода***





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## *АДЛ БУДӢ ПЕШАИ ОЗОДАГОН*

***Раҳму инсофу адолат дар ҷаҳон***
***Гашта мағзи ҳикмати Нӯшервон.***

***Дар Хуросон буда Исмоили род,***
***То абад арвоҳи покаш шод бод.***

***Чун Умар тақвои он Салмони Форс,***
***Кас шунида мекунад арзи сипос.***

***Гашта номӣ дар ҷаҳон тахти Каён.***
***Адл будӣ пешаи Озодагон.***

***Ин замон тоҷик тамаддунофар аст,***
***Шуҳраташ овозаи баҳру бар аст.***

***Сарваре дорад хирадманду ҷасур,***
***Мақдамаш пурфайзу симояш банур.***

***Исми поки ӯ бувад Эмомалӣ,***
***Марди майдону ба аҳде чун Валӣ.***

***Офарин бодо ба азму ҷуръаташ,***
***Сулҳ оварда ба халқу миллаташ.***



*бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

***Тоҷи  шоҳӣ бар сараш зебанда аст,***
***Пешвои одилу арзанда аст.***

***Баҳри иҷрои адолатҳои хеш***
***Мекунад иҷро рисолатҳои хеш.***

***Ӯ парастори ятиму бенаво,***
***Чун табибе медиҳад дилро даво.***

***Аҳли илму аҳли фарҳангу ҳунар,***
***Шод аз  ин раҳбари болоназар.***

***Баҳри мардум ҷонфидоӣ мекунад,***
***НОБ-у нақбу роҳкушоӣ мекунад.***

***Бо дуои неки мардум раҳбараш,***
***Мекунад марзи гулафшон кишвараш.***

***Тоҷикам поянда монад дар ҷаҳон,***
***Бо чунин сарвар, ки дорад дар ҷаҳон.***

***Муҳаммадрасул  Иброҳимзода.***





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БА НОМИ ХУДОИ БАХШОЯНДАИ МЕҲРУБОН

## ВАСИЯТИ ПЕШ АЗ МАРГ

Дини мубини Ислом мақоми падару модарро ба мартабае бардоштааст, ки башарият дар динҳои дигар онро ёд надорад, зеро Аллоҳ таъоло Имон овардан ва парастидани Зоти худро ба эҳсону некӯӣ кардан ба падару модар як ҷо зикр намудааст. Ӯ мефармояд:

**"Ва Худоро бипарастед ва чизеро шарики вай қарор надиҳед ва ба падар ва модар накӯкорӣ кунед".** (Сураи Нисо:36)

***Солҳо бар ту бигзарад, ки гузар***
***Накунӣ сӯйи турбати падарат.***
***Ту ба ҷойи падар чӣ кардӣ хайр,***
***То ҳамон чашм дорӣ аз писарат.***

*Саъдӣ*

Бобои Собири 89-сола, ки худро падари дилшикастаю бахтбаргашта медонист, дар дами вопасин, охирин маротиба дар назди қосиди марг, яъне Малакулмавт (ҳазрати Азроил) аз ҷоҳилию нодонии хеш иқрор шуда, аз гуноҳони гузаштааш як ба як ҳисобот медод. Баъди ин ҳисоботи сангину тӯлонӣ ҷони азизашро бо сахтиҳои зор ба даргоҳи Ҷаббор супорид.

Ӯ дар ҳолате ҷон дод, ки аз ваҳми маргу Малакулмавт лабонаш хушкида, бо ҳам гӯё ширеш карда шуда буданд. Забонаш чун биёбони беоби ташналаб сӯхта, пора-пора гашта, дар комаш часпида карахт гашта буд. Ду чашмони калон-калон кушодааш, ба як нуқтаи коси (шифт) хона нигарон чизеро меҷуст. Ашки ҳасрат қатра-қатра аз чашмонаш ҷорӣ шуда, болини аз чирк зардгаштаро тар мекард. Ҷонзоде дар атрофаш наменамуд, ки бо пахта дар даҳонаш об чаконаду лабҳои ҷазак бастаашро тар кунад. Ку



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фарзанди қобиле, ки селаи магасони бар сару рӯяш нишастаро биронад?! Ку хешу табори муъмину мусулмоне, ки бо такрор исми поку бузурги Худои барҳақ, калимаи "Аллоҳ"-ро бо такрорҳои пайдарпай дар забонаш ҷорӣ кунад?! Ку муллои дилсӯзу нафскуштае, ки аз баҳри савоб ҳазрати "Ёсин"-ро дар болои сараш хатм кунад, то ҷон додан ба ӯ осонтар гардад?! Умуман, дар вопасин нафас, дар дами охирин сонияю дақиқаҳои башумормондаи ҳаёти 89-солаи бобои Собир касе ва чизе ба ғайр аз саги бовафояш Хайбар дар назду атрофаш набуд. Ӯ бесоҳиби яккаю танҳо буд ва имрӯз нигоҳбонаш фақат ҳамин ҳайвони безабон буду бас.

Хайбар чун мурғи посӯхта думзанон дар атрофи ҳавлӣ чарх мезаду сарашро аз дари нимроғи хонаи хоби Собир дарун карда, дергоҳ ба ҳоли соҳибаш менигарист. Пас, ғамнок гардида, ба мобайни ҳавлӣ омада, дурудароз уллос мекашид. Барқ набуд, шаб чун дохили қабр торик менамуд. Садои вазидани шамоли сахту борону жола ва раъду барқи баҳорӣ бо уллоси имдодталабонаи Хайбар ҳамроҳ гардида, як садои ваҳмангези риққатоварро тавлид мекард. Аз торикии пурасрору садои даҳшатангези Хайбар хоб аз сари ҳамсоягон парида буд. Баъзеҳо, ки хобашон парида буд, дар сари болини гарм нишаста, ба фикр фурӯ рафта мегуфтанд: "Саги бобои Собир аз гуруснагӣ бошад ва ё ба сари худаш ва ё соҳибаш ягон балои азиме омада бошад, ки ин қадар бо алам ва дурудароз уллос мекашад?".

Баъзеҳо аз тарсу ваҳми ин садо сарҳояшонро таги кӯрпа карда, чуқур-чуқур нафас мебароварданд, зеро ки одамон аз қадимулайём мегуфтанд: Агар саг дар шаб балоро бинад, уллос мекашад, ки дар натиҷа зарари бало ба ягон шахси ин хонадон ва ё ба худи ин саг мерасад.

Дар баъзе китобҳо хонда будам ва аз пирони хирад ҳам шунидаам, ки мегуфтанд: "Зан-ҷафою саг - вафо" ва ё баръакс "Саг -вафою зан - ҷафо". Маънояш дар он зоҳир ме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гашт, ки аз зани бевафо дида, саги вафодор беҳтар аст. Шаҳодати тақдири баду бахти баргаштаи бобои Собир бори дигар инро исбот мекард. Ҳамсояи дасти рости бобои Собир Ҳабибуллоҳ доимо бо завҷааш, Мӯнисаи дилогоҳу фармонбардор мегуфт:

- Ҳамсоя дар ислом ҳаққу манзалати бузурге дорад, ки Расули Худо (с) ҳамвора ба он таъкид намудааст, зеро он ҳазрат (с) мефармояд: "Ҳамеша Ҷабраил (ъ) маро дар мавриди ҳамсоя тавсия менамуд, то дараҷае ки гумон кардам, ки шояд ҳамсояро меросбари ҳамсоя қарор диҳад". (Ба ривояти Имом Муслим)

Нигоҳубини ин пирамарди маризи яккаю танҳо ба зиммаи Ҳабибуллоҳу Мӯниса афтода буд, ки онҳо софдилона қарзи инсонию ҳамсоягии худро иҷро мекарданд. Ҳар субҳу шом Мӯниса бо як порчаи нону косаи ордбирён ва ё шир пирамарди бечораи дилшикастаро чун фарзандаш меҳмондорӣ мекарду савоби ҳарду оламро мегирифт. Аммо ҳамсояи мушфиқу ғамхораш, Ҳабибуллоҳу завҷааш Мӯниса, имшаб ба аёдати модари Мӯниса ба ноҳияи Файзобод рафта буданду пирамард аз як пораи нону косаи шири ҳаррӯза бенасиб монд, ки боиси авҷ гирифтани беморию маргаш гардид.

Пирамард пӯсту устухон гашта, ҷисмаш кӯдаки даҳдувоздаҳсоларо мемонд. Замоне ӯ чун Исфандиёри рӯинтану Рустами Достон, човандози дашту паҳлавони майдон буд. Ҳангоме ки ӯ вориди майдони гӯштингирӣ ва ё савори аспи сиёҳмушкини ситорапешонӣ дашту саҳрои бузкашӣ мешуд, мардум ӯро бо кафкӯбию ҳуштаккашӣ пешвоз мегирифтанд. Баъзеҳо мегуфтанд: - "Ана, Рустами Золи Соми Наремон омад! Кӣ бо ӯ қувваозмоӣ мекарда бошад? Магар Исфандиёри рӯинтанро ҷустан лозим меояд?".

Афсӯс, сад афсӯс бо гузашти айём, тасодуфи зиндагӣ, пастию ноҳамвориҳои ҳаёти дунёӣ, дарду ғами нобаҳангом



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва танҳоию бесоҳибӣ паҳлавони чун кӯҳ қавиҳайкалро ба чунин ҳоли зор овард. Дар ин ҳолату дар ин ҳангом Малакулмавт аз тарафи дасти рост, аввал дар ҳисоби амалҳои кардаи хайраш ва пас аз он дар талаби ҷони азизаш буд. Азозил (шайтон)-и раҷим бошад, аз тарафи дасти чап камин гирифта, чун сайёди чобуку моҳир қасди шабохун задан бар имонаш дошт.

Ҳамоно бобои Собир мижа назада, сабр мекард ва ҷони азизашро ба осонӣ доданӣ набуд, зеро ӯ ҳанӯз дар орзуи дидори фарзанд буд. Ӯ аз даргоҳи Худованди ҷаббор хоҳони он буд, ки умрашро ду-се рӯзи дигар дароз кунаду Сабурҷонашро бубинад. Писари яккаю ягонаашро сахт ба оғӯш кашида, гарм-гарм аз рӯю рухсораш бибӯсад ва аз сирру асрор, гуноҳҳои гузаштаи хеш иқрор шуда, насиҳат карда бигӯяд: "Худкардаро даво нест ва ҳар он чи ки бо падар кардӣ, подоши онро аз фарзандонат интизор шав!".

Холиқи ҳарду ҷаҳон ба хотири риши сафеду дили шикастаи бобои Собир дуояшро иҷобат карду умрашро се рӯзи дигар дароз кард, лекин аз Сабурҷону духтаронаш дараке набуд. Пас, ноумед гардиду ашки ҳасрат аз ду чашмонаш чун чашмаи равон ҷорӣ шуд ва худро тасалло дода мегуфт: "Чӣ хуб шуд, ки се рӯз пеш ба дасти худ он "Зиндагинома"-ро иншо кардам. Шояд, пас аз марг ин нома ба дасти Сабурҷон расаду дар сари мазорам рафта, аз каломи Худованд оятеро хатм кунад".

*Сафедори баланд сад ғунчаю як барги тар дорад,*
*Писар дар роҳи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад.*
*Агар фарзанди қобил рафта аз ҳолаш хабар гирад,*
*Вале фарзанди ноқобил гиребони падар дорад.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ВАСИЯТИ ПАДАР БА ФАРЗАНДИ ХИРАСАР

Пас аз марг охирин номаи бобои Собирро ҳамсоягон аз зери болинаш ёфтанд, ки бо дасти хеш онро пеш аз маргаш чун зиндагиномаю насиҳат ва васият ба фарзандаш, Сабурҷон, дар коғазе иншо намуда, печонда монда будааст.

Дар он нома чунин сатрҳои ғамангез сабт гардида буд: "Сабурҷон, дон, ки ман - падарат, ҷавони 20-солаи зебою паҳлавоне будам. Падарам, яъне бобоят, инсони комилу фарди дилогаҳ буд, мехост, маро бо духтаре аз хонадони одамони накӯкору покнажод хонадор намояд. Ӯ мани нодонро борҳо насиҳат карда, панд медод ва бо масал мисолҳои зиёде оварда мегуфт:

- Фарзанди азиз, дон, ки вақте хурусчӯҷа акнун ба воя мерасаду фарёдӣ мешавад, нахустин маротиба ба болои бом мебарояду садо баланд карда, фарёд мекунад ва қанотак зада, оҳиста-оҳиста қадам мегузорад. Ин хурӯсчӯҷаи нодон хаёл мекунад, ки ӯ ниҳоят бузургу паҳлавон ва align="left"вазнин аст, то ки боми хона аз қадамзаниҳои ӯ фурӯ наравад, аз ҳамин сабаб оҳиста-оҳиста қадам мегузорад. Ва ё баъзе аз ҷавонони навхурӯш мегӯянд: "Синнам дар бист - ҳарифу ҳамдастам кист ва ё чист?". Дар синну соли ҷавонӣ хуни инсон дар ҷӯш аст ва марди ҷавон худро ниҳоят ғаюру далеру пурқувват меҳисобад, вале дар асл ин тавр нест.

Ин масалу пандҳои маслиҳатомези падарам дар гӯшам афсонаи пучу бемаънӣ садо медод ва гӯё ин суханонро намефаҳмида бошам, ба он аҳамияте ҳам намедодам. Такрор ба такрор ӯ ба ман насиҳат карда мегуфт:

- Писарам, синну соли ману модарат ба ҷое расидааст, розӣ шав, духтари хешамон, эшони Сайид Ҳотамро бароят хостгорӣ кунем. Охир, наслу насабаш ва решаю авлоднаш аз одамони солеҳи боимону ботақвоянд. Писарам, хока



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба каф гирӣ, аз хоктӯдаи тозаю озодаи баланд гир, аз хоктӯдаи кӯчаки сари роҳ хок нагир, ки ифлос аст.

Дар паси ин пандҳои падари доною бузургам чӣ маъниҳои баланди олимонае будааст. Афсӯс, сад афсӯс, ки мани гумроҳи нодон ба ин маъниҳои олӣ сарфаҳм намерафтам. Дар ҷавоби ин панду насиҳатҳои ақлу хирад равшанкунандаи падари дилсӯзу ғамхор бепарвоёна мегуфтам:

- Падар, шумо одамони қадим, то ба имрӯз, ки замона дигар шудааст, наслу насаби тозаю солеҳро дунболагир карда мегардед, духтари эшони Сайид Ҳотам ба ман писанд нест, ӯ як духтари хаппаку шармгин, ҳусни хуб ҳам надорад. Падар, ман Эркамоҳро хуш кардам, дар тӯйи Гурезмаст бо ҳам шинос шуда, рақс кардем ва қариб се соат бо ҳамдигар суҳбат намудем. Ман ба ӯ қавл додам, ки ба хонаатон хостгор мефиристам. Падарҷон, маро шарманда накунед, охир, ман ба ӯ қавл додам, ман ҷавонмардам, чӣ хел ба қавлам вафо накунам?

Дар аввал, аз ин суханони беақлонаи фарзанди яккаю ягона падар дар ҳайрат монд ва хеле андеша карда, дар охир гуфт:

- Собирҷон, охир ту писари яккаю ягонаи манӣ, канӣ гап зан, Эркамоҳ аз куҷост ва ӯ духтари кист?

Ман гуфтам:

- Падарҷон, розӣ шав, ӯ чун ман духтари яккаю ягонаи акои Бӯрӣ Танбӯрии ҳофизи номдор аз деҳаи Чорбоғ аст.

Баъди ин суханони ман, падарам дурудароз ба андеша фурӯ рафт ва пас сар бардошта бо оҳанги ғамгинонаю норозиёна, оҳи пурдарде кашида гуфт:

- Оё медонӣ, ки Шайх Саъдӣ чӣ мегӯяд?

*Зани бад дар сарои марди накӯ,*
*Ҳам дар ин олам аст дӯзахи ӯ.*

- Майлаш, хуб шудааст писарам, чӣ илоҷ, модоме ки



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

писари ягонаӣ, бигузор гуфтаи ту шавад, таваккал бар Худои бузург.

Баъд аз шаш моҳи интизорию беқарорӣ тӯй сар шуду ману Эркамоҳ бо ҳамдигар ҷуфт гардидем. Ҳаёти хушу хурсандонаи мо як сол давом кард ва нахустфарзандамон, Сабурҷон, таваллуд шудӣ. Баъди таваллуди ту хулқу хӯй ва рафтору кирдори модарат тағйир ёфтан гирифт. Ӯ тез-тез ба хонаи волидайнаш рафта, ҳафтаю моҳҳо барнамегашт. Барои баргардонидани модарат, даҳҳо маротиба падару модарам мерафтанд ва модараш, яъне момоят, чизеро баҳона карда, ба баргаштани ӯ монеъ мешуд.

Дар охир маҷбур шуда, худам барои овардани Эркамоҳ тез-тез ба хонаи модарарӯсам мерафтам. Ҳар маротибае, ки ба хонаи онҳо мерафтам, модарарӯсам ба ман рӯй оварда мегуфт: "Ҷудо шав, ҷудо, то ба кай духтари яккаю ягонаи ман ғуломи падару модар ва се хоҳари ту шуда мегардад! Онҳо хӯрда хобанду духтари ман меҳнат карда ҷон меканад, мо худамон ба ту хона ёфта медиҳем, аз падару модарат бо тезӣ ҷудо шав!".

Хулосаи калом ин ки ман ба суханони фиребандаи модарарӯсам бовар кардаму аз канори гарми падару модари азизу ғамхор ҷудо гаштам. Парастории падару модари дардмандам ба зиммаи хоҳаронам вогузор шуд. Бо кӯмаки падарарӯсам дар ҳамсоягиашон соҳиби хонаю дар гардидам ва ба қавле марди озод будаму ба доми сайёди моҳире афтода, ғулом шудам, яъне ба гуфти мардум "хонадомод" шуда мондам ва бозувонамро бе банд бастам. Баъди ба шавҳар баромадани ду хоҳари калонам падару модари ранҷурам маҷбур шуданд, ки хоҳари хурдиям Кенҷагулро ба писари ҳамсояамон Гадохӯҷа, яъне Хоркаши ланг диҳанд.

Баъди ҷудоӣ аз канори падару модари ғамхор худро ҳамчун мурғи беболупари дар қафас маҳбусшуда ҳис мекардам. Эркамоҳ сарфу харҷ, яъне харидани хӯрду хӯрок, сару либосро аз мағозаю бозор ба зиммаи худ гирифта буду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маблағро ман пайдо карда, ба ӯ медодам.

Барои ба даст овардани маблағ бо супоришу фармони Эркамоҳ касбу корҳои гуногунро, аз қабили аробакашӣ, чӯпонӣ, мардикорӣ, ронандагӣ, посбонӣ ва даҳҳо касбу кори дигарро озмуда дидам, лекин аҳволи зисту зиндагониямон беҳ намешуд. Охир, маблағро ман бо заҳматҳои сангину вазнин ҷамъ мекардаму Эркамоҳ онро бо осонӣ сарф мекард. Ба қавли халқ: "Ман бо нӯги сӯзан ҷамъ мекардаму ӯ бо шоха бод мекард".

Модарам дар синни 60-солагӣ ногаҳон вафот кард. Баъди вафоти модарам, падарам аз ғаму дарди айём, маризи дурударози бистарӣ шуда монд. Дар як моҳ ва ё дар ду моҳ як маротиба пинҳонӣ аз Эркамоҳу модараш ду нону як кило қанди сафед харида, ба аёдаташ мерафтам, зеро ки ба кори хоҷагӣ (колхоз) банд будаму вақти холӣ надоштам.

Рӯзе дар вақти таоми нисфирӯзӣ Эркамоҳу модараш ба ман рӯй оварда гуфтанд:

- Собир, бо ин кори бедаромадат, ту ҳеҷ чиз намешавӣ, хонаву дари ҳалол надорӣ, занат либоси қиматбаҳо, ҳатто, эзори ҳалол надорад, ки пӯшида ба тӯю маърака ва бозору кӯча равад. Мана, Эркинҷонро бин, қандаша занад, хонадорию зандорӣ ба ӯ ҳалол ва ба ӯ мезебад. Чи хел хонаю дари калони барҳаво ва чандин мошинҳои гуногуни хориҷӣ дорад. Зану модарарӯсашро намегӯед, ҳар рӯз як навъ мӯди нави либосҳои қиматбаҳои хориҷиро, куртаю эзор дӯзонда мепӯшанд.

Пурсидам:

- Эркин кист ва дар куҷо кор мекунад?

Эркамоҳ пешдастӣ карда гуфт:

- Эркинҷон ҳамсинфи ман аст. Ӯ дар вақти мактабхониямон ошиқу шайдои ман буд, лекин ман ӯро нагирифтам, намедонистам, ки ӯ ин қадар бою бадавлат мешавад. Агар мегирифтам, чи хубе мешуд, ки бо либосҳои қиматбаҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мӯди нави хориҷӣ дар болои ҳафт қабат курпача нишаста, маишат мекардам. Афсӯс, сад афсӯс, ки ҳаётамро мани нозанин бо ту барин тайлоқи бедум барбод додам! Ту сағераи лавкашоли почаканда ҳаётамро сӯзондӣ! - гӯён ба гиря сар кард.

Чунон талх-талх гирист, хаёл кардам, ки гӯё модараш, кампири Васвасабону мурда бошаду навҳа мекашид. Пас аз гиряи дуру дароз, ашки чашмонашро пок карда, ҳиққосзанон гуфт:

- Эркинҷон сардори тадқиқоти конҳо (геология)-и Помир аст. Ман дирӯз ҳангоми аз бозор баргаштанам, дар истгоҳ, дурудароз бо ӯ ҳамсуҳбат шудам. Вақте ки ӯ аз зисту зиндагонии қашшоқонаи мо огаҳ гашт, дилаш ба ҳоли ман сӯхту ба ман маслиҳат дод, ки шавҳаратро ба кор қабул мекунам ва музди хуб ҳам медиҳам. Баъди он бо кӯмаки ӯ аз бозор чизҳои лозимаро харидем ва бо мошини хизматиаш маро то ба хона овард.

Мани гӯли нодон гуфтам:

- Хайр, чӣ илоҷ, як бори дигар рафта фаҳмед ва маслиҳат карда, биёед. Агар кори сабук бошаду маошро хуб диҳад, дур ҳам бошад, албатта, рафта кор мекунам.

Дар ин муддат, Эркамоҳ аз фурсати қулай истифода бурда, тез-тез бо ҳамсинфаш Эркинҷон вохӯрда, маслиҳат карда, нақшаю тарҳи ҷою вақти кор ва миқдори музди маоши моҳонаи маро ҳамроҳ мекашидаанд.

Рӯзе дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ, Эркамоҳ ба табақи гӯштбирёни дар миёнаҷойи дастархон гузошташуда ишора карда гуфт:

- Дар бораи ҷойи кор ман бо Эркинҷон маслиҳат кардам. Ӯ гуфт, ки Собирро ба вазифаи ёрдамчии тадқиқотгари корҳои зеризаминӣ ба кор қабул мекунам, гарчанде ки дар ин соҳа ихтисосу маълумоте надошта бошад ҳам, як моҳ дар Помир кор карда, пас баргашта, панҷ рӯз дар хона истироҳат мекунад. Маошаш дар як моҳ 700 сӯм (рубл)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

буда, ба ғайр аз ин дар ҳар як семоҳа ба миқдори 1500 сӯм мукофотпулӣ менависамаш.

Аз ин саховатмандии Эркинҷон шод гаштам ва бо супориши Эркамоҳ озими кӯҳистони Помир шудам. Бо умеди мукофотпулию зиёдии маош, се моҳ пай дар пай кор кардаму ба хона барнагаштам. Ҳар вақте ки Эркинҷон аз Душанбе ба Помир меомад, аҳволи хонаводаро аз ӯ пурсон мешудам. Ӯ мегуфт:

- Сабур, фикри хонаро накун, ман худам ба онҳо кӯмак мерасонам. Ту пул кор кун, то ки Эркамоҳро шод гардонӣ ва ӯ аз ту розӣ шавад.

Ман мегуфтам:

- Пул кор карданам нағз, лекин падарам мариз буд. Аз ӯ ягон хату хабаре нест?

Ӯ мегуфт:

- Ҳеҷ гап нест, ҳамааш тинҷӣ. Агар ягон гапу хабар мешуд, албатта, Эркамоҳ ба ман мегуфт.

Баъд аз се моҳ бо 3500 сӯм, ки дар ҳаётам ин қадар пулро ҳеҷ гоҳ надида будам, шоду хурсанд ба хона баргаштам. Аз мағозаи сари роҳ ба миқдори 500 сӯм барои заву фарзанд ва падарарӯсу мадарарӯсам ҳадяю сару пойи қиматбаҳо (либосворӣ) харидам. Онҳо маро бо як хушнудию дабдаба пешвоз гирифтанд. Шаб дар атрофи дастархон Эркамоҳу модараш танҳо дар бораи ҷавонмардию саховатмандии Эркинҷон ҳамду саноҳо мехонданд. Пеш аз он ки дар бистар сар монам, Эркамоҳ талаб кард, ки 3500 сӯмро ба ӯ диҳам. Ман 3000 сӯмро ба ӯ дароз кардам. Ӯ ҳарисона пулҳоро гирифта, чун мошини ҳисоббарорӣ, такрор ба такрор се маротиба паиҳам шуморид. Баъдан, ба сӯям дергоҳ нигариста гуфт:

- 500 сӯми дигарашро барои кӣ пинҳон кардӣ?

Ман гуфтам:

- Ба 500 сӯмаш барои Сабурҷону тую модарат ва падарат сару либосворӣ харидам. Охир, он молу матои бегоҳ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

овардаамро надуздидаам, ҳамаи онро ба пулҳои меҳнатиям харидаам.

Эркамоҳ паст наомада, қаламу коғаз оварда, нархи ҳар як молу матои овардаамро як ба як ҳисоб карда баромаду каме ором гашт.

Баъди ҷудогии се моҳ боз дар як болин ҳамроҳи Эркамоҳ сар мондем. Он меҳру муҳаббати пештараро ҳеҷ эҳсос намекардам. Хаёл мекардам, ки ӯ аз ман дурӣ меҷӯяду ман маҷбуран ӯро оғӯш карда мебӯсам, чашмонашро аз нигоҳи ман мегурезонад.

Ҳамин тавр, шабро рӯз кардем. Ман ки хеле хаста шуда будаму аз Эркамоҳ ба тарзи пештара дуруст коми дил ҳосил карда натавонистам, дар бистар дароз кашида, маҷоли хестан надоштам. Ӯ аз хоб пештар хеста, барои шустушӯй ба ҳаммом рафта буд. Ногаҳон овози пичир-пичири модарарӯсам ба гӯшам расид, ки дар бораи падари ранҷурам мегуфтанд. Ба тезӣ аз бистар ҷаста хестаму аз даҳони тирезаи нимроғшуда ба берун нигариста, гӯш кардам. Онҳо хаёл карданд, ки ман ҳанӯз ҳам хобам. Модарарӯсам кампири Васвасабону ба духтараш панд дода мегуфт:

- Шаб ҳамаи пулҳоро аз дасташ гирифтӣ?

Духтараш дар ҷавоб гуфт:

- 3000 сӯмашро гирифтам. Мегӯяд, ки ба 500 сӯми дигараш барои шумо сару либосворӣ харидам. Шаб ҳисоб карда баромадам, ҳамаи сару либоси харидааш 400 сӯмро ташкил медиҳад, намедонам, 100 сӯми дигарашро куҷо карда бошад?

Модараш насиҳат карда гуфт:

- Эркамоҳ, ту садҳо маротиба шукри бачахони ман Эркинҷонро кун, ки ин тайлоқа соҳиби пули калон кард. Ҳарчи метавонӣ, ба Эркинҷон наздик шаву дили ӯро ба даст ор, пас соҳиби ҳар чиз мешавӣ! Агар пула гирифта бошӣ, дар бораи марги падараш хабар деҳ, рафта дар сари гӯраш дуо хонда биёяд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар баробари шунидани хабари марги падарам ҳуш аз сарам париду давида ба берун баромадам ва гуфтам:

- Чӣ гап шудааст? Дар сари гӯри кӣ дуо кунам? Чӣ, падарамро ягон ҳодиса шудааст?

Занам мехост, чизе гӯяд, лекин модараш ӯро бо ишораи даст хомӯш карда, худ гуфт:

- Собирҷон, баъд аз як моҳи ба кор рафтани ту, падарат дунёро тарк кард…

Дар ҳамин вақт насиҳати падарам ба ёдам омад, ки борҳо мегуфт: Дар ҳадиси Пайғамбар (с) омадааст: "Ба парастории падару модар машғул шавед, бояд, ки пеш аз сафар кардан аз волидайн иҷозат бигиред, ҳатто барои ҷиҳод намудан дар роҳи Худо ба шарте ки он фарзи айн нагардида бошад..."

Оҳ, Худо дар сарам зад, мани нодони бадбахт бо фармони зану модарарӯсам, бе иҷозати падари маризам сафар кардам. Дар аввал карахт шудам, даҳонам хушк шуд, забонам дар комам часпид ва қариб буд, ки аз пой афтам. Оби дида дар чашмонам ҳалқа зад ва ба бари рӯям ҷорӣ шуда ба болои хок мечакид. Ҳиққосзанон талх-талх гиристам ва бо овози ғамангези гирёолуд ба онҳо хитоб карда гуфтам:

- Эй сангдилҳо, беинсофҳо, маро аз падару модар зиндаҷудо кардед. Бас набуд, ки дар мурдааш хабарам накардед. Чаро сим (занг) назадед ва ё ба дасти Эркинҷони бачахонатон хабарам накардед? Охир, ӯ дар як моҳ ду-се маротиба аз Душанбе ба Помир рафтуомад дошт.

Модарарӯсам бо як оҳанги нарми маслиҳатомез гуфт:

- Писарам, Собирҷон, сабр кун, ҳеҷ гоҳ мурда дигар зинда намешавад, аммо фарди зинда бояд корашро идома диҳад. Бо омадани ту, падари худораҳматият зинда намешуд. Шукри зану фарзандонатро ба ҷой ору дар ҳаққи падарат дуо кун, ҳаминаш бас аст. Дар рӯзи фавти падарат хоҳарат ҳамроҳи шавҳари лангаш омада буданд, ки ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шумо занг зада, аз марги нобаҳангоми падарат хабар диҳанд, то ки ту барои харҷи маросими дафну худоӣ ба онҳо ягон сӯм ёрӣ расонӣ. Ману Эркамоҳ ба назди бачахонам Эркинҷон рафта, ҳодисаро шарҳ додем. Ӯ розӣ нашуда гуфт: "Агар Собирро ҷеғ занед, аввалаш ин, ки ба маросими дафн расида омада наметавонад, дуюмаш, ҳоло ӯ пул надорад, сеюмаш, саргардон шуда, аз маоши моҳонаю мукофотпулӣ мемонад. Беҳтараш ҷеғ намезанем". Аз назди Эркинҷон баргашта, хоҳарату шавҳарашро фаҳмонда гуфтем, ки бо омадани Собир мурда зинда намешавад. Ӯ пул-мул надорад, шумо ба имомхатиби масҷиду халқи деҳаатон муроҷиат кунед, онҳо пул ҷамъ карда, дар роҳи Аллоҳ маросими дафну ҳафту чилро мегузаронанд. Онҳо аз ин суханони мо ноумед шуда, гирёну нолон баргашта рафтанд. Ману падарарӯсат бемор будем. Эркамоҳ дар болои сари мо буд, аз ҳамин сабаб дар маросими дафн мо ҳам иштирок карда натавонистем. Дар маросими ҳафту чил бошад, ману занат ҳамроҳи Эркинҷон бо лаълию лаганд ширкат варзидем. Халқи деҳаатон дар масҷид пул ҷамъ карда, маросими 40-ро хуб гузаронидаанд. Боз чӣ мехоҳӣ?! Эй ношукрбанда?!

Аз ин суханони аҳмақонаи модарарӯсам ба ғазаб омада гуфтам:

- Лаънат ба пул! Лаънат ба ҳамон Эркинҷони шумо! Чаро маро дар дафни падарам хабардор накардед? Шумо чӣ хел ва чӣ тавр мемурда бошед? Шумо коре кардед, ки мани гӯлу гумроҳро дар назди халқу Худо гунаҳгору шармандаи ҳарду ҷаҳон кардед. Падар ба як ҷаҳон орзую умед, бо заҳмату ранҷҳои бешумор фарзандро ба воя мерасонад, ки дар айёми пирию бемори ӯ асои дасташ гардаду дар вақти марг пояи тобуташро бигирад. Мани бадбахт на дар сари турбати падар гириста, ашки мотами меҳри фарзандиро резондаму на пояи тобуташро гирифтам, ки ақаллан аз ҳазор як қарзи фарзандиро ба ҷой орам. Охир, падарам борҳо ба ман панд дода, гуфта буд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***Набошад морро бача ба ҷуз мор,***
***Наёрад шохи бад, ҷуз тухми бад бор…***
***Набошад хуш сафар дар тандурустӣ,***
***Нигар то чун бувад, дар ранҷу сустӣ…***
***Гули наргис накӯ бошад ба дидан,***
***Валекин талх бошад дар чашидан.***

Дергоҳ гиристам, чунон гиристам, ки чашмонам монанди гули лола суп-сурх шуда, варамида буд. Пас аз андаке ба худ омаданам ба Эркамоҳ рӯй оварда гуфтам:

- Як қисми пулҳои овардаамро баргардон, то ягон буз ё бузғола гирифта, рафта дар деҳа ба арвоҳи падарам хун кунам.

Занам бо ситеза чашмонашро сӯям ало карда гуфт:

- Эй гови гӯлу гумроҳ! Охир, шаб худат дар аввал гуфтӣ, ки ин пулҳоро барои тӯйи суннатии Сабурҷон захира кунед. Наход, ки пули тӯйиро дар кори сиёҳ, маргу мурда сарф кунанд?

Ман дар ҷавоб гуфтам:

- Охир, ман як қисмашро барои сарфи тӯй гуфта будам, на ҳамаашро.

Модарарӯсам, сухани духтарашро тақвият дода гуфт:

- Эркамоҳ мегӯяд, ки 500 сӯми дигарашро надодаӣ. Дар ҳамон 500 сӯм рафта ягон буз ё бузғола харидан гиред!

Аз ғазаб, ки дастонам меларзид, гуфтам:

- Ҳой ғуломони нафс! Охир, ба он 500 сӯм барои шумою духтаратон ва писарам Сабурҷон сару либос харидам, ки шаб ба шумо туҳфа карда будам, дар ёдатон нест? Дар бораи он пулҳо духтарат маро ҳамон шаб ҳисобу китоб кард.

Ҳайҳот, афсӯс, сад афсӯс, ки суханони ман ба онҳо асар намекард. Бо ду дасти холӣ ба деҳа баргаштаму ҳамроҳи хоҳару домод ва муллои деҳа ба сари мазори падар рафта, дуо карда баргаштем. Баъди ин ҳодиса гӯё маро ҷоду карда бошанд, ки 10 соли дигар дар Помир кор кардаму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маошамро ба Эркамоҳ фиристодам. Дар ин давра ду духтари дигар таваллуд шуд. Ҳар се моҳ пас аз кор ба хона бармегаштам.

Баъдтар аз забони як нафар дӯсти беғаразам фаҳмидам, ки дар набудани ман Эркамоҳу Эркинҷон ишқварзӣ мекардаанду модарарӯсам кампири Зилзила, барои маишату ишқварзии онҳо шароити мусоид фароҳам меовардааст ва аз ҳамин сабаб Эркинҷонро писархонд мегуфтааст. Ба хотири молу сарвати ҳароми дунё, номуси фарзандашро ин пиразол ба гарав монда будааст.

Баъди ошкор гардидани ин хиёнату ифлосиҳо хостам, ки зану модарарӯсамро қатл карда, абадӣ маҳбусӣ шавам. Шабе пеш аз хоб ду ракат намоз хонда, ба рӯҳи поки ҳазрати Мавлавӣ Домуллои Сурхиён, ки устоди падари раҳматиям буд, бахшидаму дергоҳ гиристам ва ба даргоҳи Худои мушкилкушо муноҷот намуда мегуфтам: "Худоё, гуноҳ кардам, гуноҳи азиме кардам, ки дар вақташ хоҳиши падари бузургворамро рад кардаму духтари эшони мулло Сайидро нагирифтам. Худоё, ба ҳурмати рӯҳи поки Домуллои Сурхиён мушкиламро осон гардон" гуфта, дар болои ҷойнамоз хобам бурдааст. Замоне хоб дидам, ки пирамарди нуроние дар наздам пайдо шуда гуфт:

*Дил меравад зи дастам, соҳибдилон Худоро,*
*Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро…*

- "Хоҷаи лисонулғайб ба дурустӣ мегӯянд, ки ҳама сирру розҳои пинҳон, фардо дар назди Офаридагор ошкоро хоҳад шуд. Собир, ба маънии исмат, ки "собир" аст амал намою сабр намо ва ҷазои Эркамоҳу Зилзила ва Эркини фосиқро ба Худо ҳавола кун. Худо худаш қозиюлқузот аст, ҷазои хиёнаткоронро худаш медиҳаду дар додгоҳи охират ҳақро ба ҳақдор мерасонад.

Собир, он ранҷу дарде, ки дар пеш интизорат аст, аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чист? Аз он аст, ки дар айёми ғурури ҷавонӣ ба хоҳиши падар итоат накарда, асири шаҳвату завқи нафси ҷавонӣ шудӣ ва он чӣ ки дар ҳаққи падар кардаӣ, акнун аз фарзандат интизор шав!"

*Лутфи Ҳақ бо ту муросоҳо кунад,*
*Чун ки аз ҳад бигзарад, расво кунад.*

Аз хоб бедор шуда, худро болои ҷойнамоз дидам ва аз қасди қатли ин хабисон худдорӣ намуда, гӯшнашинию танҳоиро дар хонаи бесоҳиби аз падар меросмонда интихоб кардам. Фақат дарду ғамамро бо воситаи ибодату муноҷот ба даргоҳи Худованд, дар гӯшаи танҳоӣ каме сабук мекардам. Баъди ин хоби дидаам, дар ҷустуҷӯйи рӯҳи авлиё се маротиба ба зиёрати оромгоҳи он ғаввоси баҳри маърифат, дурри дарёи ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат, ҳазрати Мавлавӣ Домуллои Сурхиён рафта, зиёраташ кардам. Барои он гуноҳе, ки 30 сол пеш содир кардаам, яъне дар вақти интихоби ҳамсар зидди хоҳиши падар амал карда будам, Ҳазрати Мавлавиро шофеъи хеш оварда, аз даргоҳи Худои мутаъол афв металабидам. Ба дил мегуфтам: "Худованди корсоз, дуои мани мискинро қабул мекарда бошад. Ӯ худ медонад, яке аз номҳояш Қаҳҳор аст, ки ин исм барои хиёнаткорон ҷазодиҳанда хоҳад буд".

## *ҶАЗОИ ХИЁНАТКОР*

Баъди се моҳи танҳоию гушнанишинӣ, рӯзе муллои деҳа хабар овард, ки Эркини зинокор дар роҳи мошингарди ағбаи Хобу Работи Вилояти Худмухтори Бадахшони Кӯҳӣ ҳамроҳи мошини хизматияш зери тарма монда, маҷақ шудааст.

Баъди шаш моҳ Эркамоҳи хиёнаткор ба бемории хӯрандаи бедаво, яъне окила гирифтор шуд, ки духтурону таби-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бон дар илоҷи ин маризи хӯранда оҷиз монданд. Дар муддати се моҳ ин маризи хӯранда, даҳону забон ва бинию ҳалқашро хӯрд, ки дар натиҷа зерманаҳаш ба устухони сагхоида монанд шуда, ғалтида, кашол шуд. Ҳама хешу наздикон аз ӯ ҳазар карда, ба аёдаташ намеомаданд ва бо ҳамин ҳоли зор дунёи дӯстдоштаашро падруд гуфт. Ин буд ғазабу қаҳри Худои қаҳҳор.

Дар рӯзи маросими соли Эркамоҳ, кампири Васвасабонуи сарватпараст яку якбора дар назди деги оши худоӣ афтида, аз забон монда, карахт шуд, яъне ба маризи фалаҷ гирифтор шуд. Аз таъсири хоби бисёру ин бемории, пӯстҳои ҷисми лоғараш, ки пӯсида буд сӯрох шуда, хуну зардоб ба бистари хобаш чакида мечаспид ва ҳангоми аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар ғелондан, пӯсту гӯшт ганда (пӯсида) шуда, ҳамроҳи кӯрпаю ҷойандоз пора-пора мешуд ва хуну зардоби нав ҷорӣ мегардид. Ҳамин буд нишонаи ҷаҳаннами Асфалассофилин  дар ин дунё барои фосиқон. Баъди панҷ соли бистарӣ кампири Васвасабону ҳам дунёи дӯстдоштаашро тарк кард.

Баъди вафоти онҳо маҷбур шудам, ки дубора ба хонаи худам баргардам, зеро парастории шумо, як писару ду духтари хурдсол, ба зиммаи ман вогузор шуда буд. Дар он вақт, агарчи миёнсол будам, ба хотири шумо Сабурҷону Гулғунчаю Фотима, дуюмбора хонадор шуданро нахостам, зеро ки ин фарзандони хурдсол пешпои модарандар нашаванд гуфта, сабурӣ мекардам. Дар давоми 33 сол ман барои шумо ҳам падар будаму ҳам модар, кор карда мехӯрондам, мепӯшондам, мешустам, мепухтам ва ҳам дар айёми хурдиятон тарию хушкии шуморо медидам, ба умеде, ки дар пирию дардмандӣ ва танҳоӣ асои дастам шаведу дастам бигиред.

Сабурҷон, ту ба воя расидию хоҳаронат Гулғунчаю Фотима ҳам калонакаку қадрас шуданд. Кӯшиш карда, барои шумо ҳама гуна шароитро муҳайё месохтам, то ки бе-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

модариро ҳис накунеду худро ятим наҳисобед. Гуфтаҳои падари бузургворам, насиҳатҳои Мавлавии Сурхиён, ки дар хобам гуфта буд, ба ёдам омаду хостам, Сабурҷон, туро аз оилаи одамони солеҳу покнажод духтареро хостгорӣ намуда, хонадор кунам. Ҳарчанд насиҳат мекардам, панд медодаму аз ҳаёти атрофиён мисолҳо меовардам, аз тақдири баргашта, зидди хоҳиши падар будӣ. Мегуфтӣ: - "Ман пул дода зан намегирам ва зани қишлоқӣ ҳам намегирам!". Сабурҷон, ту дар Омӯзишгоҳи рақами 33 шаҳри Душанбе мехондӣ. Пас аз як моҳ маълум шуд, ки ту бо як шарикдарсат, ки Ойгул ном доштааст, шинос шуда, ба ӯ дил бастаӣ. Модари Ойгул, Қундузой, ба шумо ваъда дода буд, ки агар падарат розӣ бошад, шуморо аз ҳисоби маблағи худаш тӯй карда, хонадор мекунад. Охирин маротиба, Сабурҷон, туро даъват карда насиҳаткунон гуфтам, ки эй ҷавони соддаю гумроҳ, ман ҳам дар ҷавонӣ ба сухани падар эътибор надода, ба модари ту хонадор шудам ва як умр аз падару модар ҷудо, сарсону ҳаросон, ба чӣ балоҳое гирифтор нашудам. Биё, аз баҳри ошиқият бароюо духтари мулло Сайидро аз деҳаи Гулистон, ки наслу насабашон пок аст, хостгорӣ кунам.

*Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун,*
*Ба пирӣ хизмати модар, падар кун.*

Ҳарчанд насиҳату зорию тавалло кардам, ба ту ҳеҷ асар накард. Ту фақат як суханро такрор мекардӣ: "Агар розӣ шавӣ, ҳамон Ойгул, розӣ нашавӣ, аз хона баромада меравам!". Чӣ илоҷ, аз ночорӣ розигӣ додаму тӯй барпо шуд. Тӯйро модари келин, Қундузой, дар тарабхонаи "Вахш" гузаронд. Дар тӯй падари Ойгул иштирок накард, ту худ медонӣ, сабабаш пас аз овардани келин ба хона маълум гашт.

Эргашбой ду сол пеш аз Қундузой ҷудо шуда, дар шаҳри Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз нав оиладор шуда, зиндагӣ мекардааст. Аз сабабе ки ҷанги бародаркушии шаҳрвандӣ давом дошт, рафту омади байни Ҷумҳурии Ӯзбе-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кистону Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардида буд.

Аз зиндагонии якҷояи шумо, Сабурҷону Ойгул, дар давоми чор сол ду тифли дӯстрӯяк, Акмалу Юлдуз ба олами ҳастӣ арзи вуҷуд карданд. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ иқтисодиёти кишвару мардум хеле қашшоқ гардид. Аз ҳамин сабаб мардум барои дарёфт кардани қути лоямут даста-даста озими кишвари паҳновари Руссия мешуданд.

Бе розигии ман, ту Сабурҷон, ҳамроҳи чанд нафар ошноҳои кӯчагият ба шаҳри Пензаи Федератсияи Русия фирор кардӣ. Дар давоми се сол аз ту на хатею на хабаре ҳаст. Модари Ойгул, Қундузой, омада келину ду набераи ширинамро гирифта бурд ва ҳашт моҳ мешавад, ки ба хона барнагаштаанд. Се моҳ мешавад, ки маризи бистариям, сад бор шукри Худо, ки ҳамсояам Ҳабибуллоҳу завҷааш, Мӯниса то ба дирӯз, ҳар субҳу шом, аз ҳолам хабар гирифта меистоданд. Имшаб, ки онҳо ҳам нестанд, ман ҷонамро ба исми ту, фарзандам Сабурҷон, ба Малак-ул-мавт таслим мекунам. Сабурҷон, наомадӣ, хайр майлаш, ман ҳам дар вақти ҷон додани падарам набудам, дар сари болини падар нагиристам, пояи тобути падарро нагирифтам ва ақаллан як бел хок ба болои қабри падар ҳаво надодам. Шояд ки Акмалҷон пояи тобути туро, Сабурҷон, мегирифта бошад?!

Дар дами марг, дар охирин нафасҳои ба шумормонда метарсам, ки зиндаҷудоӣ аз падару модар ва сангдилию бевафогӣ нисбат ба волидон, дар наслҳои минбаъдаи мо меросӣ шуда намонад, зеро ки ин амалу рафтору кирдор хоси бадбахттарини фардони рондашудаи даргоҳи Ҳаққанд. Алвидоъ, Сабурҷони бенишонам, алвидоъ, духтаракони яккаю танҳои мушти парам - Гулғунчаю Фотима! Ақаллан дар наздам пайдо мешудеду чун фариштаи раҳмат, магасҳоро аз болои чашму абрӯям мерондед, лабони сӯхтаамро бо қатраи оби хунук тар мекардед. Хайр ҳеҷ гап не, шуморо мебахшам, охир, шумо ҳам барои ин корҳо вақт надоред.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шумо ҳам фарзандонатонро чун ман дӯст медоред ва ба тарбияи онҳо машғулед… Ин буд охирин васияти пеш аз марг".

***(24 моҳи рамазони соли 1999)***

## *ДАР ҲАҚҚИ ПАДАР...*

Ҳама неку бади зиндагии оилавӣ - барору комёбӣ, ноҷӯрию нотифоқӣ, хушиву хурсандӣ ба ҳокими хона вобастагии зич дорад. Агар аз тарафи фарзандон волидон сазовори ҳурмату эҳтиром бошанд, пас он оила аз нигоҳи қонунҳои ҷамъият ва ислом бобақою пурфайзу босахо хоҳад буд.

Худованд фармудааст, ки: "Вассайнал инсонабил волидайҳи эҳсоно" (Фармудем ва таъин кардем некӯиро ба инсон аз барои падару модар).

Ривоят мекунанд Алӣ (р) аз Расул (с), ки фармуданд: "Ҳар гоҳе ки падару модар фарзандро овоз кунад, фавран ҳама кори худро монда, назди падару модари худ рафта, фармонбардории ӯро ба ҷону дил иҷро кунад ва агар эҳмол (таъхир) карда, тарки фармони онҳо кунад, ман безорам аз он шахс".

*Писареро падар васият кард,*
*К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд:*
*Ҳар ки бо аҳли худ вафо накард,*
*Нашавад дӯстрӯю донишманд!*

*Шайх Саъдӣ*

Моҳи охири тирамоҳи соли 2002 аз деҳаи Гулистон бармегаштам. Поёнтар аз деҳаи Мачитон дар истгоҳи беморхонаи маризҳои сили ҷумҳурӣ бо Сабур вохӯрдам. Дар аввал ӯро нашинохтам, зеро ки ӯ на ҳамон Сабури хушқаду қомати хушрӯйи даврони мактабхонӣ буд. Замоне духтарони деҳа ошиқу шайдои ӯ буданд ва дар дил орзу мекарданд, ки Сабур ба онҳо ақаллан боре гап занад. Сабур бо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шад, ба ин духтарон суханпардозӣ намекард ва нияти хонадор шудан ба духтарони деҳотӣ ҳам надошт, зеро ки ӯ ошиқу шайдои олуфтаи шаҳрӣ, Ойгул, буду ӯро аз ҷону дил дӯст медошт. Аз ҳамин сабаб Сабур зидди хоҳиши падар баромаду духтари эшони мулло Сайидро ба занӣ нагирифт.

- "Сабур, наход, ки ин шумо бошед, чандин сол мешавад, ки шуморо надидаам, дар ин муддат чӣ қадар тағйир ёфтаед, қариб буд, ки шуморо нашиносам", - ба чашмони худ бовар накарда гуфтам. Мӯйи сип-сиёҳаш монанди пахта сап-сафед, рухсораҳои суп-сурхаш мисоли заъфарон заб-зарди пажмурдаи пурожанг, қомати чун шамшод росташ ба монанди камон хам гашта, ба асодасте такя карда, базӯр рост меистод. Умуман, ӯ пирамарди 80-90-солаеро мемонд. Аз ин намуди зоҳирии Сабур дар аввал ҳайратам омаду дар охир дилам ба ҳоли зораш сӯхт.

- Сабурҷон, қариб буд, ки шуморо нашиносам. Чӣ шуд, ки ба ин ҳоли табоҳ афтодаед? - пурсидам аз ӯ.

Дар чашмони фурӯрафтааш ашк ҳалқа зад ва оҳи ҷигарсӯзе аз қалби пурдард кашиду хост сухане гӯяд, лекин сулфа роҳи нафасашро гирифту дурудароз ларзида, сулфид. Аз таъсири бемории вазнину сулфаи тӯлонӣ аз даҳонаш обу балғами зард ҷорӣ шуд. Бо рӯймолчаи чиркини зарду сиёҳгашта оби лабону ашки чашмонашро пок карда гуфт:

- Эй бародар, ғурури ҷунунию ҷавонӣ, ҳирсу нафси саркаши дунявӣ гӯлу гумроҳам карду ба гуфти падари дилсӯзу ғамхор ва панди авлиёҳои бешумор амал накардам. Дар дуроҳаи ҳаёти даҳрӣ надонистам, ки кадом аст роҳи ботилу кадомаш ҳақ, на аз пирони ҳақпараст, балки аз арӯси нафси золи дунёпараст гирифтам сабақ. Ҳосил аз амали ин сабақ буд, ки пас шудам ранҷуру бадбахту гадои дарбадар ва лаънаткардаи даргоҳи Ҳаққу зану фарзанд ва оқи падар, ки аз ҳамин сабаб оҳу нола, арзу зораи ман намекунад ба касе асар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҳар кӣ кор кард, зидди хоҳиши падар,*
*Рӯзаш, чун рӯзи мани гадои дарбадар.*

*В-аз зиндагониям шуд ҳеҷ ҳосил,*
*Дар роҳи бад, мукофотам шуд "сил".*

*Кардам фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,*
*Задам бар пойи худ сад бор теша.*

*Бародарҳо чунин арз дорам имшаб,*
*Ки як ҷони ширин қарз дорам имшаб.*
*Ҳаёту умри ман бигзашт ба хорӣ,*
*Ки шармсорам ба кирду корам имшаб.*

Баъди хондани ин абёти ғамангез боз дурудароз сулфида, ба тафсил давом дод:

- Дар ҳаёти худ ду хато ва ду гуноҳи азими нобахшиданиеро содир кардам, ки зиёни ин хатоҳою ин гуноҳҳо умри ҷавонамро хазон карда, ба ин ҳоли зоре, ки мебинӣ, оварда расондам. Хатою гуноҳи аввалам, бе розигии падар хонадор шуданам бошад, хатою гуноҳи дувумам, ин бе иҷозати падар азми сафари Русия карданам буд.

## ИШҚИ ЗАНИ РУС ДУНЁВУ ОХИРАТАМРО СӮХТ

Феврали соли 1996 бе дастури падари ғамхор, зану фарзандонам Ойгулу Эркин ва Юлдузро ба хонаи модарарӯсам Қундузой оварда мондаму ҳамроҳи ду рафиқи кӯчагиям озими шаҳри Маскав шудам. Шаш моҳ сарсону саргардон, дар растаю бозор, ҷангалу бӯстонсаройҳои ин шаҳри азим чӣ азобҳои сангинеро аз сар гузаронида, ташнаю гурусна умр ба сар бурдем. Доимо, аз милиса шаттаю шалоқ хӯрда, он рубли бо азоби алиму заҳмати сангин ёфтаамонро аз тарси ҷон ба онҳо медодем. Гоҳо моҳҳо, чун



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кирми лойхӯрак, корҳои гуногуни сохтмониро иҷро мекардему аз фиребу найранги миёнаравон ва ё соҳибони бади корхонаҳо, бо баҳонае аз музди меҳнат бенасиб мондем. Ду маротибаи дигар, баъди иҷрои корҳои пурзаҳмати тӯлонӣ бо баҳонаи бардурӯғи паст будани сифати корҳоямон, ба ҷойи гирифтани музди меҳнат қарздор шудем.

Баъди қарздор шуданамон, як моҳи дигар дар хонаи ҳамон яҳудӣ барои ҷуброни хӯрду хӯрок кори ройгон (бепул)-ро иҷро кардем. Дар корхонаю бӯстонсарои Борис Годунов, ки марди тахминан 32-33 сола буд, ман вазифаи ошпазро иҷро мекардам. Ман ошпази моҳир будам, зеро ки ин касбро ба ман модарарӯсам, Қундузой, ёд дода буд. Таомҳои пухтаи ман ба Борис, ки ҳамсинну соли ман буд, бисёр писанд омад. Дар рӯзи мавлудаш, ки ба якуми май рост омад, маро барои тайёр кардани оши палави тоҷикӣ ба хонааш даъват кард. Хонааш дар шаҳри Орехово-Зуевои назди Маскав ҷойгир шуда буд. Ду рӯз пеш аз ҷашни мавлудаш маро бо мошини тамғаи "Ҷип"-и хизматияш ба хонааш оварда, бо модараш, Белла Годунова, шинос кард:

- Модарҷон, ин кас Сабур Собирович, ошпази беҳтарини тоҷик, ҳама гуна таъомҳоро ба дараҷаи аъло пухта, тайёр карда метавонад. Дар давоми ҳамин ду рӯзи боқимонда дастархони ҷашнӣ сад фоиз тайёр бошад, - гӯён ба ман муроҷиат кард. Модараш барои ману Борис қаҳваи гарм овард. Қаҳваро нӯшидему Борис хайру хуш карда, ба бӯстонсарой баргашт. Ману Белла Годунова танҳо монда, дергоҳ сӯҳбат карда нишастем. Ӯ зани сап-сафеди зебо буд, лекин солхӯрда буд. Баъди як моҳ ӯ ҳам рӯзи мавлуд дошт ва ба синни муборaки 55 қадам мемонд.

- Чӣ хуб, ҳамсоли писарам Борисҷон будаед! Ӯ каме аз шумо калонтар, яъне панҷ моҳу 21 рӯз.

Баъди аҳволпурсӣ Белла Годунова афзуда гуфт:

- Сабур, ман туро Серёжа ном мебарам, оё намеранҷӣ?

- Не, ҳаргиз!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ӯ гуфт:

- Серёжа, медонӣ чӣ, аз ҳама давраҳои ҳаёти инсон, хубтарину беҳтарин, яъне авҷи камолоти мард, ин синни 33-солагии ӯст. Дар ин синну сол мард ба ҳар як кор қодир аст, чуноне ки дар китобҳои муқаддаси мою шумо "Инҷил" ва "Қуръон" оварда шудааст: "Фардо, дар рӯзи растохез, яъне қиёмат, ҳама марду зан дар синни мубораки 33-солагӣ бармехезанд".

Баъди ҳазлу шӯхӣ, ӯ аз ман хоҳиш кард, ки ин бегоҳ барояш чанд навъ таоми беҳтарин пазаму ҳунари ошпазии худро нишон диҳам. Дар ошхона тамоми намуди озуқа тайёр буд. Ман ҳунари худро нишон доданӣ шуда, се намуд хӯроки беҳтаринро тайёр кардам. Хонаи ин зан ба қасри шоҳона шабоҳат дошт. Таомҳоро тайёр карда, дар сари мизи хонаи хӯрокхӯрияшон дастархон густурдам. Аввал таоми якумро ҳамроҳи дигар газакҳои тайёркардаам ҷо ба ҷо гузоштаму дар ошхона дам гирифта нишастам. Ногаҳон Белла маро ба сари дастархон даъват кард, аммо ман узр хоста рад кардам. Ӯ бори дигар даъват карда гуфт:

- Ин хонаро аз они худ дон! Мана ин либосҳои хонапӯширо гиру даромада, дар ҳаммом шустушӯй карда, омада дар сари дастархон нишин. Ҳамроҳ хӯроки шомро мехӯрем, ман танҳо хӯрок хӯрданро хуш надорам.

Ман аз тарс ё ягон ҳисси дигар, хоҳиши ӯро рад карда натавонистам. Сару либоси навро ба даст гирифтам, ки аз он бӯйи муаттари атри фаронсавӣ ба машом мерасид. Дар ҳаммом шустушӯй намуда, либоси навро пӯшидам. Росташро гӯям, худро дар оина қариб буд, ки нашиносам.

Пас аз кашидани таом, ӯ ба шишаи шампони дар ҷевон истода, ишора карда гуфт:

- Ту чӣ хел йигити тоҷикӣ, ки шампонро намекушоӣ ва ба зан хизмат намекунӣ?

Ман суп-сурх шуда, карахт шуда мондам. Росташро гӯям, ҳеҷ гоҳ шароб нанӯшида будаму дар шаробнӯшӣ ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

занҳо ҳам хизмат накарда будам. Белла бори дигар бо як табассуми ширину тарзи ҳалимона муроҷиат карда гуфт:

- Писарам, хиҷолат накаш, шарм надор, ман модарат мешавам, ба ман хизмат кунӣ, соҳиби ҳама чиз, яъне молу сарват мешавию ба хонаат бо пули калон бармегардӣ.

Вақте ки исми поку муқаддаси модарро ба забон овард, ман дилпур гардида, аз ҷевон шишаро гирифта, даҳони шампонро кушода, дар як қадаҳ рехтаму ба қадаҳи дигар шарбати мандарин рехтам. Ӯ ҳайрон-ҳайрон ба сӯям нигариста, гуфт:

- Чаро дар қадаҳи дигар шароб нарехтӣ?

- Мусулмонзодаам, дар ҳаётам шаробро нанӯшидаам, - гуфтам.

- Йигит, нанӯшида бошӣ, акнун менӯшӣ!

Чӣ илоҷ, аз тарсу зарурат нӯшидам, ки аз кор пешам накунад. Баъд хӯрокҳои дуюму сеюмро пайи ҳамдигар кашидан, қадаҳ мебардоштем. Баъди холӣ шудани шишаи шампон, ба нӯшидани "коняк" сар кардем. Аз соати шаши бегоҳ то соати дувоздаҳи шаб ҳамроҳи Белла менӯшидему дар атрофи ҳар як ҳодисаю воқеа ва корҳои гузаштаюояндаи зиндагӣ баҳс мекардем. Дар охир Белла суруди шӯхеро дар фиттаи магнитофон монда, риштаи сӯҳбатро ба дигар тараф гардонда, аз олами ишқу ошиқӣ гап мезад:

- Шавҳарам панҷ сол пеш аз бемории сил вафот кард. Аз он замон то ба имрӯз ба ягон мард наздик нашудаам ва ҳеҷ касро дӯст надоштаам. Гарчанде чандин ҷавонони аз худам 10-15 сол хурд изҳори муҳаббат карда бошанд ҳам, ман рад кардам. Серёжа, шумо ба шавҳари ман хеле монанд ва мисли ӯ хушрӯю ҳунарманд ҳастед, шуморо дӯст доштам. Шуморо дидаму аз нав ҷавон гаштам ва дар дилам ишқ пайдо шуд, - ниҳоят ба сари мақсад омад зан.

Дар суханони охирини ин зани 55-сола, ки аз ман 22 сол калон буду дар аввал ба ман писар гуфта, муроҷиат мекард, ҳайрон шуда, моту мабҳут мондам. Оҳиста-оҳиста ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

худашро ба ман наздик кардан гирифт. Ман бошам рамида-рамида, худро дур гирифтам. Ба тадриҷ таъсири шароб ғолиб омаду ақлу ҳушамро тира кард. Дигар чӣ мегузашт, фаҳм карда наметавонистам. Вақте аз хоб бедор шудам, худро дар оғӯши Белла дидам. Хостам, ки оҳиста аз бистар хезам, вале ӯ бедор шуду маро боз сахттар дар оғӯш кашид. Гуфт:

- Серёжа, ту ба ман маъқул шудӣ, дар ҳақиқат йигит будаӣ. Аз ҳамин соату аз ҳамин рӯз, ту аз они ман ҳастӣ, туро ба ҳеҷ кас намедиҳам!

Дар ҳақиқат, шаш сол дар хизмати ӯ будам. Ӯ гӯё шоҳзода, парии духтари ҷодугар буду маро сеҳр карда, дар пушти кӯҳи "Қоф" нигоҳ медошт, ки на зану фарзанд, на падару модар ва на ватану зодгоҳ ҳеҷ гоҳ ба ёдам намеомад. Ин зани калонсол дар чашмам чун духтари ҳаждаҳсолаи паризод менамуду дӯсташ медоштам. Кори вазнин намекардам, танҳо вазифаи ошпазию ронандагии ӯро иҷро мекардам. Рӯзона ба мошини тамғаи хориҷӣ савор шуда, ба сайру саёҳат мерафтему субҳу пешину шом таом тайёр мекардам. Аз соати ҳафти бегоҳ то соати ҳафти пагоҳӣ дар бистари гарму нарму гуворо дар "хидматаш" будам ва ҳеҷ хаста намешудам. Белла дар ишқварзӣ чунон сайёди моҳире буд, ки сайди ба домаш афтода ҳеҷ гоҳ аз ӯ дил канда наметавонист. Ҳама гуна тарзу усулҳои ишқварзиро медонист ва иҷро мекард.

*Гӯё ман чу Вомиқаму ӯст Узроям,*
*Ҳамчун Юсуфам ошиқи Зулайхоям.*

Бо гузашти айём, оҳиста-оҳиста осори заифию сустиро дар ҷисму ҷонам эҳсос мекардам. Ӯ ин сустии маро пайхас карда аз куҷое, ба ман доруҳои махсус оварда мехӯронд, ки дар аввал қувваи шаҳвонии пештараамро то як муддати муайян барқарор мекард. Оҳиста-оҳиста ин доруҳо дигар таъсирам накарданду дар ҷисмам сустию лоғарӣ асар кардан гирифт. Рӯз то рӯз лоғар мешудам, гоҳ-гоҳ дурудароз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сулфа мекардам ва баъди он ҳарорати баданам баланд шуда, то ба чиҳил дараҷа мерасид.

Ин ҳолати ногувори ман боиси дилсардии Белла гардида буд ва муносибаташ тамоман дигаргун шудан гирифт. Баръакси ман ӯ рӯз то рӯз ҷавону зебо мегардиду чун гули тару тоза мешукуфт. Умуман, се ҳафта мариз шуда, дар беморхона хобидам. Духтурон гуфтанд, ки шушат хунук гирифтааст.

Ин хабарро Белла шунида гуфт:

- Серёжа, ту мариз ҳастӣ, бемории гузаранда дорӣ ва бояд дар хонаи дигар хоб кунӣ.

Ҳамин тавр, як моҳ дар бӯстонсарояш, ки 5 км аз хонааш дур буд, хоб кардаму каме ба худ омадам. Дар давоми ин як моҳи ҷудоӣ, аз хоби ғафлати шашсолаам бедор шудам. Ба худ меандешидам:

- Худоё, ман хобам ё бедор, девонаам ё ҳушёр, ки дар давоми шаш сол ҷисми солиму умри ҷавониямро хазон карда, барбод додам. Ба падари ғамхору хоҳарони меҳрубон ва зани ҷавону фарзандони чашминтизор хиёнат кардам. Дар давоми ин шаш сол ба онҳо ақаллан пули пучаке равон накардаму аз ҳолашон бохабар нашудам. Барои кӣ кор кардам, канӣ музди кори шашсолаам?! Ҳамаашро дар кайфу сафо ва маишат сарф кардам. Дареғ, сад дареғ, хато карда будаам! Акнун ин кайфу сафо заҳри танам мешаваду чун хуну зардоб аз биниям меояд.

Баъд аз як моҳ, субҳи барвақт аз хоб хеста, дасту рӯямро шуста, ба мошини сари роҳ савор шуда, ба хонааш омадам. Хостам, ки назди Белла рафта, гӯям, ки ба ватан барои табобат гирифтан бармегардам, ту музди ваъдакардаатро деҳ ва ман худро аз ин бемори табобат карда, баъди як ё ду моҳ боз ба наздат барои хизмат меоям.

Вориди ҳавлӣ шуда, тугмачаи дарро зер кардам, ҳеҷ кас дарро накушод. Бори дигар зер кардам, ҳамин тавр бист дақиқа интизор шудам. Ногаҳон, дар кушода шуду як ҷаво-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ни қавиҳайкал, дасту остин барзада, дар сари ангуштон корди дудамаеро бозӣ доронда, ба сӯям омада, бо сиёсат гуфт:

- Ара, чего хочеш? Отвали отсюда, сейчас зарежу!

Аз ин вохӯрии нобаҳангом, дасту пой гум карда "Белла, Белла" гуфта, баланд садо кардам. Дар ҳамин вақт дар кушода шуду Белла бо нозу карашма баромада, ба он ҷавони ғӯлмонанди чун ман гӯлу гумроҳ муроҷиат карда гуфт:

- Армен, зайди домой, я сама с ним разберусь.

Армен бо корди дар дасташ буда, бозикунон вориди хонаи хоби Белла шуд. Белла бошад, бо нозу карашма ба ман наздик шуд:

- Серёжа, чӣ мехоҳӣ?

- Худат ваъда карда будӣ, ки дар вақти ба ватанат баргаштан, барои аҳли оилаат 2000 доллари амрикоӣ медиҳам, барои ҳамон омадам. Бо ин пул дар ватан худро муолиҷа карда, боз ба наздат барои хизмат бармегардам.

Бо шунидани суханони ман ӯ қоҳ-қоҳзанон хандид:

- Оҳ, нодони гӯлу гумроҳ! Ту худ медонӣ, ки беморият шифоёбанда нест. Инро маризи силли (туберкулёз) гузаранда меноманд. Шавҳари ман ҳам ба ҳамин бемори гирифтор шуда, бо азобу сахтиҳои зор аз олам даргузашт. Боз ту ба назди ман нияти баргаштанро дорӣ?! Дигараш ин, ки дар беморхона, барои табобати ту 3000 доллари амрикоӣ харҷ кардам. Ҳоло ту аз ин ҳисоб аз ман 1000 доллар қарздор ҳастӣ, бояд онро баргардонию баъд ба ватанат раҳсипор гардӣ!

*Аз дасти ту аз биҳишт афканда шудам,*
*Дар пеши Худо хуб будам, ганда шудам.*
*Аз макру фусуну ҳилаву найрангат,*
*Шармандаю шармандаю шарманда шудам.*

Дар баробари шунидани ин суханони маҳбубаи ба ҷону дилу ҷигар баробарам, чӣ гуфтанамро надониста, сулфа гулӯгирам кард, ки дуру дароз сулфидам ва дар охир ниҳо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ят дилшикастаю ноумед шуда, чун кӯдак зор-зор гиристам. Аз гиряҳои талх-талхи ман, раҳм дар қалби Белла Годунова асар карду аз сумкачааш 450 доллари амрикоиро бароварда дод:

- Серёжа, дилам ба ҳоли табоҳи ту сӯхт, ҳаминро гиру ба ватанат баргард. Агар як сухани бечойи дигар гӯӣ, Арменро ҷеғ мезанам, саратро аз тан ҷудо карда, дар ҳамон чоҳи даҳметрае, ки худат канда будӣ, пинҳонат мекунад. Дар давоми садсолаҳо касе ҷасадатро намеёбаду тифлаконат дар орзуи дидори падар солҳои сол интизорӣ мекашанд.

Чӣ илоҷ, 450 долларро гирифтаму аз тарс даҳҳо маротиба раҳматаш гуфтам. 200 долларро роҳкиро кардам ва дар давоми шаш соли корию ҷудоӣ аз ватану падару хоҳар ва зану фарзанд аз кишвари Русия бо 250 доллари амрикоӣ ба ватани азиз баргаштам. Дар давоми ин шаш сол, бемории силли гузарандаро аз шавҳари марҳуми Белла Годунова, ҳамроҳи либосҳояш ба мерос гирифта, дар беморхонаи Мачитон шарбати дарди ҳиҷрону ҳасрати бепоёнашро мечашам.

*Дар бистари беморӣ чу бедор шудам,*
*Аз неку бади ҷаҳон хабардор шудам.*
*Бар қадри азизону бузургон нарасидам,*
*Дар ҳасрати зиндагӣ ҳама зор шудам.*

## *ОҚИБАТИ САФАРИ РОССИЯ*
### (аз сафар марази бедаво овард)

Мани ранҷур, аз таъсири шароити на он қадар хуби қатора дар роҳ сулфаам зиёд шуду хастаю бемадор шудам. Ҳамҳуҷрагони дар қатора будаам, аҳволи зори маро дида, ҳамчун қарзи инсонӣ ёрию кӯмакам мекарданд. Қатораи самти Маскав - Душанбе соати шаши бегоҳӣ дар истгоҳи шаҳри Душанбе омада расид. Мани ҷавони сиюнӯҳсола,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шабеҳи пирамарди фартути навадсола ба асодастаам такякунон, аз зинаҳои ҳуҷраи қатора, бо як азоби алиме фаромада, оҳиста-оҳиста қадам гузошта, дар саҳни истгоҳ истода дам гирифтам. Гӯё ман касеро ва ё чизеро меҷустам, лекин касе аз омаданам хабар надошт ва агар хабар медошт ҳам, аз ташрифи нобаҳангомам хурсанд намешуд. Баръакс, чандин хешу таборонро дар ташвишу хиҷолат мемондам.

- Ако, борхалтаатонро ба ман диҳед. Ба куҷо меравед, бурда мерасонам, - аҳволи зорамро дида гуфт нафаре. Ин ронандаи таксӣ буд, ки риштаи тахайюлоти маро канда парешон кард.

- Ман он қадар пули бисёр надорам, ки то деҳаи Навобод баред, - гуфтам ба ронандаи таксӣ.

- Майлаш, чӣ қадаре ки ҳиммат кунед, аз рангу намудатон маълум аст, ки шуморо дар роҳ ғорат кардаанд.

Сир бой надода, ба таксӣ нишаста, роҳи деҳаи кӯҳиро пеш гирифтем. Ба зодгоҳи азизу хоки поки ватан наздик мешудам, давраҳои ҷавониям ба ёд меомад. Диёри мардум, ғарибӣ чӣ даҳшате дорад. Мардум беҳуда намегуфтаанд, ки "гов дар диёри мардум гӯсола аст". Ватани азиз барои марди ғарибгаштаи ҷафокашида, ки баъди ҷудоиҳои тӯлонӣ ба он бармегардад, чӣ нашъаю кайфияте дорад. Ҳар як буттаю дарахт, кӯҳу пушта, ҷӯйю дара ва сангҳои сари роҳи зодгоҳам Навобод, бароям шиносу азиз буд. Зеро даврони тиллоии умр кӯдакию наврасиямро дар ҳамин ҷойҳои муқаддас гузаронидаму аз нашъаи гуворои боду ҳавои кӯҳистон нафас кашида, лаззат бурда будам. Фарзанди эркаи падару модар будаму чӣ будани ғаму дард ва меҳнату заҳмати дунёро намедонистам. Ба дарахти чормағзи яккаи назди деҳа наздик шудаму солҳои кӯдакиям ба ёд омад, ки ҳамроҳи падар рӯзҳои навбати пода, дар сояи ин дарахти чормағзи азим нисфирӯзӣ истироҳат мекардем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Орзу дорам, ки туро хонандаи Қуръон кунам ва пас аз он ба ягон мактаби олӣ дохил шавию инсони комил гардӣ, пас бимирам, дигар муроду ормоне дар дил надорам, - насиҳаткунон мегуфт падарам.

Ин орзуҳои амалинагаштаи падар ба ёдам омаду дилам таҳ кашида, худ ба худ аз кору кирдорам шарм кардам ва санги пушаймонию маломат бар сар мезадам. Писарчаам, Акмалҷони дӯстрӯяку духтарчаам, Юлдузхони хандонакро хеле пазмон шуда будам. "Дар баробари ворид гардидан ба хона, аввал падари азизамро ба оғӯш кашида, мебӯсаму сонӣ бахшишу афв металабам. Акмалҷону Юлдузҷонро ба сари китфонам бардошта, гирд-гирди ҳавлиямон метозам. Ойгулҷонро бошад, шоду хурсандаш намуда, узри гуноҳонамро аз ӯ мехоҳам", - ба дил меандешидам.

Ногаҳон, садои ронанда, гӯё аз хобу хаёлҳои ширин бедорам кард:

- Ако, хонаатон дар кучҷои деҳа ҷойгир аст?

Сар бардошта, ба атроф назар афкандам, ки хонаамон аз дур намоён шуд.

- Дар назди ҳо ана ҳамон дарвозаи сабзи кӯҳна истед!

Мошин дар назди дарвоза истоду як борхалтаро ман, борхалтаи дигарро ронанда бардоштем. Ӯ борхалтаи дар дасташ будаpо оҳиста ба китфаш гузошт, ба фикрам хаёл кард, ки дар ин борхалтаҳо чизҳои қиматбаҳо ҳаст. Намедонист, ки либосҳои кӯҳнаи хонагию кориро аз бӯстонсаройи Белла Годунова ҷамъ карда, бо худ овардаам. Ронанда пешдастӣ карда, дарвозаро кушода, садо баланд кард:

- Бобои Собир! Ҳой бобои Собир!

Зани миёнсоли фарбеҳи сиёҳҷурдаи лӯлиандом дари хонаро кушод ва бо қавоққҳои гирондаи ғазаболуд гуфт:

- Ҳа, ҳа, чӣ гап, оё ту девона-певона нестӣ мегум, охир ту худат кӣ ва чӣ мегӯӣ?

Ронанда аз ин суханони нешдори зан ҳайрон шуда, бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нармӣ гуфт:

- Янга, шумо ба Сабур кӣ мешавед? Бобои Собирро гӯед, ки писараш аз Русия баргаштааст.

Овози ғазаболуди зан аз пештара дида, баландтар шуд:

- Нагуфтам, ки ту кадом як девонаӣ, девона набошӣ, намедонӣ, ки бобои Собират кайҳост, ки дар қабристон хоб асту писараш Сабур дар Маскав беному нишон гардидаast.

Дар баробари шунидани ин суханон, борхалта аз дастам афтиду худ якпаҳлӯ ба замин афтода бе ёд шудам. Чӣ қадар вақт гузаштааст, намедонам. Ҳангоме ба ёд омадам, ки дар меҳмонхонаи ҳамсояамон хобаму Ҳабибуллоҳу занаш Мӯниса дар болои сарам истодаанд. Сар бардошта, ба Ҳабибуллоҳу занаш бо изтироб нигаристам.

- Ҳамсояҳо, падарам канӣ, зану фарзандонам ба куҷо рафтанд, он зан дар хонаи мо чӣ кор мекунад?

Фурсати ҷавоб гардондани онҳо нашуда, тез-тез онҳоро саволборон мекардам. Ба ҳоли зори ман раҳми Ҳабибуллоҳу занаш Мӯниса омад, ки онҳо гирён шуда бо нармию дилсӯзӣ гуфтанд:

- Сабурҷон, ором шав, хез каме чой нӯш, аз роҳи дур омадаӣ, гурусна ҳастӣ, ҳеҷ гап нест, ҳамааш хуб аст.

Хеста, ба болишт такя карда, нишастам. Дар як они воҳид дастархон густурда шуд, гурусна будам, аммо аз гулӯям об намегузашт. Тамоми ҳушу хаёлам ба забону гуфтори ҳамсоя банд буд, ки ба саволҳои ман чӣ хел ҷавоб мегардонда бошад. Ин ҳолати маро онҳо пайхас карда буданд:

- Сабур, ба тақдири Худо тан деҳ, шукру сабр кун, ки зинда будаӣ. Падарат дар орзуи дидори ту дунёро падруд гуфт. Баъди марг аз зери болинаш ана ин "Васиятнома"-ро ёфтем, ки бароят ба ёдгорӣ гузоштааст, - гуфта, онро ба ман доданд.

Номаи падарро чун тӯмор бӯсида, ба дидагон мемолидаму такрор ба такрор мехондам ва санги маломат бар сар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зада, зор-зор мегиристам. Баъди гиряву нола ва оҳу фиғони тӯлонӣ каме ба худ омада, сабук шудам ва ба акои Ҳабибуллоҳ бори дигар бо тааҷҷуб савол додам:

- Дар хонаи мо он зани бадгуҳари бегона чӣ кор мекунад?

- Вақте ки падарат аз дори дунё гузашт, дар хонаатон як тини пучак ва ҳатто як метр суфи сафедро барои кафан кардани ҷасадаш ёфт карда натавонистем. Хоҳаронат ҳамроҳи шавҳаронашон, пас аз марги падарашон омаданд. Онҳо дар назди муллою раиси маҳалла изҳор карданд, ки нони хӯрданӣ надоранд, барои харҷи маросимҳои дафну худоиҳо ягон тин кӯмак карда наметавонанд. Дар шоҳидии мулло Талбак ва хоҳаронат акои Каттахӯҷа сесаду панҷоҳ сомонӣ бароварда, дар болои маит (мурда) партофт ва мулло дуо кард. Бо ҳамин маблағ харҷи маросими дафнро раиси маҳалла акои Каттахӯҷа худаш гузаронид. Баъди гӯронидани падари раҳматият, акои Каттахӯҷа мулло Талбакро ба хона оварда, дар шоҳидии хоҳарону язнаҳоят мероси падаратро тарака карданд. Пас аз марг молу сарвати падарат ғайр аз ҳамон хонаи зисташ дигар чизе набуд. Меросхӯрон танҳо ҳарду хоҳаронат ба ҳисоб мерафтанд ва туро мурдаи бе ному нишон гуфта, шаҳодат дода буданд. Мулло Талбак бо маслиҳати Каттахӯҷа, хонаро 1000 доллари амрикоӣ нарх монда, ба бародари Каттахӯҷа Валӣ, бо ҳамин нарх фурӯхтанд. Пули хонаро акои Каттахӯҷа дод, охир ӯ бо бародараш дар як хона, хонаи аз падарашон меросмонда, якҷоя мезистанд. Зани Валихӯҷа, зани шаттоҳи ҷанҷолӣ буд, аз ҳамин сабаб, Каттахӯҷа, ҳарчӣ тезтар мехост, ки аз ҷангу ҷанҷоли занҳо халос шаваду хонаи калони падар танҳо аз они ӯ шавад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Хабари фурӯхтани хона ба гӯши зану модарарӯсат ба шаҳри Душанбе рафта мерасад. Онҳо баъди маросими ҳафти падарат, бо ду се нафар авбошони роҳзан (рекетҳо) шабона омада, ҳаққи Акмалу Юлдузхон гуфта, 500 доллари пули



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хонаи фурӯхташударо аз дасти хоҳаронат зӯран кашида гирифта, ғайб заданд. Панҷсад доллари боқимондаро хоҳаронат гирифта, байни ҳамдигар тақсим мекунанд ва ҳамин пулҳоро роҳкиро карда, ҳамроҳи шавҳаронашон ба кишвари паҳновари Русия мераванд, ки то ба ҳол аз онҳо на пай ҳасту на ҳайдар. Мо, то чилрӯзагии рӯзи вафоти худораҳматӣ ҳамроҳи Мӯниса, дар роҳи Аллоҳ душанбегию ҷумъагияшро карда, ду-се ҳамсояро ҷеғ зада, дар ҳаққаш дуои хайр мекардем. Дар маросими рӯзи чил бузғолачаеро хун карда, даҳ-понздаҳ одамро даъват кардему мулло Талбак оят хонд. Баъд аз он росташро гӯям, аҳволи зисту зиндагониям вазнин шудан гирифт, дигар дар ҳаққаш ҳеҷ кореро ба сомон расонида натавонистем. Аз байн чандин сол гузашта бошад ҳам, то ҳол маросими соли падаратро касе нагузарондааст.

Пас аз шунидани ин суханони ҳузнангези акои Ҳабибуллоҳ номаи падарро такрор ба такрор мехондаму мегиристам. Шабро дар хонаи ҳамсояи хуби беҳ аз хеши дур, рӯз кардам.

## *ЗАНЕ МУТАЛЛИҚИ ДУ ШАВҲАР*

Бо ҳамроҳи Ҳабибуллоҳ, субҳи содиқ дар ҷустуҷӯйи зану фарзанд, ки баъд аз падар умедам танҳо ба онҳо монда буд, озими шаҳри Душанбе шудем. Роҳи маҳаллаи Кӯҳдоманро пеш гирифтему тугмачаи занги хонаи модарарӯсамро пахш кардем. Дар кушода шуду мӯйсафеди қавиҳайкале аз пасаш писарчаи зебою дӯстрӯяки 9-10 солае, аз дарвоза берун шуданд. Мӯйсафед, ки дар тан либоси таҳпӯши варзишӣ дошт, мағрурона пурсид:

- Ба шумо кӣ лозим?

Ман гуфтам:

- Ба ман зану фарзандонам, Ойгулу Эркинҷону Юлдузхон, лозиманд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар баробари ин ҷавоби ман, афту башараи ин пирамард тағйир ёфта, шери бадхашми бағазабомадаро мемонд. Он кӯдаке, ки аз думболи пирамард омада буд, раҳмгинона ва бодиққат ба  ман менигарист. Шери бахашмомада, бо дасташ ишора карда гуфт:

- Даҳ дақиқа сабр кунед ва худаш ҳамроҳи писарча гашта вориди хона шуданд.

Баъд аз даҳ дақиқа, пирамард ҳамроҳи модарарӯсам бо шитоб ба назди мо омада, яку якбора ҳарду бо як овоз гуфтанд:

- Ҳай лаънаткардаи зану фарзанди оқи падар, магар ту зинда будаӣ?! Дар ин шаш сол дар кадом гӯру лаҳад мегаштӣ, ки аз ту ягон хату хабар набуд. Одамони аз Русия омада, хабар меоварданд, ки ту мурдаӣ. Ҳоло ту зану фарзанд надорӣ, агар дошта бошӣ ҳам, ӯ талоқ шудааст, - гуфтан замон Қундузой аз ҷайбаш коғазеро бароварда, ҳамчун ҳуҷҷати раднашавандаю тасдиққунанда, ки бо ҳуруфи арабӣ навишташудаю бо мӯҳр тасдиқкардашуда буд, нишон дода гуфт:

- Ана, ин гувоҳномаи хати талоқ, ки домулло ба ман дод!

Ман гуфтам:

- Охир, шумо нодуруст ба домулло савол кардед. Хайр майлаш, фарзандонам куҷоянд?

Модарарӯсам гуфт:

- Ту сакалту, чӣ тавр исбот карда метавонӣ, ки зану фарзанд дорӣ?! Канӣ, ба ман нишон деҳ шаҳодатномаҳои ақди никоҳу таваллуди фарзандонатро бинем!

Ба ин саволҳо ҷавоб дода натавонистам, зеро ки дар вақташ ба никоҳи суннатии домулло қаноат кардаму аз қайди хонаи ақди сабти никоҳи расмӣ нагузашта будам.

Пирамарди дасту остин барзада, аз гиребонам дошта, аз худаш ду ваҷаб баланд бардошта, дар болои хоктӯдаи сари роҳ чун тӯрбаи пур аз каҳ ҳавоям дода, гуфт:

- Ҳай оқи падар, агар як бори дигар зану фарзанд гӯӣ ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ё қадами нопокатро ба ҳамин тарафҳо гузорӣ, реза-резаат мекунам!

Ба ин қаноат накарда бо пояш гулӯямро пахш кард. Гумон кардам, ки аз дасти ин сайёди аҷал сад ҷон дошта бошам, амон намеёбам. Худованд раҳми мани беморро хӯрд, ки ҳамсояашон, як ҷавони некхоҳ давида, аз дасти пирамарди ғулмонанд дошта, илтимос кард ва ҷонамро аз маҳвшавӣ наҷот дод. Қундузой бошад, аз гиребони Ҳабибуллоҳ дошта, дод мегуфт:

- Ҳой лаънатиҳо, чӣ ҳуқуқ доред, ки дар рӯзи равшан хонаамро ғорат мекунед, милиса ҷеғ мезанам…

Ин ҷавони паҳлавон, гиребони Ҳабибуллоҳро низ аз дасти ин аҷуза раҳо карда, ҳардуи моро пеш-пеш карда, то маркази шаҳр овард ва насиҳат карда гуфт:

- Шумо медонед, ки ин пирамард кист? Номаш Шермату тахаллусаш "Шағол", яъне Шермати Шағол номаш мебаранд. Ӯ дар вақташ аъзои фаъоли яке аз тарафҳои даргири ҷанги шаҳрвандӣ, аз тарафҳои Турсунзода буда, падараш туркнажоду модараш эроннажод аст, яъне дурага мебошад. Аз дасти ӯ ҳар кор меояд, қатли одам барояш кори осону анъанавист. Эҳтиёт шавед. Ӯ бебаҳра, безурёт аст, аз ӯ фарзанд намешавад, аз ҳамин сабаб Ойгулро ба занӣ гирифта, фарзандонатро бо қарору ҳалномаи суд, фарзандхонд карда, ному насабашонро ба ному насаби худаш ба расмият даровварда, барои онҳо шаҳодатномаи таваллуд гирифтааст. Ном ва насаби фарзанди калоният Акмалро, ки бо фарзанди ман дар синфи 4 мехонад, дар журнали синфӣ дидам, ки чунин сабт шудааст: Бӯрихонов Улуғбек Шерматович, лекин ном ва насаби духтаратро намедонам.

Ин ҷавони некхоҳ, ки номашро баъд ба мо муаррифӣ кард, Дилшод будааст, илова карда гуфт:

- Духтаратон дар боғча мебошад, биёед пинҳонӣ рафта, як маротиба ӯро бинеду ба тезӣ аз шаҳр баромада ра-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вед, ки Шермат, чун шағол аз паятон афтодааст, ки аз ӯ алҳазар…

Ҳарсеямон ба боғчае, ки Юлдузхон он ҷо тарбия мегирифт, рафтем. Аз мураббия хоҳиш кардем, ки Собирова Юлдузхон Сабуровнаро ба мо нишон диҳад. Мураббия гуфт:

- Мо ин хел духтарчаро бо ин хел ному насаб тарбия намекунем.

Дилшод журнали гурӯҳро талаб кард. Дар ҳақиқат, ин хел ному насаб дар журнал сабт нашуда буд. Дар ҷойи ин ному насаб, ному насаби дигареро Дилшод ба мо нишон дод, ки чунин сабт гардида буд: Бӯрихонова Ойқизхон Шерматовна. Мо ҳарсеямон аз мураббия хоҳиш намудем, ки Ойқизро ба наздамон биёрад. Дар аввал ӯ розӣ нашуд, баъд аз бист сомониро ба кафи дасташ часпондан, чун мум нарму ҳалим гардида, ӯро ба наздамон овард.

Оҳ фарзанд, чӣ қадар ширин аст. Дилам таҳ кашид, қариб буд, ки бе ёд шавам, ӯро ба оғӯш кашида, бӯсидам. Ӯ худро аз ман дур гирифта, ба гиря сар кард ва худро аз дастам раҳонида гурехта рафт. Пас мураббия гуфт:

- Ойқиз мегӯяд, ки падарам дар Русия вафот кардааст. Модар ба ҷойи ӯ падари нав, Шерматро аз бозор харидааст.

Дар баробари дар ҳаққам шунидани ин суханони дилрешкунандаи таҳқиромез ба замин нишаста, зор-зор гиристам. Ба ҳоли зори ман раҳми Дилшоду Ҳабибуллоҳ ва мураббия омада, ашки чашмонашонро пок карда, дилбардориям мекарданд. Ба ин зарбаҳои ҳалокатовари зиндагӣ маризиам даҳчандон авҷ гирифт:

*Забон дорам, вале гуфтор надорам,*
*Ба ғам дармондаам, ғамхор надорам.*
*Агарчи солим аст ин ҳарду поям,*
*Рафиқон, қуввати рафтор надорам.*

Ба хонаи Ҳабибуллоҳ баргашта, чор рӯз бемори бистарӣ шуда, хобидам ва рӯзи панҷум каме ба худ омадаму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бо ҳамроҳи ин ҳамсояи вафодорам ба беморхонаи Мачитон омадам. Ҳашт моҳ мешавад, ки дар ин ҷо хобам, ҳолам ба ҷойи беҳбуд ёфтан бадтар шуда истода аст, зеро пул надорам, дорую дармон қимат...

Имрӯз аз беморхона ҷавобам додаанд, куҷо, ба назди кӣ равам, намедонам. Дар гирдобу чорсӯи зиндагӣ дармондаам. Бародарон, чӣ кор кунам?!

*Шайтон зи хато ноқиси малъуну тар аст,*
*Ҳар кас, ки хато кард, зи иблис бадтар аст.*

*Рӯзи сиёҳе бар сарам,*
*Умре гадои ҳар дарам,*
*Сад арза дорам дар бағал,*
*Бар кӣ диҳам, бо кӣ барам.*

## *ДАР ИН ДУНЁ БАРОИ МАН ҶОЙ НЕСТ?!*

*То кай ғами бешумор мебояд хӯрд?*
*Заҳробаи рӯзгор мебояд хӯрд.*
*Чун лола барои хештанороӣ,*
*Хуни дили доғдор мебояд хӯрд!*

Дар баробари шунидани қисмати талхи Сабур ғам дар дилам хона карду ашк дар чашмонам ҳалқа зад. Дергоҳ дар баҳри андешаҳои дуру дароз ғарқ шуда, дар охир ба соҳил баромадам ва қудрати суханронӣ надоштам, зеро ки ғурбату ҷабр, ҷафои дунёи башарӣ дар гулӯям гиреҳ зада буд.

Пас аз лаҳзае ба худ омадаму оҳиста ва меҳрубонона гуфтам:

- Сабур, ғам махӯр, магар намедонӣ, ки бузургон фармудаанд:

*Аз ноумедиҳо басе умед аст,*
*Поёни шаби сияҳ сафед аст.*

Иншооллоҳ, шифо ёфта, ҷойи зист ҳам меёбӣ, ҳеҷ кас



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар кӯча намондааст.

Ӯ дар ҷавоб гирён шуд ва ғамгинона ҳасрат кард:

- Бародари ғамхору мушфиқ, шаби сиёҳи ман поён надорад ва дарди бедавоямро дармон нест. Дишаб хоб дидам, ки дар лаби ҷарии бепоёне овезонам ва бо як даст буттаеро медорам, то ки ғелида ба таг наафтам. Дар ин ҳангом худораҳматии падарам пайдо шуд ва фиғон бардошта нолидам. Дилаш ба ҳоли мани зор сӯхт ва гирён шуду дасташро дароз кард. Мехост, ки наҷотам диҳад, аммо ногаҳон занам Қундузой бо ҳамроҳи модараш пайдо шуда, пеши роҳи падарамро гирифтанд. Дар ин вақт, дастам аз бутта хато хӯрд ва ба қаъри ғори бетаги торик афтодам. Аз болои ҷарӣ садои падарам меомад, ки мегуфт:

"Сабурҷон, писарам ман туро наҷот доданӣ будам. Охир, ту ба гуфтаи ман амал намекардию ба хоҳиши зану модарарӯсат аробаи зиндагиро мекашидӣ! Аз ҳамин сабаб онҳо бо хоҳиши худ туро ба ин ғори бетаг гуселониданд. Ман чӣ кор кунам? Дилам ба ҳоли зори ту месӯзад, вале аҳволи мани гӯл аз ту беҳ нест. Хайр, ҳеҷ гап не, ба наздикӣ бо ҳам вомехӯрем" гуфта буд, ки аз хоб бедор шудам.

Пас аз ду соати хоби дидаам сардухтури беморхонаи шаҳраки Мачитон омада, ҷавобам дод. Аз ин хоби дидаам, яқин медонам, ки аз умри ман рӯзҳои ба шумор мондааст. Ман аз марг наметарсам, зеро ки кулли махлуқи зоянда миранда аст. Ман аз он метарсаму дар даҳшатам, ки чӣ тавр ва бо кадом азоб Малакулмавт ҷони маро қабз мекарда бошад?! Аз он метарсам, ки ҷойи зист надорам, дар куҷо, дар кадом кӯча ё лаби ғору даруни ботлоқе мемурда бошам?! Ман аз он шарм медорам, ки дар он дунёи абадӣ назди Худою Пайғамбар, падару модар чӣ ҷавоб медода бошам?! Забон мегашта бошад, ки дар даруни қабр ба саволҳои Накиру Мункар аз амалҳои хеш ҷавоб диҳам? Аз он дар даҳшату ҳаросам, ки ҷисму ҷони маҳзуни ларзонам ба азобҳои ҷаҳаннами Асфалассофилин тоб меоварда бо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шад?! Ку падари ғамхору модари меҳрубон, ку хоҳару бародар ё зану фарзанд, ки дар вақти ҷон додану мурданам, дар сари болину турбатам бошанд, то ки мурдан ба ман каме осонтару арзон шавад?! Кӣ дар сари турбати ман навҳа кашида, оҳу фиғон мебардошта бошад?! Кӣ маро аз баҳри Худо бо ду метр суфи сафед кафан мекарда бошад?! Пояи тобутамро сароғоз кӣ бардошта ба сӯйи манзили охират мебурда бошад?! Кӣ дар ҳаққи мани бесоҳиб як коса обу як пора нонро садақа медода бошад? Оҳ бародаре, дар қалби маҳзуну ҷигари сӯхтаи реш-реши худ ҳазорон саволҳои "кӣ, кӣ"-ю, "чӣ, чӣ" дорам ва онро пурра гуфта наметавонам. Ҳамаи ин саволҳои ҳасратиро дар дили хеш ба хоки хунуки сиёҳ мебарам, зеро ки ба дарду қалби маҳзуни ман касе малҳам шуда наметавонад.

Ҳамчун қарзи инсонӣ дар назди Холиқи арзу само, аз бағали Сабур дошта, ба мошин савораш кардам. Аз сабабе ки вазифаи котиби масъули шӯрои васоят ва парастории назди Ҳукумати шаҳри Ваҳдатро ба ӯҳда доштам, ӯро рост ба хона-парваришгоҳи пиронсолону бепарасторони шаҳрчаи Роҳатӣ овардам.

*Афсӯс, ки умр сарфи беҷо кардем,*
*Сармояи худ ба ҳеҷ савдо кардем.*
*Не ҷойи иқомату на рӯйи гаштан,*
*Ҷуз бод ба дасти хеш расво кардем.*

Бо сардори хона-парваришгоҳи пиронсолону бепарасторон, ки марди дилогоҳи фарҳангӣ аст, дергоҳ сӯҳбат намуда, шарҳи ҳоли Сабурро ба қадри ҳол фаҳмонда додам. Сардори ҳалиму дилсӯз розӣ шуд, ки ӯро ба ин макон қабул намояд. Ӯ духтурро ҷеғ зада, супориш дод, ки Собиров Сабурро аз назорати тиббӣ гузаронида, баъд дар ҳуҷраи дунафара барояш ҷой тайёр кунанд.

Духтур Сабурро ба ҳуҷраи кориаш даъват карда, қариб як соат бо ӯ сӯҳбат намуда, ҳуҷҷатҳояшро аз назар гузаронида, баъд аз муоинаи тиббӣ ба назди ману сардор омада гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Ин бепарастор ба бемории сили гузаранда мубталост ва сониян, ӯ хеле парешонхотиру асабист. Мо ӯро ҳамроҳи ягон бепарастор хобонда наметавонем, зеро ки беморияш ниҳоят хавфноку гузаранда аст, бо тезӣ ба дигарон мегузарад. Мо шароити тарбияи ин намуд бемориро надорем ва ҳақ ҳам надорем, ки ӯро дар хона-парваришгоҳи пиронсолону бепарасторон хобонем.

Сардор нафаси ҷуқур кашида, маънидорона сӯям нигарист. Гуфтам:

- Сардор, суханони духтур ҳақ аст, аммо мо мусулмонему мусулмонзодаем, қоидаю қонунҳои ҳақиқию абадӣ ва башардӯстӣ дар каломи Аллоҳ, яъне Қуръони азимушшаън ба пуррагӣ дарҷ шудааст. Наход ки мо хилофи он рафтор кунему мурдаи ин муслими бахтбаргаштаро дар кӯча монем ва ҷасади онро сагону паррандагон пора-пора карда бихӯранд?! Илтимос, ба ҳурмати Офаридгори кулли махлуқот ва Пайғамбари барҳаққаш, охирин маротиба некии ҳақиқию қарзи инсониро ба ҷой оварда, ӯро ақаллан як ҳафта, то рӯзи душанбеи оянда, дар хонаи алоҳида ҷой диҳед. Ман дар ин муддат барои ӯ ҷой пайдо мекунаму гирифта мебарам.

Сардор то дергоҳ ба андеша фурӯ рафта, пас духтурро ҷеғ зада, ӯро розӣ кунонд, ки то рӯзи душанбеи оянда барояш ҷой тайёр кунад. Ман ба назди Сабур омада гуфтам:

- Сабур, то рӯзи душанбе дар ҳамин ҷо хоб мекунӣ, баъд аз шаҳри Душанбе барои ту ҷойи мувофиқ меёбам.

Ӯ бо ҳасрат нигариста, базӯр табассум карда гуфт:

- Ҳазорон-ҳазор шукри Аллоҳ, ки ба монанди акои Ҳабибуллоҳу занаш янгаи Мӯниса, шахсони некхоҳ дар дунё будаанд. Садҳо ташаккур, бародари азизу ғамхор. Илтимос, барои мани бадбахт шумо заҳмат накашед, зеро ки зиндагӣ барои ман дар ин дунёи пурғавғо маъние надорад ва худ аз ин зиндагии тоқатнофарсо безор шудам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дорам диле аз нола кашидан оҷиз,*
*Бемори ғам асту аз тапидан оҷиз.*
*Дар буттаи ғам агар чӣ садбарг гудохт,*
*Чун оби гуҳар аз чакидан оҷиз.*

Ин аҳволи зори Сабурро дида, аз ғазаби Худованди ҷаббор метарсидам, зеро ки ман ҳам падари бемори 90-сола дорам, ки зиёда аз даҳ сол мешавад, бистарист. Дар давоми ин даҳ сол, мумкин боре, хизмати ӯро бо сабаби кору бори зиндагии дунёӣ ба тезӣ иҷро накарда бошаму ӯ аз ман ранҷида бошад. Худоё, дар қалби падари пири беморам раҳму шафқати падариро ҷой кун, то ки ӯ аз ман наранҷад ва биҳилам (афв) карда, гуноҳҳои содиркардаамро бахшад. Аз он метарсам, ки дар айёми ғурури ҷавонию нодонӣ, дар талаби ҷою мансаб, молу сарват, хизмати волидайнро ба хубӣ иҷро карда натавонистам. Акнун, ки умр ба ҷое расидааст, пушаймону дар гумон ҳастам, ки бо рафтору гуфтор ва кирдори худ дар саҳифаҳои сафеди қалби падару модари хеш, чӣ нақшҳои сиёҳеро кашидаам, инро худи эшону Худованди дилогаҳ медонад. Аз он метарсам, ки фардо рӯзи қиёмат, паҳлуи тарозуи аъмол бо хатҳои кашидаи сиёҳ дар қалби волидон вазнинӣ накунад.

*Ҳайф аз нафасе, ки толиби ҷоҳ шудем,*
*Ғофил бигузашт, аз ӯ на огоҳ шудем.*
*Гирем ба худ чӣ гуна мо номи накӯ?*
*Бо нафси амора ёру ҳамроҳ шудем.*

Баъд як миқдор пул бароварда ба ӯ додам, то ки барои харидани дорую дармон сарф кунад.

Сабур пулҳоро гирифта шумурда, дар рӯймолчае печонду дар таги болин пинҳон кард ва дар чашмони бенури фурӯрафтааш бори дигар ашк ҳалқа зад. Ӯ хост, ки ба ман изҳори миннатдорӣ кунад, лекин аз ҳаяҷон суханаш дар гулӯяш гиреҳ заду маҷоли сухан кардан надошт. Дар ҳамин вақт сулфаи дурударозе пайдо шуду дергоҳ оромаш нагузошт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман гуфтам:

- Хайр, паноҳат бар Худо, то рӯзи душанбе!

Ӯ ба сӯйи ман нигоҳи имдодталабонае карда, бори дигар гирён шуда гуфт:

- Бародар, ҷонамро даст гир, ки ғайр аз Худо касе надорам ва дар ин дунёи кушод намеғунҷам.

Баъди видоъ бо Сабур дар давоми як ҳафта, ҳамаи парваришгоҳу табобатгоҳ ва идораю вазоратҳои масъули шаҳри Душанберо давр зада баромадам. Дар ҳар идораю вазорати масъули бепарасторон аҳволи Сабурро муаррифӣ кардаму ҳуҷҷатҳои лозимаи ӯро, яъне таърихи бемориашро (история болезни) нишон додам, онҳо танҳо як суханро такрор мекарданд: "Бемории Сабур Собирович кухнаи хавфноки гузаранда аст. Ҳатто ӯро дар беморхонаи Мачитон хобондан ҳам мумкин нест".

Ман худ ба худ андешида савол дода мегуфтам: "Ин тавр бошад, барои Сабури оқи падар дар ин дунё дигар ҷой нест. Мумкин ӯ бо худ аз кишвари Русия бемории хавфноктарини дунё ВИЧ - СПИД-ро оварда бошад?".

Баъди як ҳафта, субҳи содиқи рӯзи душанбе, пас аз адои намози бомдод, дергоҳ ба фикри дар куҷо ҷой кардани Сабурро андешидаму ба Худои мушкилкушо муноҷот намуда, дуо карда гуфтам: "Бор Худоё, ту ҳакимӣ, доноӣ, мушкилкушоӣ, ба ҳурмати Пайёмбари барҳаққат ҳазрати Муҳаммад (с) ва ҳамаи пирони тариқати Хуфия, Ҷаҳрия, Ишқия ва Кибрия, мушкили Сабури гӯлу гумроҳи роҳгумкардаро осон намо. Худоё, хатою гуноҳ кардани мо бандагонат, аз ҳазрати бобокалонамон Одам (а) ба мо мерос мондааст. Охир, ӯ ба васвасаи шайтони раҷим дода шуду аз дарахти гандум тановул намуд ва худат, эй Худованди бузурги кирдугор, ӯро аз биҳишти абадӣ рондӣ. Парвардигоро, ҷони пуразобашро гиру ӯро аз маҳбаси ин дунёи пурзаҳмат озод намо, ки дар ин олам ғайр аз ранҷу заҳмат, дарду бало дигар чизеро надид. Худоё, яке аз исмҳои аъза-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

му бузургат Ғафур аст. Умед аз он дорам, ки ҳамаи он гуноҳҳои содиркардаашро афв намоию яке аз даричаҳои биҳиштро ба рӯяш бикшоӣ. Охир, Сабур подоши мукофоти амалҳои зишташро дар ин дунёи буқаламун (рангоранг) кашиду пушаймон гардида, тавбаи Насиҳо кард. Дигар барои ӯ дар ин дунёи кушоду паҳновар ҷой нест, Холиқо, мағфираташ кун, омин!

Баъди адои дуо, каме чой нӯшидаму ба мошин савор шуда, ба аёдати Сабур равон шудам. Дар роҳ худ ба худ меандешидам, ки ба ӯ чӣ гӯям ва ӯро ба куҷо барам?

Дар даромадгоҳи парваришгоҳ маро сардор пешвоз гирифта, ғамгинона гуфт:

- Бародари азиз, бемори овардаат вафот кард!

Ҳамроҳи сардор вориди ҳуҷраи Сабур шудем. Духтурон ҷасади ӯро дар сони сафеде печонда, манаҳашро ба тори сар баста буданд. Лекин аз кунҷи лабонаш хуни сурх ҷорӣ шуда, хушкида буд. Сардор рӯймолчаи бастаеро ба ман дароз карда гуфт:

- Ин рӯймолчаро аз таги болинаш ёфтем. Ӯ қарибиҳои соати панҷи субҳ ногаҳон вафот кард.

Рӯймолчаи бастаро дар иштироки сардор кушодам, дар он як порча нони хушку ду коғази номашакл печонида шуда буд. Яке аз коғазҳо куҳна буду дигараш сафеди тоза. Номаи куҳнаро кушода, дурудароз мутоила кардам. Ин ҳамон номаи навиштаи бобои Собир буд, ки пеш аз маргаш ба писари беному нишон гумшудааш Сабур навишта буд. Номаро қат кардаму номаи нав навиштаро кушода хондам, ки дар рӯйи нома чунин сатрҳо иншо гардида буд:

"Эй инсон, эй фарзанди одам, ба ҳурмати Худои бузург дар ҳаққи мани бадбахт, як некӣ кун. Агар ҳамин ду нома ба дастат афтад, албатта, бурда дар деҳаи Навобод, ба дасти акои Ҳабибуллоҳ деҳ ва он гоҳ рӯҳи ман шод мешавад".

Номаро кушодаму сатрҳои дохили онро хондам, ки чу-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нин навишта шуда буд:

"Ҳазорон-ҳазор раҳмати Худованд бар Шумо бод, эй акои қиёматӣ, Ҳабибуллоҳ ва эй янгаи ғамхор, Мӯниса!

Илоҳо, монанди шумо инсонҳои комилро Худованд дар рӯйи замин бисёртар кунад, ки дасти бечорагону дардмандон, корафтодагону ятимонро бигиранд. Шумо ҳамсоя не, падару модари ман ҳастед ва аз ҳама сирру асрори ману падарам, хонадонамон огоҳед. Аз ҳамин сабаб, пас аз марг ҳам умедамро ба шумо мебандам. Умед дорам, ки баъди ба камол расидани Эркину Юлдуз, ин номаҳоро ба онҳо мерасонеду саргузашти талхи ману падарамро ба онҳо саросар нақл мекунед, то ки қисмати талх дар авлоди мо меросӣ нагардад. Ман афюн хӯрда, худкушӣ мекунам.

## *САЗОИ САРИ ОҚИ ПАДАР*

Акои Ҳабибуллоҳ, дунёи кушод барои ман тангӣ кард. Дар ин олами паҳновар барои мани бадбахт ҷой нест. Бемории ман хавфноки гузаранда аст. Аз ҳамин сабаб намехоҳам, ки инсони дигареро бадбахт кунам ва дар куҷо зистан, бо кӣ зистанро намедонам. Ҳама аз ман ҳазар мекунанд ва аз ман дурӣ ҷуста фирор менамоянд. Барои ману ҷамъият ва атрофиён маргам беҳтар аст, зеро ки худам аз азоби алим халос мешаваму атрофиён аз ману бемориям дигар намеҳаросанд. Ҳабибуллоҳ, агар фарзандонам аз шумо пурсанд, ки падарамон чӣ гуна кас буд, бигӯй, ки мурғе нуҳуфта дар қафас буд.

*Бикӯшед то ранҷҳо кам кунед,*
*Дили ғамгинон шоду беғам кунед.*

***

*Маро марг беҳтар аз ин зиндагӣ,*
*Ки солор бошам, кунам бандагӣ.*

***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҷаҳон саргузашт аст аз ҳар касе,*
*Чунин гунагун бозӣ орад басе.*

***

*Ҳар он кас ки зод ӯ зи модар, бимурд,*
*Зи дасти аҷал ҳеҷ кас ҷон набурд.*

**Фирдавсӣ**

Алвидоъ! Алвидоъ, эй дунёи кушоду равшан, вале барои ман тангу торик! Алвидоъ, эй дӯстони қиёматӣ!".

Баъди номаро ба пуррагӣ қироат намуданам, онро ба рӯймолча печонида, дар ҷайбам пинҳон кардам.

Аз бозор суфи сафед харида, бо ёрии чор нафар пирамарди бепарастор кафан тайёр намудем ва ҷасади Сабурро дар гӯристони теппаи Роҳатӣ гӯрондем. Баъди хатми сураи "Мулк" мулло ба атрофиён, ки ҳамагӣ ҳафт нафар буданд, чун анъана савол дода пурсид:

- Худораҳматии Сабури ғарибаки бесоҳиб чӣ гуна одам буд?

Дар сари қабр будагон ба ҳам нигариста, ба саволи мулло ҷавоб дода натавонистанд ва сар ҷунбонда, китф дар ҳам кашида, пароканда шуданд. Аз сабабе, ки мулло ба саволи анъанавии худ ҷавоб наёфт, зери лаб ғур-ғур карда гуфт:

- Мардумон мегӯянд, ки ин ҷавони бадбахт дили падарашро шикаста будааст, яъне зидди хоҳиши падар амал карда, ба ин аҳволи бад гирифтор шудааст.

*Маро ба дили фигор мапурс ҳеҷ,*
*Аз қолаби бемадор мапурс ҳеҷ.*
*Умрам ба сар омад аз ғами танҳоӣ,*
*Эй шоҳиди гулгузор мапурс ҳеҷ.*

*Ёре ки ҷафо кунад, аз он ёр чӣ суд?!*
*Гар ҳур бувад - бувад ситамгор чӣ суд?!*
*Умре натвон дар ӯ накӯкорӣ кард,*
*З-он умри дарози носазовор чӣ суд?!*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Роҳи деҳаи Навободро пеш гирифтам, ёдгории Сабури нокомро мувофиқи васияташ, ки аз як пора нони хушке, ки осори изи дандонҳояш дар вақти газида хӯрдан дар он нақш баста буд, ҳамроҳи ду номаю 7 сӯм пули садақа кардаи худам ба акои Ҳабибуллоҳ дода гуфтам:

- Эй инсони хуб, ҳамсояи нағзи беҳ аз хеши дури бобои Собири шикастадилу Сабури ноком! Ин сарвату ёдгории ӯро ба фарзандонаш Эркину Юлдуз расону аз аҳволу саргузашти бобою падарашон қиссаҳо кун.

*Чашмам зи ғамат ҳамеша хун мегиряд,*
*3-андозаи хештан бурун мегиряд.*
*Бар чашмаи дил чу чашми ман об намонд,*
*Гардида тиҳиву сарнагун мегиряд.*

## *АЗОБУ ШИКАНҶАИ ФАРЗАНДХОНШУДАГОН*

Баъд аз омадани Сабур ба назди зану фарзандонаш хислату рафтори Шермат бо тахаллуси "Шағол" тамоман дигаргун шудан гирифт. Шабу рӯз фикр карда, нақша мекашид, ки сирру асрор ва кирдорҳои содиркардааш дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ошкор нагардад. Ӯ бештар аз ҳамсоягон, хусусан аз Дилшод, ки ҷавони оқилу фозил ва мушкилкушою далери маҳаллаи Кӯҳдоман буд, хавф бурда метарсид. Вақтҳои охир як рӯзу ду рӯз ногаҳон ғайб мезад ва рӯзе Ойгул аз шавҳараш тарсида-тарсида пурсон шуда гуфт:

- Отайи Улуғбекҷон, вақтҳои охир тамоман тағйир ёфтаӣ. Ба куҷое равӣ, ба мо намегӯӣ.

Шермат ба тарафи Ойгул бо ғазаб нигарист:

- Қанчуқи душавҳара, боз ту забон баровардӣ? Аз рӯзе, ки шавҳаратро дидӣ, дар дилат алов афтодааст. Агар як бори дигар аз чи кор карданам ва ё ба куҷо рафтанам ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

касе хабар диҳӣ ва ё савол диҳӣ, сарата бо табар аз танат ҷудо мекунам, фаҳмидӣ?!

Аз ин суханони шавҳар зан чӣ гуфтанашро надониста, чун ҳайкал ба замин чашм дӯхта истод. Шермат паст наомада илова кард:

- Тез аз назарам дафъ шав, беваи душавҳара!

Ойгулро нафасаш дар гулӯяш дармонда буд. Бо азобе сулфида, калавида-калавида ба хонаи дарун даромад ва дар кунҷаке нишаста, сарашро бо ду даст дошта, дарун-дарун, чун ангишти кони "Сайёд" месӯхт. Модари Ойгул, Қундузой, аҳволи духтарашро дида, ба назди Шермат омада гуфт:

- Домодҷон, ба Ойгул сахт наоед, бе ин ҳам ӯ бемору дилшикаста ва бе падар калон шудааст.

Аз ин сухани кампир Шермат боз ба ғазаб омад ва аз чашмони танги буммонандаш оташ дурахшиду чун гурги ба хашм омада, ба тарафи Қундузой мушташро нишон дода гуфт:

- Ҳой аҷуза, ту ҳамроҳи духтарат аз дунболи ман ҷосусӣ мекунед? Дирӯз қуфли таҳхонаро кӣ тоб дода буд, ки қариб шикастааст?!

Кампир ларзида ҷавоб дод:

- Писарат Улуғбек бо бачаи ҳамсояамон Дилшод мехчабозӣ карда, қуфлро тоб додаанд. Ойгул хабардор шуд ва онҳоро аз назди дари таҳхона берун кард.

Шермат гуфт:

- Улуғбеки какан (фарзанди аз паси зан омадаро чунин меноманд) ҳоло бо бачаи душмани ман, бачаи Дилшод ҷӯра шудааст гӯй?! Маълум, ун бачаро падараш Дилшод ба ҷосусӣ хонаи мо фиристодааст. Агар як бори дигар ягон кӯдак ё калонсолро бинам, ҳамаатонро аз ин хона дафъ мекунам! Ин хона дигар ба тую духтарат тааллуқ надорад. Ман бо розигии тую духтарат ҳуҷҷатҳои хонаро ба номи худам ба расмият даровардам. Метавонам шуморо аз ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хона пеш кунам!

Бо шунидани ин суханон дили кампир ба таппиш даромад ва ба тарафи хона ларзида-ларзида ҳаракат карда, дар пеши духтараш, Ойгул, рӯй ба замин афтиду беёд шуд. Шермат аз хона баромада рафт. Модару духтар гирёну нолон бо ду тифли ноболиғ тамоми шаб хоб нарафтанд.

Соатҳои дуи шаб оҳиста дарвоза кушода шуд. Аз тарс Ойгулу модараш чароғро нагиронда, оҳиста пардаи тирезаро каме яктарафа карда, ба берун нигаристанд. Шаб он қадар торик набуд. Мошини тамғаи "ГАЗ-24" вориди ҳавлӣ шуд. Шермати ронанда ва як нафар шахси ношинос вориди таҳхона шуданд. Аз таҳхона, дар се халтаи начандон калон чизеро бароварда, ба дохили мошин ҷой карданд. Ҷобаҷокунии халтаҳо се соат давом кард. Қарибиҳои субҳ мошин ба ҳаракат даромаду садои баста шудани дарвоза ба гӯш расид. Модару духтар акнун фаҳмиданд, ки ба доми аждаҳои ҳафтсар афтодаанд. "Амали бадро подоши бад интизор аст", - мегуфтанд модару духтар хиёнати дар ҳаққи Собиру Сабур кардаашонро ба ёд оварда, мегиристанду афсӯс мехӯрданд.

Панҷ шабонарӯз аз Шермат на пай буду на ҳайдар. Аввали моҳи апрел буд. Бегоҳӣ шамоли сахт вазид ва соатҳои 9-и шаб чунон борону жола борид, ки аз ҳайбати он касе ба берун нигоҳ карда наметавонист. Барқ хомӯш шуд. Сели калон аз болои теппа ба маҳаллаи Кӯҳдоман, ба тарафи хонаи Шермат ҷорӣ шуд. Ҳавлиро обу гил пур кард ва ба тарафи таҳхонаи "махфӣ"-и Шермат ҷорӣ гардид. Пагоҳӣ тамоми мардуми маҳалла ва дигар маҳаллаҳои шаҳри Душанбе ба ёрӣ омаданд. Обу гилро аз ҳавлии Шермат тоза карданд. Ҳамсоягон хостанд, ки обу гили таҳхонаро ба воситаи мошини оташхомӯшкунӣ кашида, ба берун партоянд. Қундузой ва Ойгул аз тарси Шермати Шағол иҷозати кушодани қуфлро надоданд. Ба ёриомадагон аз ин рафтори соҳибхонаҳо дар ҳайрат монданд. Фақат Дилшод, ким-чиро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳис кардагӣ барин, ангушти ишора ба чаккаи сар бурду худ ба худ чизе гуфта, сир бой надод. Дилшод медонист, ки ин пирамард ғоратгар, қотил ва авбоши гузаро аст. Ӯ ҳам ҳамроҳи ҳамсоягон аз ҳавлии Шермат дур шуд.

Аз миён се рӯзи дигар гузашт. Ҳоло ҳам бӯйи нофорами сел аз ҳавлию хонаҳои маҳалла дур нашуда буд. Соатҳои 8-и бегоҳӣ ногаҳон дарвоза кушода шуд ва Шермат тез-тез қадам монда, вориди хонаи дарун, ки дар он ҷо аҳли оила хоб буданд, даромад. Дохил шудан замон гуфт:

- Аз ин ҳавлӣ бӯйи нохуши чизе меояд, тенҷӣ аст? Ман дар Панҷакент будам, телефон карданд, ки дар Душанбе борони сел боридааст. Корамро ба анҷом нарасонда баргаштам.

Шермат мунтазири ҷавоб нашуда, чун саги бӯйгир бӯй мекашид ва бӯйи ба худ ошноеро ҳис мекард. Ба сараш чӣ фикре омад ва ба зану модарарӯсаш бо ҳаяҷон хитоб карда гуфт:

- Ба таҳхона ҳам обу гил даромада буд?

Ойгул бо тарсу ларз чизе гуфтанӣ буд, ки забонаш гирифт. Шермат дод зада гуфт:

- Тезтар гап занед, ба таҳхона обу гил даромада буд ё не?

Қундузой дид, ки духтараш аз тарс маҷоли гап задан надорад, худ гуфт:

- Писарам, Шерматҷон, худи шумо гуфта будед, ки ба қуфли таҳхона касе наздик нашавад. Аз тарси шумо мо нагузоштем, ки касе ба дари таҳхона наздик шавад.

Аз ин суханони пиразан хун дар сари Шермат зад ва ба тарафи таҳхона давид.

## *КУШТОР ДАР ТАҲХОНА*

Шермат ҳарчанд калидҳоро меҷуст, аз шитобкорӣ намеёфт. Ногаҳон табару ломро дар ошхона пайдо кард. Ба зудӣ дар ва қуфли онро бо лому табар зада шикаст ва во-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

риди таҳхона шуд. Обу лой то ба миён мерасид. Ӯ чизеро даст-даст карда кашида, як бандча баровард ва ҳуш аз сараш парид. Бастаи хокаи сафеди селофанпеч, ки онро калламуш кайҳо сӯрох карда будааст, ба хоку гил якҷоя шуда буд. Аз ин ҳолати ногувор солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба ёдаш омаду раги хунхориаш ҷӯш зад. Ба тарафи хона давид ва аз мӯйҳои Ойгул дошта, кашолакунон ба таҳхона бурд. Ойгул доду фарёд мекард ва ҷони худой гӯён, имдод металабид, вале касе ба додаш намерасид

Ин вазъиятро дида, кампиру ду тифли ҳаросон аз дунболи Ойгул ба тарафи таҳхона давиданд. Шермат Ойгули бегуноҳро дар даруни обу гил чун муши ба доми гурба афтода мехелид. Аз шиддати қаҳру ғазаб ӯ ҳеҷ чизро ҳис намекард ва аз паси гардани Ойгул дошта, рӯяшро ба обу гили болои бастаҳои хокаи сафед ғӯтонида мегуфт:

- Эй лаънатӣ, ин моли мардум буд, миллион сомонӣ арзиш дошт! Акнун маро мекушанд! Дод аз дасти шумо, лаънатиҳо! Ман ба "Бургут" чӣ ҷавоб медиҳам?!

Дар ҳамин вақт Шермат зарбаи сахтеро паси сараш ҳис кард ва беёд шуда болои Ойгул афтод. Ин зарба на ҷони Шермат, балки ҷони Ойгулро ба ҷонофарин супурд. Вақте ки Шермат ба болои сари Ойгул афтод, ӯ дамгир шуда ҷон дод. Қундузой ин корро барои наҷоти ҷони духтараш карда буд, лекин зарбаи ломи оҳанин ҷони азизи духтарашро рабуд. Қундузой ин ҳолатро дида, ба берун давид ва дилаш ба задан даромаду ба замин афтода дар они воҳид ҷон дод. Акмалу Юлдуз аз сӯзи дилу ҷигар, тарсу ҳарос, чун гунҷишку чӯҷагони ба доми мор афтода чиррос мezаданд.

Соат аз нӯҳи шаб гузашта буд. Аз он нолаҳои ҷонгудози тифлони бегуноҳ ҳамагон огоҳ шуданд. Аввалин касоне, ки ба имдодашон расиданд, Дилшоду Фарҳод буданд. Дар баробари вориди ҳавлӣ шудани Дилшод Акмалу Юлдуз чиррос зада, чун мурғакони парсӯхтаю парканда бо тарсу ҳарос худро дар канори онҳо гирифта, дир-дир меларзи-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

данд. Аз чашмони варамидаашон қатраҳои ашк чун ҷӯйча равон буд. Дилшод бо ҳайрат ба атроф нигариста гуфт:

- Чӣ ҳодиса рӯй дод?

Акмал (шоҳиди фоҷиаи мудҳиш) медонист, ки Шермат падараш нест. Аз ҳамин сабаб ӯ ба тарафи таҳхона ишора карда, ларзону гирён, канда-канда гуфт:

- Қотил кушт! Кушт!

- Киро кушт?

- Модарамро! Бибиямро!

Дилшод кӯдаконро ба зани ҳамсоя, Меҳрона, ки аз паси онҳо омада буд, супориду ба Фарҳод ишора кард ва ҳарду бо шитоб ба тарафи таҳхона давиданд. Дар баромадгоҳи таҳхона кампири Қундузой рӯ ба замин мехобид. Дар як мижа задан, гӯё аз осмон одам борида бошад, ки ҳавлӣ пур аз зану мард шуд. Модари Дилшод, кампири Фазила, ҷасадро ба пушт гардонда, се маротиба "Аллоҳ, Аллоҳ, Аллоҳ", - гуфта чашмони Қундузойро бо ангуштонаш молида, пӯшонд ва манаҳашро бо дока баст.

Ҳамаи ҳамсоягон аз ин ҳодисаи ногаҳонӣ чӣ кор карданашонро намедонистанд. Фақат ҷасади кампирро медиданд. Дар дохили таҳхона чӣ ҳодисаи мудҳише рӯй додааст, касе огоҳ набуд. Дилшод ба худ омад ва ба Фарҳоди дӯсташ хитоб карда гуфт:

- Фарҳодҷон, тез ба милиса ва духтур хабар деҳ!

Баъд аз 30 дақиқа мошини ёрии таъҷилӣ ва милисаи бисёре аввал хонаро иҳота карда, баъд мардумро як ба як аз назар гузаронида аз ҳавлӣ берун карданд. Кампири Фазила ятимонро ба хонааш бурд.

Ҳамроҳи кормандони тиб ва милиса Дилшоду Фарҳод ва ду нафар ҳамсояи наздик то ба рӯз тафтишу тадқиқот гузарониданд. Кормандони тибу милиса вориди таҳхона шуданд ва диданд, ки онро обу гил пур кардааст. Дар болои қопчае ду ҷасад болои ҳам хобидаанд. Ҷасадҳоро ба берун бароварданд ва диданд, ки Шермат аз паси сар зах-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мдор шуда, хуни зиёде талаф додааст, вале кам-кам нафас мекашад. Бо шитоб ӯро дар мошини ёрии таъҷилӣ ба беморхона фиристоданд. Ойгул бошад, сараш дар обу гил ғӯтта хӯрда, кайҳо дамгир шуда фавтидааст.

Тафтиш ду рӯз давом кард. Дар вақти тафтиш аз таҳхона зиёда аз 100 кг. маводи сахттаъсири героин, дар як халтача гӯшвору ангуштарин, гарданбанду дастбанд, қуфли пешибару пешонибанди арӯсӣ, ки ҳама аз тиллою нуқраи холис иборат буд, ёфт шуд. Шермат ин гӯшвору ангуштарин ва дигар ашёҳои қиматбаҳоро дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ҷамъ карда, соҳибони ин ашёҳоро бо тарзи ваҳшиёна ба қатл расонда будааст. Ба замми ин, аз як латтапеч ду дона туфангча (таппонча), се дона норинҷак ва як автомати Калашникову тирҳои бисёреро пайдо карданд.

Кормандони ҳифзи ҳуқуқ дари хонаро мӯҳр ва нигоҳубини онро то охири тафтишот ба зиммаи Дилшоду Фарҳод вогузор карданд.

## *ҚОТИЛ НАҶОТ ЁФТ*

Баъд аз як рӯз Шермати қотил дар беморхонаи "Ёрии таъҷилӣ" ба ҳуш омад. Дар урфият мегӯянд: "Одами бад мурдан надорад". Ҳама аз одами бад безор аст ва ӯро дидан ҳам намехоҳад.

Баъди чанде Шерматро аз беморхона ба маҳбасхона оварданд ва санҷишу тафтишот давом мекард. Шермат ба гуноҳҳояш иқрор намешуд. Шоҳидони зиёдеро мепурсиданд. Акмалу Юлдузи хурдсолро муфаттиш дар ҳузури намояндаи мақомоти васояту парасторӣ борҳо аз сабаби сар задани ҳодиса, ки боиси марги модару бибияшон шуда буд, мепурсид.

Аз ин ҳодисаи мудҳиш Ҳабибуллоҳу Муниса хабардор шуданд. Онҳо ба маҳаллаи Кӯҳдоман омаданд. Акмалу Юлдузро аз хонаи Дилшод пайдо кардаву, аз кампири Фа-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зилаю Дилшод хоҳиш намуданд, ки то ба охир расидани тафтишот кӯдаконро ба деҳа баранд. Ҳамин тавр ҳам шуд ва Акмал хонданро дар мактаби деҳа давом дод.

Тафтишот шаш моҳ давом кард. Шермат доимо як гапро такрор карда мегуфт:

- Ман Ойгулро накуштам. Модараш, Қундузой, ӯро кушт ва хост сонӣ маро бо лом зада кушад. Маро мурда пиндошт ва аз тарс дилкаф шуда мурд. Ин маводи мухаддиру яроқу аслиҳа ва тиллову нуқра аз ман нест, яъне ҳама аз ҳамин кампири Қундузой ҳастанд.

Муфаттиш такрор ба такрор мепурсид, ки дар мӯҳри бастаҳои маводи мухаддир номҳои "Бургут" ва "Зоғ" ва дигарон навишта шудааст. Соҳибони ин лақабҳо киҳоянд? Шермат ба ин саволҳо ҳеҷ ҷавобе намедод.

Хулоса, баъд аз санҷиши шашмоҳа Шермат бо мададу ёрии хоҷагонаш Бургуту Зоғ ҷазои сабук гирифт. Суд бо тасарруфи молу амвол ва хонаю ҳавлӣ Шермати Шағоли қотилро ба мӯҳлати 7 сол аз озодӣ маҳрум, бо реҷаи низомаш умумӣ маҳкум намуд. Агар мушкили Шерматро хоҷагонаш, Бургуту Зоғ ва дигарон осон намекарданд, Шермат метавонист онҳоро аз паси парда берун бикашад ва он гоҳ ин се-чор нафар бо гурӯҳи калони нашъаҷаллобон, ки якеҳо дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигарҳояшон дар Федератсияи Русия буданд, ошкор мегардиданду суди байналмилалӣ ба кори онҳо машғул мешуд.

Маҳбусии Шермати Шағол дер давом накард. Ӯ дар маҳбас шароити хуберо аз сар мегузаронд ва худро шери маҳбас меномид. Ин сабаб дошт, сабабаш ёрии пасипардагии хоҷагони ноаёнаш буд. Ин хоҷагон (мафия) дар се давлати ҳамсоя амалиёт мебурданд. Шермат баъд аз се сол ба гурӯҳи маҳбусони афвшуда дохил шуд, ки ин ҳам як амали "хайр"-и хоҷагонаш ба ҳисоб мерафт. Аз маҳбас баромадан замон Шермат Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк кард. Барои сирри хоҷагонаш ошкор нашудан бо шиносномаи нав,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тағйири ному насаб карда, дар шаҳрҳои калони Русия, ба монанди Маскав, Санкт-Петербург ва Қазону Екатеринбург пайдо мешуд. Лекин дар урфият мегӯянд: "Туздию ғарӣ - пушти саргини хар", яъне одами бадро бадӣ интизор аст. Худованд дар Қуръон сароҳатан моро аз хиёнат ва дағалкорӣ, ҳаромхурӣ ва дигар хислатҳои бадӣ наҳй кардааст. Чунончӣ Аллоҳ таъоло мефармояд: "Эй аҳли Имон, Худо ва пайғамбарро (с) хиёнат накунед ва низ амонатҳои якдигаратонро хиёнат накунед". (Сураи "Анфол": 27)

## *ҲАЁТИ ЯТИМОН ДАР ПАРВАРИШГОҲ*

*Падармурдаро соя бар сар фикан,*
*Ғубораш бияфшону хораш бикан.*
*Чу бинӣ ятиме сар афканда пеш,*
*Мадеҳ бӯса бар рӯйи фарзанди хеш.*

*Ятим гар бигиряд, кӣ нозаш харад,*
*Ва гар хашм гирад, кӣ бораш барад.*
*Ба раҳмат бикун обаш аз дида пок,*
*Ба шафқат бияфшонаш аз чеҳра хок...*

**Саъдии Шерозӣ**

Дар асоси ҳалномаи суди шаҳри Душанбе, хулосаи шӯрои васояту парастории назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва қарори раиси шаҳри Душанбе ноболиғон, ятимони мутлақ Бурихонов Улуғбек Шерматович ба мактаб-парваришгоҳи ҷумҳуриявӣ ва Бурихонова Юлдуз Шерматовна ба хонаи кӯдакони №1-и шаҳри Душанбе фиристода шуданд.

Акмалу Юлдуз Ҳабибуллоҳу Мунисаро соҳиб ва волидони худ меҳисобиданд. Дар вақти аз хонаи Ҳабибуллоҳ бурдани ятимон аз тарафи намояндагони шӯрои васояту парасторӣ гӯё қиёмат қоим шуда буд. Акмалу Юлдуз аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

домони Ҳабибуллоҳу Муниса бо ду даст дошта, чиррос зада зор-зор мегиристанду мегуфтанд:

- Мо ҳеҷ кас надорем, ба ғайр аз Худову ин дӯстони падар. Моро дубора ятиму бесоҳиб насозед!

Аз ин нолаву зории тифлакони ятим гӯё сангу чӯб, хоку гиёҳу дарахтони атроф менолиданд. Дар як замон порчаи абре пайдо шуду борон борид. Гӯё аз нолаи ҷонсӯзи ятимон Аршу Курсӣ, Замину Осмон ба ларза омада буд, ки раъду барқ наъразанон, абри осмон ашкрезон онҳоро ба ятимхонаи бесоҳибон гусел мекарданд. Гӯё Саъдии бузург мегуфт:

*Бигзор то бигирям, чун абр дар баҳорон*
*К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон.*
*Ҳар к-ӯ шароби фурқат рӯзе чашида бошад,*
*Донад, ки сахт бошад, қатъи умедворон.*
*Бар сорбон бигӯед аҳволи оби чашмам,*
*То бар шутур набандад маҳмил ба рӯзи борон.*
*Бигзоштанд моро, дар дида оби ҳасрат,*
*Гирён чу дар қиёмат, чашми гунаҳкорон...*

Оқибат Акмал ба ҳаёти мактаб-парваришгоҳ ва Юлдуз ба шароити хонаи кӯдакон одат карданд. Дар давоми як соли таҳсил Акмал бо дониши хубу аъло ва рафтори намунавӣ маҳбуби дили маъмурияту коллективи омӯзгорон ва ҳамсинфонаш гардид.

Баъд аз се сол бо хоҳишу талаби Акмал хоҳараш Юлдузро ҳам ба ҳамин мактаб-парваришгоҳ оварданд. Ду сол паиҳам дар синфҳои болоӣ Акмал дар озмуни (олимпиада)-и ҷумҳуриявӣ аз фанни таъриху ҳуқуқ ғолиб гардид ва дар охир мактаб-парваришгоҳро бо медали тилло хатм намуд. Юлдуз бошад, чун бародараш бо баҳоҳои хубу аъло ва рафтори намунавӣ хонданро давом дод. Ӯ низ дар озмунҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ аз фанни биология ғолиб гардида, баъд аз якчанд сол мактаб-парваришгоҳро бо медали тилло хатм кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Акмал донишҷӯйи риштаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Юлдуз баъд аз се сол донишҷӯйи риштаи рагу дилшиносии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино гардиданд.

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Ин ятимони бекасу кӯй ба панди Одамушшуаро амал карда, дар ҷустуҷӯйи қуллаи мурод буданд.

Акмал аз соли аввали таҳсил сар карда дар хондан ва иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ намунаи ибрати ҳамсабақону устодон ва сазовори таҳсини докторону профессорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гардид. Ӯро сардори гурӯҳ интихоб карданд. Дар вақтҳои таҳсил, чун дигар ҳамсабақонаш ба ҳеҷ ҷой намерафт. Охир, ӯ касе надошт, ба куҷо равад?! Аз деканат хоҳиш мекард, ки ба корҳои донишгоҳ ёрӣ расонад. Дар аввал гоҳ-гоҳ пинҳонӣ баъд аз дарсҳо омада мардикорӣ мекард, то ин ки қути лоямуте пайдо кунаду ба хобгоҳ ҳамроҳи рафиқонаш чизе барои хӯрдан барад.

Ҳамдарси Акмал, Фаридун ном ҷавоне аз шаҳри Қӯрғонтеппа ғамхору мададрасонаш буд. Падари Фаридун марди сарватманд буд, аз ҳамин лиҳоз хурду хӯроки Акмалро ӯ таъмин мекард. Дар ивази ин некиҳои Фаридун Акмал дар донишазхудкуниаш ёрӣ мерасонд. Адабиётҳоро ба ӯ дастрас мекард. Дар навиштани реферату корҳои курсӣ ёриаш мерасонд. Рӯзе дар вақти таътил Фаридун Акмалро ба хонаашон даъват намуда бурд. Як ҳафта онҳо ба корҳои хоҷагии падари Фаридун, ки ӯро Иброҳимбой меномиданд, ёрӣ расонданд. Хислату рафтор ва симову сурати Акмал ба аҳли хонадони Иброҳимбой писанд омад. Дар вақти бозгашт Иброҳимбой ба Акмал муроҷиат карда гуфт:

- Акмалҷон, дар бораи хислатҳои неки шумо Фаридун нақл карда буд, бори дигар исботи онро худам дидам. Шумо ҳам ба мисли Фаридун чун фарзандам бошед. Дар корҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

илмии Фаридун ёрӣ расонед, ман ҳам шуморо ба қадри имконият кӯмак мекунам.

*Ҳар кӣ доно бувад, тавоно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*

Донишу рафтори неки Акмал мушкилоти иқтисодии ӯро ҳал кард. Худову Пайғомбар (с) бандагони хушахлоқу илмдӯстро хор намедоранд. Агар он банда аз сидқ дуо кунад, Худованд дуои ӯро иҷобат мекунад. Чунонеки ҳазрати Шайх Саъдӣ дар "Маҷолиснома"-и худ меорад: "Оре, ҷавонмардо, аз сидқ ибодат кун, муноҷот намо, ашки пушаймонӣ аз қалби сӯзон ба дидаи гирён равона соз, ки даргоҳи раҳмат беканор аст. Ҳақ таъолои макону замон огоҳ аз сирру асрори ниҳони дили ҳар инсон аст".

Акмал шабона, пеш аз субҳи содиқ аз хоб хеста ду ракъат намоз мехонд ва аз бенавоию бесоҳибии худу хоҳараш Юлдуз ба даргоҳи Худованд дасти дуо бардошта, бо қалби сӯзону чашми гирён муноҷот ва дуо мекард. Худованд аз оҳи дили ятимон доимо бохабар аст, ки ӯро ризқрасону пуштибонеро дар мисоли Иброҳимбой сабаб гардонид. Баъд аз ин Акмал аз мушкилоте, ба монанди хурду хӯрок, либос ва асбобу анҷоми хониш азоб намекашид. Ҳар як санҷишу имтиҳонро бо баҳои аъло месупорид. Дар озмуну маҳфилҳои илмӣ иштирок ва баромад мекард. Корҳои илмияш дар рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ нашр мегардид.

## *ОГОҲӢ АЗ НОМАИ ПАДАР*

Аввали моҳи март Акмал ба кори дипломӣ дар мавзӯи "Роҳҳо ва усулҳои кушодани ҷиноятҳои вазнини хусусиятҳои трансмиллӣ дошта" тайёрӣ медид. Ӯ адабиёти илмии зиёдеро ҷамъоварӣ карда, шабу рӯз машғули мутолиаю навиштан буд. Шабҳо то соатҳои ду сари ин кори илмияш шабзиндадориҳо мекашид. Субҳи рӯзи 9 март декани факулта Холиқов К. ба Акмал занг зада гуфт:

- Бӯрихонов Улуғбек Шерматович шумоед?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Акмал пайхас кард, ки ин овози Холиқов К. аст, гуфт:

- Бале, устоди мӯҳтарам, ин манам!

- Улуғбек, пагоҳ соати 10 ҳамроҳи профессор Ҳақдодов Ҳақпараст ба "Шабакаи аввал"-и телевизион меравед ва дар мавзӯи "Қонун, инсон ва ҷомеа" баромад мекунед. То пагоҳ адабиёт ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро хонда, хуб тайёрӣ бинед.

Акмал ба фикр фурӯ рафт, ҳазору як хаёл ва ёди рӯзҳои гузашта дар майнааш чарх мезаду ким-чи хел ҳиссиёти нофаҳмое дар дилаш пайдо шуд. Гӯё гургони шубҳаву гумонҳои нофаҳмо қалбашро тала мекарданд. Ҳайрон буд, ки чаро ному насабашро тағйир додаанд. Ҳамон ному насаби давраи кӯдакиаш ба ӯ писанд буд. Чаро имрӯзҳо ӯро на Собиров Акмал Сабурович, балки бо ному насаби дағали ноошно, яъне Бӯрихонов Улуғбек Шерматович нидояш мекунанд. Ба ҳар ҳол Акмал барои баромад кардан тайёрии пухта дид. Субҳи 10-уми март ҳамроҳи устодаш профессор, доктори илми ҳуқуқ Ҳақдодов Ҳақпараст вориди утоқи банаворгирии "Шабакаи аввал"-и телевизиони Тоҷикистон шуданд.

Соати 21-и шаби 11-уми март Ҳабибуллоҳу занаш Муниса бо фарзандонашон дар гирди дастархон саргарми сӯҳбат буданд. Ногаҳон наттоқи оинаи нилгун меҳмонони шабакаро муаррифӣ карда, ном ва насаби ба Ҳабибуллоҳ каме шинос, яъне донишҷӯйи курси панҷуми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ғолиби чандин озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ Бӯрихонов Улуғбек Шерматовичро гуфтан замон аҳли оила хомӯш гардида, бо диққат ба оинаи нилгун нигаристанд. Дар аввал баранда ва профессор 10 дақиқа бо ҳам саволу ҷавоб карданд. Навбат ба донишҷӯ расид. Баранда савол дода гуфт:

- Улуғбек Шерматович, шумо иҷроиши қонунҳои амалкунандаро оид ба кушодани ҷиноятҳои зиддидавлатӣ ва зиддимиллӣ дар чӣ мебинед? Ӯ гуфт:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- Қонун, инсон, ҷомеа - ин се мафҳум бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд. Ахлоқ (ростӣ), адлу инсоф ва шуҷоат доштани ҳар фарди мутасаддӣ барои амалӣ шудани қонунҳо шарт ва зарур аст. Чун 99% сокинони ватани азизамон мусулмонанд, бояд чи фарди оддӣ ва чи шахси мансабдошта, ба талаботи қонун ва фармудаҳои Худову Пайғомбар (с) риоя кунанд. Он моддаҳое, ки дар Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, аксарияташон ба гуфтаҳои Қуръони маҷид низ алоқаманд мебошанд.

1. Ростӣ: Худованд дар Қуръони Карим ҳамаи мусулмононро ба сидқу ростӣ амр намудааст, чӣ тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

"Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва ҳамроҳи ростон бошед" (Сураи "Тавба": 119)

2. Адлу инсоф: Адл ва додгарӣ тарозуи дин аст, ки ҳар як инсон дар ҷомеа ба василаи он тамоми корҳои неку бади хешро бар мекашад ва ҳаққи ҳар шахси мустаҳиқро медиҳад. Адлу ростӣ, ин адолат намудан миёни фарзандон, миёни халқу миллатҳо ва қавму қабилаҳо дар бахшиш ва тухфаҳо мебошад, то дар байнашон адовату бадбахтӣ пайдо нашавад.

Пайғомбари Худо (с) фармуд: "Аз Худованд тарсида ва дар миёни фарзандонатон (халқи оддӣ) адолат кунед". (Ба ривояти Имом Муслим).

3. Хиёнат: Хиёнат яке аз нишонаҳо ва сифоти мунофиқон мебошад.

Расули Худо (с) мефармояд: "Аломати мунофиқ се аст: чун ҳарф занад, дурӯғ мегӯяд ва ҳар гоҳ ваъда диҳад, хилоф мекунад ва чун амонат дода шавад, дар он хиёнат мекунад". (Ба ривояти Имом Бухорӣ)

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин се падида ва ё ахлоқи некро дар миёни кӯдакону наврасон, халқи оддии меҳнаткашу мансабдорон омӯзоне-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

му эшон аз худ кунанд, ҳамаи қонунҳои мо амалӣ мешаванд. Пеш аз ҳама, мо маҳалгароӣ, фасод, хешу таборчигӣ, ришвагириро аз решааш барканему шахсони арзандаю дорои ахлоқи неку ҳамидаи инсонӣ, дониши волои касбӣ доштаро дар вазифаҳои ба худашон сазовор таъин намоем, ҷамъияти мо тараққӣ хоҳад кард ва ҷинояткорӣ аз миён меравад...

Мунисаю Ҳабибуллоҳ ба суханони ин ҷавони симояш ба онҳо шинос ҳушу гӯш шуда, бо диққат гӯш мекарданд. Ногаҳон Муниса гуфт:

- Овозу симову сурати ҳамин донишҷӯ ба овозу симову сурати худораҳматии Сабур монанд аст!

Аз ин суханони Муниса чизе ба ёди Ҳабибуллоҳ омад, ки яку якбора оҳ гӯён аз ҷояш ҷаста, гуфт:

- Ин худи худаш! Фаҳмидам, номашро Улуғбек гузошта буд он пирамарди қотил.

Муниса гуфт: - Киро мегӯӣ?

Ӯ бо ҳаяҷон гуфт: - Охир ин фарзанди Сабур, Акмал, аст! Ман дар назди рӯҳи бобои Собиру рӯҳи беқарори Сабур қарздорам, бояд номаи онҳоро ба Акмалу Юлдуз расонам. Чӣ кор кунам?

Ҳабибуллоҳ субҳи содиқ, баъд аз адои намоз номаро гирифт ва ба шаҳри Душанбе равона шуд. Соати ҳафт дар даромадгоҳи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо Акмал вохӯрда гуфт:

- Ассалому алайкум, Акмалҷон!

Акмал дасту пой гум карда, чун ҳайкал карахт шуда, дар ҷояш меистод. Охир, дар давоми чандин солҳо нахустин маротиба номи давраи кӯдакиашро шахсе ба забон гирифта, ӯро ҷеғ мезанад. Ҳабибуллоҳ ҳис кард, ки ятими сарсону саргардон азобу шиканҷа дида, ғаму дарди беандоза кашида ӯро намешиносад. Бо изтиробу ҳаяҷон гуфт:

- Акмалҷон, ман амакат Ҳабибуллоҳ! Маро дар ёд надорӣ? Аввалин маротиба ба суроғи ту бо ҳамроҳи падарат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба хонаатон рафта будем. Он Шермати қотил дар назди ту худораҳматии падарат Сабурро лату кӯб кард, дар ёдат нест? Сонӣ охирин маротиба тую хоҳаратро аз хонаи мо ба ятимхонаю мактаб-парваришгоҳ бурданд.

Акмал аз ин суханони марде, ки чеҳрааш ба ӯ шинос менамуд, мисли хобу хаёл он лаҳзаҳои ҳайратбору ғамангезтарини давраи кӯдакиашро аҳён-аҳён ба ёд меовард. 10-15 дақиқа онҳо моту карахт рӯ ба рӯйи ҳамдигар истоданд. Дар охир аз қаъри дили Акмал мавҷи ғаму дарди айём ҷӯш зад ва ӯ дод гуфта, гирён худро ба бағали Ҳабибуллоҳ ҳаво дод. Онҳо ҳамдигарро ба канор гирифта, дергоҳ гиристанд. Дар ҳамин вақт устод Ҳақдодов Ҳақпараст дар назди онҳо ҳозир шуд ва аз асли воқеа огоҳ гардида гуфт:

- Улуғбек, модоме ки баъди чандин солҳо аз нав амакатро пайдо карда бошӣ, ин хушбахттарин лаҳзаҳои ҳаёти шумо аст. Ин муждаи нек, ба қуллаи мурод расидани туро, Улуғбек, далолат мекунад. Ман ин воқеаро ба роҳбарамон, декан Холиқов, мерасонам. Имрӯз ба шумо ҷавоб! Ба хобгоҳатон рафта, аз дидори ҳамдигар сер шавед!

Акмалу Ҳабибуллоҳ рост ба Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино рафтанд. Воқеаи пайдо кардани амакашро ба декани донишгоҳ фаҳмонданд. Акмалу Юлдуз ва Ҳабибуллоҳ ҳарсе дар хобгоҳи Акмал ҷамъ омаданд.

## *МУТОЛИАИ МАКТУБИ ПАДАР*

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.*

Аз ҳиссиёти дидори рӯйи дӯст дилҳояшон гурс-гурс мезад, чӣ гуфтану аз чӣ сар кардани суханро намедонистанд. Ҳабибуллоҳ, ки инсони калонсоли кордида, таҷрибаомӯхта буд, дар аввал онҳоро ором кард. Баъд аз саломатию хондан, чӣ тавр мактаб-парваришгоҳро хатм кардана-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шон пурсон шуд. Онҳо бо тарзи хеле кӯтоҳ дар бораи шарҳи ҳоли гузаштаашон ҳикоя карданд. Баъд Ҳабибуллоҳ, барои боз ҳам ором кардану ба ҳаяҷон наовардани онҳо дар бораи падари асосии онҳо будани Сабур ва чӣ тавр фарзандхонд шуданашон аз тарафи Шермати қотил ҳикоя карда, дар охир гуфт:

- Акмалҷон, дар ёд дорӣ, ту мактабхон будӣ ва дар маҳаллаи Кӯҳдоман зиндагӣ мекардед. Фасли хазонрез буд. Рӯзе ман ҳамроҳи падарат, падари асосиат - ҳамхунат, ки ту аз хуни ӯ пайдо шудӣ, ба суроғи тую хоҳарат рафта будем. Дар назди чашмони ту, он замон хоҳарат Юлдуз дар хонаи кӯдакон буд, Шермати қотил падари бемори чун халтаи пур аз устухонатро, ки нав аз сафари шашсолаи Русия омада буд, лату кӯб кард. Агар ҳамсоятон Дилшоди паҳлавон намешуд, он шағоли бахашмомада падаратро задазада мекушт.

Аз ин ҳикояи Ҳабибуллоҳ хоҳару бародар боз гирён шуданд, ашк дар чашмонашон чарх мезад. Акмал ким-кадом як ҳодисаеро ба ёд оварда, чизе гуфтанӣ буд, аммо ғаму ғусса гулӯяшро мефишурд, имконияти гап задан намедод. Дар охир, каме овозаш кушода шуд ва бо азобе гуфт:

- Акнун ҳамааш ба ёдам омад. Акои Дилшоду Фарҳод дар ҳаққи мо некиҳои бисёре карданд, вагарна мо маҳв мешудем ва чун модару модарбузургам (момоям) аз дасти "падарам" Шермат кушта мешудем.

Ҳабибуллоҳ номаро, ки дар як коғази зардшуда навишта шуда буд, ба Акмал дароз карда гуфт:

- Ин номаи падарат аст. Ба ман васият карда буд, ки ба шумо расонам. Ин қарзи ҳамсоягию бародариро ба ҷой овардам, акнун дилам қарор гирифт. Иншоаллоҳ, устухонҳои худораҳматии падарат ҳам дар гӯр ором сокит мешавад.

Акмал номаро аз аввал то ба охир хонд, ашк аз чашмонаш равон шуд ва маротибаи дуюм ба хондан сар кард. Баъди ҳар як ё ду дақиқа бо оби дида гӯё рӯяшро мешӯст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рӯймолчаро баровварда, рухсораҳои аз ашк таршудаашро, ки тамоми рӯяшро фаро гирифта буд, пок мекард. Юлдуз ин ҳолатро дида, гоҳе ба бародараш ва гоҳе ба Ҳабибуллоҳ ҳайрону ҳаросон нигоҳ мекард. Ӯ ҳоло чизеро нафаҳмида бошад ҳам, қалбаш аз гиряҳою ашки чашмони бародараш гӯё дар оташи сӯзон месӯхт. Ашк аз чашмонаш беихтиёр равон мешуд. Дар охир Акмал номаро бӯсида, ба дидагонаш молида гирён-гирён ба хоҳараш рӯй оварда гуфт:

- Хоҳарҷон, ин номаи табарруку мубораки падари асосию ҳасратиямонро хон! Акнун, мани нодони гӯлу гумроҳ нав фаҳмидам, ки падару бобоям киҳо будаанд. Оҳ фалак, дод аз дасти ту, ки мо аз насли оқипадарон будаем. Оқипадарӣ аз насл ба насли мо мерос монда будааст. Эй хоҳарҷон, мо ҳам оқипадар мешавем?! - Не! Не! Ҳаргиз не!

*Падар, агар аз ҷафои ту хоҳам мурд,*
*Ҳам дар талаби рози ту хоҳам мурд.*
*Гар ман мирам, ба меҳри ту хоҳам зист,*
*В-ар ман зиям, барои ту хоҳам мурд.*

Юлдуз бо диққат ба хондани мактуб шурӯъ кард ва ӯ низ чун бародараш мехонду баланд-баланд нола мекард. Қалби занон нозуку латиф аст, гиряву нола хоси онҳост, аз гиряи ҷонсӯзу дилгудози Юлдуз сангу чӯб, гиёҳу дарахтон, хазандаю паррандагон гӯё ба нола омада буданд. Ин ҳолатро Ҳабибуллоҳ дида, дарун-даруну ноаён мегирист. Дар охир Акмал дастонашро ба гардани Ҳабибуллоҳ ҳалқавор андохта, дар канор гирифта гуфт:

- Амакҷон, шумо бӯйи падарам мекунед ва падарамро ба ёд меоред. Мо, ятимони бекасу кӯйи сағирахона, чӣ кор карданамонро намедонем. Шумо роҳнамою роҳбалади мо шавед! Мо чӣ кор карданамонро намедонем. Дар ёду ғами падару модар ҳалок хоҳем шуд. Ба ҳоли зори мо нигаред, номаи падари хору зори гирифтори дарду доғи айём, ки охир ӯро кушта, моро ҳам оқи падар карда, беному бенишон мегардонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ин кунҷи ғаму ҳоли табоҳам дидан,*
*Бояд ҳама з-он рӯйи чу моҳам дидан.*
*Аз гиря агар кӯр шавам, нест ғаме,*
*Ғам ин-ст, ки рӯйи ту хоҳам дидан.*

- Дареғо, сад дареғо, дигар рӯйи муборакu падарро ҳеҷ гоҳ нахоҳем дид ва барояш хизмате натавонем кард!

Баъд аз чанд соат Ҳабибуллоҳ онҳоро ором карда, насиҳат намуда гуфт: - Акмалҷон, худатро ба даст гир! Охир ту ҷавонмард ва оқилу донишманд ҳастӣ. Дили хоҳари муштипаратро бардор, ӯро насиҳат кун ва чӣ будани ҳодисаро аз аввал то ба охир фаҳмонда деҳ. Чи тавре ки ман аз аввал то ба охир шарҳи ҳоли бобою падаратро ба шумо ҳикоя кардаам, ҳамон хел фаҳмонед. Сабр кунед, ҳақиқат ҷояшро мегирад. Ҳақ ба ҳақдор мерасад. Аввалан ин  ки шумо ҳуқуқшинос ҳам бошед, бояд як ҳимоятгар (адвокат)-и донишмандро интихоб кунед, то ки фарзандхонии Шерматро дар асоси ҳалномаи судӣ ғайриқонунӣ ҳисобанд. Ном ва насаби пештараатонро барқарор кунед. Шиносномаю шаҳодатномаатон (диплом) ба ному насаби аслии пештара сабт карда шавад. Барқарор кардани номи бобою падар ин қарзи аввалини фарзандиятон ва хизмати шумо дар назди рӯҳи онҳо мебошад.

## *ДАР ОРЗУИ НОМУ НАСАБИ ПАДАРӢ*

*Ман аз ҷавру ҷафои ин замон девона хоҳам шуд,*
*Зи хешу ошно аз дасти ғам бегона хоҳам шуд.*
*Зи бас, к-афсонаи худ бо дару девор мегӯям,*
*Ба расвоӣ миёни мардумон афсона хоҳам шуд.*

**Амир Хусрави Деҳлавӣ**

Баъд аз хондани номаи падар дар тафаккури Акмалу Юлдуз инқилоби нави фикрӣ ба амал омад. Гӯё онҳо дар доми тилисму ҷоду буданду ин номаи падари дар орзуи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фарзанд буда чун шамшери тез пардаи ғафсу оҳанини он ҷодуро дарид. Онҳо дар хоби ғафлат чун кӯру кар хобида буданд, номаи падар аз хоби гарон бедорашон кард. Акмал шабу рӯз дар атрофи ин муаммои сарбаста фикр мекард ва роҳи кушодани онро меҷуст. Ӯ шабе падарашро дар хоб дид, ки дар таги китфонаш чигас (асобағал), пойҳояш овезон, ҳар тараф албонҷ мехӯрад. Ӯ бо чашмони пур аз ашк ба Акмал муроҷиат карда мегӯяд:

- Писарам, аҳволи зори мани оқи падарро бин ва кӯшиш кун, ки оқи падарӣ дар насли мо хотима ёбад! Ту бо мадади дӯст ва ҳамсояи ман акои Ҳабибуллоҳ ба қуллаи мурод хоҳӣ расид. Дониста мон, ки Ҳазрати Пайғомбари гиромӣ (с) фармуда: "Беҳтарин эҳсон ин аст, ки шахс дӯстии падарашро идома диҳад ва бо дӯстони падараш пайванди устувор дошта бошад". (Ба ривояти Имом Муслим).

Субҳи рӯзи истироҳат Акмал ба суроғи дӯсти падараш омад. Ӯ Ҳабибуллоҳу Мунисаро дар хонаашон пайдо кард. Онҳо дар гирди меҳмон чун парвона гардиш карда, хурсандӣ мекарданд. Акмал хоби дидаашро ба онҳо нақл кард. Ҳабибуллоҳ гуфт:

- Акмалҷон, барои кушодани муаммои шумо ҳуқуқшиноси нотарсу варзида лозим аст. Ҳамин хел шахсро медонед?

Акмал каме ба фикру андеша фурӯ рафт ва сар бардошта гуфт:

- Ин хел шахс устодам Ҳақдодов Ҳақпараст, лекин ӯ ба ман ёрӣ медода бошад?

Субҳи рӯзи душанбе Акмалу Ҳабибуллоҳ бо иҷозат вориди дафтари кории устод Ҳақдодов Ҳақпараст шуданд. Баъд аз пурсу пос, Ҳабибуллоҳ қиссаи Собиру Сабур ва Акмалу Юлдузу Шермати Шағолро аз аввал то ба охир ба устод ҳикоя кард. Дар охир номаи падари Акмалро ба тарафи Ҳақдодов Ҳақпараст дароз карда гуфт:

- Устоди меҳрубони ҳақиқатҷӯ, ин номаро хонед!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Устод Ҳақдодов Ҳ. номаро бо диққат, аз аввал то ба охир хонд ва дар охир оҳи чуқуре кашида гуфт: - Акмалҷонро на шогирд, балки ҳамчун фарзанд меҳисобам. Чӣ коре, ки аз дастам ояд, барои ӯ дареғ намедорам.

Устод Ҳақдодов Ҳ. аз болои ҳалномаи суди шаҳрӣ аз номи Акмалу Юлдуз ва худаш ҳамчун ҳимоятгар ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикояти кассатсионӣ навишт. Дар шикоят оварда шуда буд, ки фарзандхонии Бӯрихонов Улуғбек Шерматович ва Бӯрихонова Ойқиз Шерматовна аз тарафи Бӯрихонов Шермат бар хилофи моддаҳои 125, 126, 127, 128, 129, 130, 131, 133, 134, 136, 137-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бояд мувофиқи талаботи моддаҳои 140, 141, 142, 143, 145-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалномаи суди шаҳрӣ оиди фарзандхондӣ бекор карда шавад. Дар вақти санҷиш маълум гардид, ки бе розигии падари ноболиғон ва тасдиқи он аз тарафи идораи нотариалии давлатӣ ва якчанд ҳуҷҷати тасдиқнашуда ҳалномаи судӣ баровварда шудааст.

Бо кордонию ҳақпарастии устод Ҳақдодов ҳалномаи суди шаҳрӣ аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шуд. Аз фурсат истифода бурда, дар асоси моддаҳои 58, 59-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни забон, бо талаби Акмалу Юлдуз ному насабашон низ тағйир дода шуд. Ному насаби Акмал ба Собирзода Абӯалии Сабур, ном ва насаби Юлдуз ба Собирзода Ситорабонуи Сабур дар ҳуҷҷатҳои ақди асноди шаҳрвандӣ сабт гардид.

## *ФАЪОЛИЯТИ КОРӢ*

Абӯалӣ донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуд. Ӯро ҳамчун таҷрибаомӯз ба шаҳри Бӯстон фиристоданд. Дар давоми ду соли корӣ ҳамчун ҳуқуқшиноси навкор, вале ботаҷриба бисёр ҷиноятҳои вазнинро кушод. Аз ҳамин сабаб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ӯро яку якбора муовини прокурори шаҳри Бӯстон таъин карданд.

Рӯзе муфаттиш як парвандаи калони ҷиноиро, ки зиёда аз ҳазор варақро дар бар мегирифт, ба назди Абӯалӣ овард ва илтиҷоомез гуфт:

- Сардор, муддати зиёдест бо ин парвандаи ҷиноятӣ чандин муфаттишон санҷиш мебаранд. Солҳост, ки ягон кас муаммои ин парвандаро кушода наметавонад. Мумкин дар паси парда мансабдорони манфиатдори бонуфузе бошанд? Шумо инро хонда, ба ман як маслиҳат диҳед.

Абӯалӣ дар аввал инкор кард ва дар охир ба сараш чӣ фикре омад, ки гуфт: - Хошоков, ҳоло вақт надорам. Шаб, вақте ки бекор шудам, хонда мебароям. Парвандаро дар болои мизи назди ҷевон гузоред.

Баъд аз соати 9-и шаб ба хондани парванда машғул шуд ва то соати 1-и шаб давом дод. Парванда гурӯҳи калони қотилону ғоратгарон ва нашъаҷаллобони 25 нафараро дар бар мегирифт. Дар қатори номҳои ин ҷинояткорон номи Бӯрихонов Шерматро бо тахаллуси "Шағол" дар чанд варақи парванда пайдо кард.

Абӯалӣ акнун дарк кард, ки Шермати падарандараш қотилу ғоратгар, авбошу нашъаҷаллоби ашаддӣ будааст. Ӯ лаҳзаеро ба хотир овард, ки чандин сол пеш падараш Сабур ҳамроҳи амаки Ҳабибуллоҳ ба суроғаш омада буданд. Дар пеши чашмонаш Шермати қотил бо ду даст аз гиребони падари бемору бемадораш маҳкам дошта, аз худаш боло бардошта, сахт ба болои роҳи сангфарш ҳаво дод. Ба ин нигоҳ накарда, пояшро дар гулӯи Сабури нимҷони беёдшуда монда, зер мекард, аммо фарзандаш Акмал бетарафона ин манзараро назора мекард. Охир ӯ намедонист, ки ин марди маслуқи пӯсту устухонгашта падараш аст. Абӯалӣ аз дилу ҷигари сӯзон худро маломат карда мегуфт:

- Дареғо, дар он вақт падарамро нашинохтам. Аз гиребони падар на Шермати қотил, балки ман дошта будам, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бетарафӣ нишон додам. Гӯё шоир Нуриддини Амриддин ин шеърро дар ҳаққи ман гуфта бошад:

*Ҳайфи он дасте, ки гирад аз гиребони падар...*

***(Лоиқ)***

*Бишканад дасте, ки гирад аз гиребони падар,*
*Хоки раҳ созад даме уммеду армони падар.*

*Шод бодо он писар, к-аз рӯйи меҳру шафқаташ,*
*Дар дами афтодагӣ гардад нигаҳбони падар.*

*Бод лабрези фараҳ паймонаи ҷону дилаш,*
*Ҳар куҷо оне, ки бошад худ ба паймони падар.*

*Хонаи бахту тараб кошонаи ӯ мешавад,*
*Чун ҳамесозад ҷадал бар хайру эҳсони падар.*

*Давлати дунё насибаш мешавад дар зиндагӣ,*
*Пос медорад агар ҳар резаи хони падар.*

*Ҳар кӣ по бар ҷодаи некӣ дар олам мениҳад,*
*Насли боровар шавад дар боги армони падар.*

*Гар камар бар хизматаш бандад чу фарзанди асил,*
*Нӯши ҷонаш мешавад аз лутфи Ҳақ нони падар.*

*Дасти ӯ гирад дар ин дунёву он дунё Худо,*
*Он ки мегардад асо бар қадди ларзони падар.*

Қомати чун камону дасти ларзони падарро дидам ва надонистам, ки ин марди харобу лоғари пӯсташ шабеҳи коҳ зард сабабгори ҳастии ман дар ин дунёи гузарону фонӣ аст. Ҳоли табоҳашро дидаму дасти ларзонашро нагирифтам. Ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

манзараи ғамангезтарин ҳеҷ гоҳ аз пеши назарам дур намешавад. Он ҳодисаро то ба охири ҳаётам фаромӯш карда наметавонам. Чӣ бояд кард? Коре кунам, ки васияти бобою падарам амалӣ шавад. Пас аз иҷро шудани васияти онҳо шояд ки арвоҳи бобою падарам аз азоби ҷаҳаннами Асфаласофилин (қабати аз ҳама даҳшатноктарини Дӯзах) озод шуда, ба Арафот баргашта, каме шод гарданд. Ман бояд душманони падарамро ёбам. Акнун фаҳмидам, ки Шермати Шағол на фақат душмани падарам, балки ҷинояткори ашаддию душмани ватану миллат мебошад. Бояд ӯро пайдо кунам.

Бо ин фикрҳо шаби дарозро рӯз кард. Саҳари рӯзи душанбе дар маҷлиси назоратии прокуратураи шаҳри Бӯстон Абӯалӣ даст боло карда, аз ҷояш хеста гуфт:

- Мӯҳтарам прокурор, аз шумо як хоҳиш дорам. Парвандаи ҷиноятии №77-9-ро дар назорати ман вогузор кунед. Ман ҳамроҳи муфаттиш Хошоков оиди кушода шудани ин ҷинояти вазнин як қувваозмоӣ мекунем.

Прокурор табассуми тамасхуромезе карда, бо киноя гуфт:

- Собирзода, ин кори осон нест. Солҳост, ки муфаттишони шуъбаи корҳои дохилию прокуратура чӣ амалиёту санҷишҳоеро накарданд, ин ҷиноятро кушода наметавонанду ту мекушоӣ?! Собирзода, ин дархости ту ҳамон зарбулмасали халқии "Аспро наъл карданд, қурбоққа ҳам пояшро дароз кардааст"-ро ба ёд меорад.

Аз ин сухани таҳқиромези прокурор Қаробоев Э. дунё дар пеши чашмони Абӯалӣ гӯё чарх заду рӯзи равшан барояш торик шуд. Ӯ дақиқае карахт буд ва дар охир фикре дар сараш омад, ки шояд дар таги коса нимкосае ҳаст ва гулӯяшро афшонда гуфт:

- Мӯҳтарам Қаробоев, кушода шудан ё нашудани ҳар як ҷинояти сабук ё вазнин ин ба кордонии шумо барин сардору ман барин муовину муфаттиш вобаста аст. Нафъи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қурбоқаи ҳашароти зараррасонро несткунанда аз аспи лағатзани газанда барои ҷомеа беҳтар аст.

Қаробоев Э. мушташро гиреҳ карда, бо зарбаи сахт ба миз зад ва бо ғазаб гуфт: - Собирзода, дар ҷоят шин! Хошоков, баъд аз анҷоми маҷлис ба назди ман даро!

## *ГУРГ ДАР ПӮСТИНИ ГӮСФАНД*

Ҷамъомади назоратии назди прокурори шаҳр дер давом накард. Ҳамаи кормандон дафтари кории сардорро ғайр аз Хошоков Н. тарк карданд. Хошоков Н. чун муши дар об таршуда, ки дар назди гурбаи тездандон оҷизу нотавон мондааст, дар рӯ ба рӯйи Қаробоев Э. чун гунгу кар ларзида меистод. Қаробоев Э. бо чашмони танги бодомии супсурхаш ба сурату симои Хошоков Н. дер гоҳ бо қаҳру ғазаб нигариста гуфт:

- Ҳа, муши мурда, ту ҳам аз боварӣ баромадӣ! Ту танҳо ба ман итоат кун, на ба Собирзода! Кӣ гуфт ва чаро парвандаи №77-9-ро ба ӯ нишон додӣ? Туро ва Собирзодаатро аз кор сабукдӯш мекунам! Парванда ҳоло дар дасти кист?

- Дар дасти Собирзода!

- Оҳ, каждуми таги бӯрё, сирро ошкор кардам, гӯй! Як дақиқа ба ту, хоин, вақт! Баъд аз як дақиқа парванда дар рӯйи мизи ман бошад, вагарна чунон ҷазоят медиҳам, ки ҳаргиз то охири умрат фаромӯш нахоҳӣ кард!

Хошоков Н. дар як мижа задан парвандаро дар болои мизи кории сардораш ҳозир кард. Қаробоев Э. парвандаро аз рӯйи миз гирифта, дар даруни сандуқи оҳанин (сейф) гузошта, дари онро қуфл карда гуфт:

- Ҳой, Хошоков, ман хато кардам, ки ин хел парвандаи ҷиноятии хусусияти сиёсидоштаро боварӣ карда, ба ту барин нодони ахмақ додам! Акнун ин парвандаро худам тафтиш мекунам. Ин сирри давлатӣ аст. Агар ягон гапу сиреро тую Собирзодаат ошкор кунед, агар давлат ҳам шуморо ҷазо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

надиҳад, ман шуморо ҷазо медиҳам. Ҷазои сахттаринро ба шумо раво мебинам. Агар давраи Амир Олимхон мешуд, гӯшу бинию забонатонро бурида, дар кӯча сар медодам. Фаҳмидӣ, Хошоки қади роҳ!

Хошоков аз ҷояш хеста, ду даст пеши бар таъзимкунон гуфт:

- Маро бубахшед, сардорам, дигар такрор намешавад! Ман бо шумо зиндаам!

Қаробоев Э. каме ба худ омада гуфт:

- Рав, ба дафтари кориат, бе иҷозати ман то ба ҳоҷатхона ҳам намеравӣ, фаҳмидӣ!

- Бале, сардорам! - гӯён пуштнокӣ, таъзимкунон дафтари сардорро тарк кард. Ӯ Абӯалиро дар роҳрав дид ва аз тарси сардор ларзида ба ақибаш нигариста гуфт: - Бо ман гап назан, сардор мебинад.

Абӯалӣ рамузи гапро зуд фаҳмид. Хошоков Н. бошитоб дохили дафтари кориаш шуд ва палтои дарози кисакалонашро овезон карду дарро пӯшида, баромад. Аз тарсу ларз шимаш тар шуда буд. Қуфл кардани дари ҳуҷраи кориашро фаромӯш карда, ба тарафи ҳоҷатхона тез давид. Роҳравро  оби чакидаи шими ӯ ҷо-ҷо тар карда буд. Абӯалӣ чун Самаки айёру чекисти пухтакор бо шитоб вориди дафтари кории Хошоков Н. шуд. Ӯ назар ба палтои овезон кард ва даст ба ҷайби палто бурда, телефони худашро, ки дар вақти баромадан ноаён ба ҷайби халтамонанди палтои Хошоков Н. монда буд гирифта, тез ба дафтари кориаш баргашт. Дарро аз дарун қуфл карда, гуфтугӯйи Қаробоев Э. ва Хошоков Н.-ро аз аввал то ба охир аз сабти телефони мобилӣ гӯш кард.

Аз ин кори айёронаи Абӯалӣ Хошоков Н. хабаре надошт ва гумоне ҳам накард. Аз ҳамин рӯз сар карда, муносибати Қаробоев бо Абӯалӣ тамоман дигар шуд. Сардор ба ӯ супоришҳои ҷиддӣ намедод ва бо ӯ чун як корманди ноӯҳдабарою шубҳаовар муносибат мекард. Аз паси Абӯалӣ ҷосу-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сҳои махсус гузошта буд, ки ҳар кору кирдори ӯро назорат мекарданд. Дар дафтари кории Абӯалӣ асбобҳои махсуси сабткунандаи овозро ноаён гузошта буданд. Мехостанд ин ҷавонмарди ҳақпарастро чун ниҳоли навсамар решакан кунанд.

Рӯзе Қаробоев Э. парвандаи ҷиноятии раиси ҷамоатеро, ки дар фурӯхтани замин гунаҳкор дониста мешуд, ба Абӯалӣ пешниҳод кард. Корманди шуъбаи умумӣ парвандаро ба Абӯалӣ расонд. Ӯ пас аз мутолиаю шинос шудан бо парванда раиси ҷамоатро ба дафтари кориаш даъват кард ва баъди пурра хондани парванда гуфт:

- Мӯҳтарам Бӯҳтонбоев Кайфулло, шуморо дар хариду фурӯши заминҳои обӣ, ки мувофиқи қарори ҳукумат манъ аст, гунаҳкор меҳисобанд. Дар ин бора чӣ гуфта метавонед?

Раис чун булбули гӯё қариб як соат гап зада, худро сафед мекард ва дар охир  курсиро наздиктари Абӯалӣ монда гуфт:

- Мӯҳтарам прокурор, кор бе камбудӣ намешавад, ман айб дошта бошам ҳам, аз шумо илтимос дорам, ки ҳамин парвандаро хобонед. Хизмат мекунам.

Абӯалӣ аз шунидани калимаи "хизмат" чизеро дарк кардагӣ барин, лаҳзае ба фикру андеша фурӯ рафт ва сонӣ сар бардошта гуфт:

- Аввал, ин ки агар шумо гунаҳкор набошед, ягон хизмататон даркор нест. Шумо ба ман не, ба Ватан, ба халқ хизмат кунед!

Раис афзуда гуфт:

- Дар ин давра медонед, мардум ба чӣ корҳо машғуланд? Шумо шабу рӯз кори давлата мекунед, чанд сомонӣ маош мегиред?

Абӯалӣ фаҳмид, ки ин мард ӯро ба дом афтонданӣ аст, аз паси ин "хизмат" одамони махсуси Қаробоев Э. истодаанд. Барои фаҳмидан даст ба ҷайб бурда, тугмаи сабти



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

телефони мобилиро зер карда гуфт:

- Мӯҳтарам раис, агар парвандаро хобонам, шумо ба ватану халқи камбизоат чӣ хел хизмат мекунед?

Раис гуфт:

- Мӯҳтарам прокурор, шумо чӣ ин қадар ғами ватану халқро мехӯред? Ғами худатонро хӯред!

Раис чун рӯбоҳи маккор ин тарафу он тараф нигоҳ карда, оҳиста бо ангуштонаш ишора карда гуфт:

- Панҷ-панҷ ҳазор коғази кабуди ришдор. Ҳозир хоҳед ҳозир, агар ҳозир нахоҳед, дар ин ҷо нахоҳед, дар дигар ҷой медиҳам. Худатон ҷойро интихоб кунед,  ба ман бовар кунед.

Абӯалӣ кордонию сипоҳиро аз даст надода гуфт:

- Раисбобо, ман рақами телефони шуморо дорам, кадом вақте ки занг задам, дар куҷое, ки бошад, бо ҳам вомехӯрем. Худо ҳофизу шоҳид. Ҷавоб!

Раис каме фикр карда, чӣ кор карданашро надониста, аз дар таъзимкунон пуштнокӣ баромад. Абӯалӣ дар обу арақ ғӯтида буд. Баъди чанд дақиқа дарро нимроғ кушода, ба роҳрав нигоҳ кард. Дид, ки раис аз дафтари кории Қаробоев Э. баромада рафт. Абӯалӣ аниқ донист, ки дар атрофаш анкабут тор танида истодааст ва ин анкабут мехоҳад, ки ӯро ба дом афтонда, дар айни авҷи камолот, чун падари армонию ҳасратияш маҳв созад.

Хоб аз сараш парид. То ба соатҳои чори шаб аз як паҳлу ба паҳлуи дигаре гашта, фикр мекарду чора меҷуст. Аз печу тоб хӯрдану фикр кардан болини мулоим ба назараш санги сахти хоро менамуд, ки баданашро ба дард овард. Гӯё садое ба гӯшаш омад, ки хез аз хоби ғафлат, дуо кун, имдод аз Холиқи арзу само талаб намо! Ҷаста аз хобаш хеста, ҷомаро ба китфонаш гирифта, ба берун баромад. Осмони каб-кабуд пур аз ситора буд. Ситорагон ба сӯяш чашмак мезаданд. Абӯалӣ аз илми нуҷум (ситорашиносӣ) каме бохабар буд, аз ҳамин сабаб ду сайёраро меҷӯст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сайёраи Муштариро, ки мизоҷашу қувваташ гарм ва тари мӯътадил аст ва сайёраи Уторидро, ки мизоҷу қувваташ сард ва хушки бо ҳам омехта аст. Ӯ дақиқаҳои зиёд ин ду сайёраро меҷуст ва ба даргоҳи Худованд дуо мекард, ки сайёраи Муштариро ба ӯ нишон диҳад.

Муштарӣ сайёраи хушбахтӣ ва кушоиши мушкилҳост. Мабодо сайёраи Утороид ба чашмаш намояд, ки боиси бадбахтияш гардад. Ногаҳон Муштарии бахтовар намудор гардид. Абӯалӣ дер гоҳ ба дурахшидану чашмакзании Муштарӣ нигарист. Гӯё ситора ба сӯяш чашмак зада механдид ва мегуфт: "Хуш ба ҳолат!". Аз дил гузаронид, мабодо Уторид ҳам пайдо шавад, аз ҳамин сабаб чашмашро аз осмон канда, ба замин нигарист. Дид, ки офтобаи пур аз оби гарм дар наздаш истодааст. Шитобон таҳорат (вузӯ) карда, ба хона даромад.

Ҷойнамозро паҳн карда, 40 ракъат намоз хонд ва дар охир "Авроди фатҳия"-и Мир Сайид Алии Ҳамадониро хонда, ба даргоҳи Худои мушкилкушо дуо карда, дар охир гуфт:

*Ё Раб, ҳама халқро ба мақсуд расон,*
*Шояд ки дар он миён яке ман бошам.*

## БОБОЮ ПАДАРАМРО ДАР ХОБ ДИДАМ

Дар болои ҷойнамоз Абӯалиро хоб бурд. Дар хоб худро лаби як дарёи азиму пуртуғён дид ва хост, ки аз об гузарад. Об гоҳе сиёҳи тира менамуд ва гоҳ софи каб-кабуд. Ҳамин ки пой бар лаби об гузошта, мехост аз соҳил ба соҳили дигар гузарад, оби дарё сип-сиёҳ мешуд. Сели калоне омаду ӯро гирифта бурд. Баъди чанд лаҳзае худро дар ҷазирачае дид, ки аз ду тарафаш оби дарё равон аст. Оби дарёи тарафи чап сип-сиёҳ ва оби дарёи тарафи рост каб-кабуди софи беғубор буд. Ногоҳ садое аз тори оби сиёҳ баланд шуд, ки мегуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Абӯалӣ, ба тарафи оби дарёи сиёҳ пой нагузор, ки ҷаҳаннам аст. Ба тарафи оби дарёи софи беғубор рав, ки роҳ ва манзили наҷот мебошад.

Ба тарафи садо нигарист ва дид, ки як пирамарди қавиҳайкал аз дасти як ҷавонмарди харобу ларзон дошта, бо даст ишора мекунад, ки тарафи мо наоед. Дар сару гардани он ду кас сони сафед, монанд ба эҳроми ҳоҷиён ва ё кафани мурдагон. Боз садо аз дуриҳои дур омад, ки мегуфт: - Писарам, мо бобою падарат ҳастем, номаро хон, ибрат аз ҳоли мо гиру ба тарафи рост рав!

Замоне шамоли сахте вазиду он ду нафарро ба сӯйи осмон бардошта бурд ва дар паси абрҳои сиёҳу тира нопадид гардонд. Абӯалӣ ба тарафи рост рӯй гардонд ва хост, ки пой ба оби соф монда, аз дарё гузарад. Дар ҳамин вақт аккоси сагони бисёр ба гӯшаш расид. Ба тарафи соҳил нигоҳ кард. Сагони сиёҳу зарди бисёре аккос зада, ба тарафаш мехоҳанд ҳамла кунанд. Дандонҳои тези сагҳо ханҷари тезро мемонд, оби зард аз забонҳои сурхи овезонашон мечакид. Ӯ дар миёни ду дарё, дарёи раҳмат ва дарёи лаънат дармонда роҳи наҷот меҷуст. Даст ба дуо бардошта, аз даргоҳи Худои бениёз имдод металабид.

Ногаҳон садои тиру камон баланд шуд. Ду саги калон аз захми тир ба замин афтоданд. Сайёди сабзпӯше камон дар даст тир парронда, сагонро дастгир мекард. Сагон яке лангон, дигаре ғалтон аз соҳил дур шуданд. Сайёди ниқобдор ба тарафи Абӯалӣ даст афшонда, ниқобашро аз сараш гирифт ва гуфт: - Биё, аз хавфу хатар раҳоят кунам!

Симою садои сайёд ба Абӯалӣ хеле шинос менамуд. Гӯё ӯро солҳо дидааст ва овози ӯро борҳо шунидааст. Дар ҳамин вақт садои азони бомдодӣ Абӯалиро аз хоби раҳмонӣ бедор кард. Ӯ худро дар болои ҷойнамоз дид ва зуд аз нав вузӯ карда, бори аввал ба масҷид равон шуд. Баъд аз адои намоз роҳравон дар атрофи хоби дидааш фикр мекард. Сурату садои сайёд ӯро дар ҳайрат оварда буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Охир, ин шахси наҷотбахш ба касе монанд аст. Ӯ кӣ бошад? Ин фикр доимо дар сараш чарх мезад ва ӯ роҳнамою наҷотдиҳандаи худро меҷуст.

## НАЙРАНГУ ДОМИ НАВБАТӢ

Абӯалӣ дар дафтари кориаш нишаста буд. Парвандаи ҷиноятии раиси ҷамоат Бӯҳтонбоевро хонда, оиди заминҳои обиро ғайриқонунӣ ба шаҳрвандон бар ивази пора доданаш фикр мекард. Дар ҳамин вақт садои занги телефони мобилӣ баланд шуд. Ӯ ҷавоб дод:

- Ало, гӯш мекунам.

- Мӯҳтарам Собирзода, маро шинохтед?

- Бале, ман, вале шуморо нашинохтам.

- Мебахшед, каме вақти қимататонро гирифтам. Ман раис Бӯҳтонбоев, чанд рӯз интизори занги телефони шумо будам, аммо занг назадед. Хавотир шудам ва хаёл кардам, ки он аҳду паймонамонро аз серкорӣ фаромӯш кардед. Аз ҳамин сабаб ба шумо занг задам. Абӯалиҷон, писарам, он гуфтагиям тайёр дар дастам, кай ва дар куҷо вомехӯрем?

Абӯалӣ ҳайрон шуда фикр мекард, ки ин марди шайтонтабиати рӯбоҳчашм аз куҷо рақами телефони дуюмашро, ки махфӣ буд, дастрас карда бошад? Баъди каме таваққуф худро ба даст гирифта гуфт:

- Раисбобо, шумо ин рақами телефони маро аз куҷо пайдо кардед?

- Абӯалиҷон, ман ба ваъдаам вафо кардам, "ҷӯянда - ёбанда" гуфтаанд. Бесаброна интизори суханони шумоям. Гӯед, ҷони ширин, дар куҷо вомехӯрем?

Абӯалӣ медонист, ки ҳар як сухани ӯро гӯш карда навишта мегиранд ва куҷо рафтанашро ҳам ба навор гирифта сабт мекунанд. Саранкабут бо ғундалчаҳояш ба тортанию домафканӣ сар кардаанд. Ӯ ба ғазаб омада гуфт:

- Мӯҳтарам Бӯҳтонбоев Кайфулло Улфатбоевич, ман тифл ва ҷони шумо нестам. Ҳомӣ, назоратчии қонунҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

амалкунандаи Конститутсияи (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои халқу ватанам хизмат мекунам. Ба шумо ягон ваъда ҳам надодаам. Шумо маро нашинохтед, ман фарзанди ягон амалдору бойбача нестам. Як ятими бепадару бемодари дар ятимхонаю парваришгоҳи давлатӣ тарбия ёфтаам. Аз ҳамин сабаб хиёнат ба миллату ватан нахоҳам кард, то ки дар рӯзи Растохез дар назди Офаридгору Пайғамбари гиромияш (с) рӯйсиёҳу шарманда нахезам. Ифтихори миллию ватандориямро ба тилло, марворид ва миллионҳо долларҳои ҳароми ришваю рибои шумо намефурӯшам. Шумо хато кардед, дар назди қонун ҷавоб хоҳед дод! Ман писари шумо нестам, фарзанди Ватанам - Тоҷикистон ҳастам. Ватан маро хӯронду тарбия карда хононд. Оқи Ватан намешавам. Шумо барин роҳбарон хиёнат ба миллату ватан карда, заводу корхонаҳои азимро фурӯхтед, замину хоҷагии қишлоқро ҳам фурӯхтан мехоҳед. Солу замоне мерасад, ки наберагонатон ба ноӯҳдабароию ҳаромхӯриҳоятон, ки боиси қашшоқии мардуми оддии меҳнаткаш шудааст, лаънатҳо мефиристанд. Дар пеши таърих рӯйсиёҳ мешавед!

Абӯалӣ бо рӯймолча араќи сарди сару рӯяшро пок кард, пас аз он тугмаи телефонро пахш кард. Баъд аз чанд дақиқа боз садои занги телефон баланд шуд. Ӯ ҷавоб надод ва телефони мобилиро хомӯш кард. Пас аз як дақиқа занги телефони идора садо дод. Абӯалӣ бо хаёлу хотираи мушавваш гӯшакро бардошт.

- Ало, ало, - садои Бӯҳтонбоевро шинохту тез гӯшакро ба ҷояш гузошт.

Боз занг такрор шуд. Телефони идораро ҳам хомӯш кард. Абӯалӣ худ ба худ фикр мекард, гургони фикру андеша гӯё қалбашро тала мекарданд. Шояд Бӯҳтонбоев аз ӯ узр мехоста бошад ва ё таҳдид карда, ҳиллаю найранги навбатиро ба кор бурданӣ бошад? Абӯалӣ ба соат нигарист, ақрабаки соат ба ёздаҳ наздик мешуд. Оҳи дардноке



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кашида, аз ҷояш хест ва ба ҳавлӣ баромад. Гурусна буд, аммо қатраи об ҳам аз гулӯяш намегузашт. Худро ғариб ва яккаю танҳо ҳис кард. Дар саҳни идораи прокуратура боғчае буд. Ба гӯшаи дури боғ рафта, дар болои курсии худсохти аз кундаи бед тайёркардаи посбон нишаст.

Дар ҳамин вақт мошини сиёҳшишаи тамғаи "Мерседес"-и қиматбаҳои навбаромади хориҷӣ омада, дар назди даромадгоҳ истод. Ба пешвози "меҳмонон" Қаробоев Э. баромад. Аз даруни мошин Бӯҳтонбоев ҳамроҳи се нафар одамони қавиҳайкали ношинос баромаданд. Қаробоев Э. дар ҷойи Бӯҳтонбоев нишаст ва он се нафари ношинос ҳам боз дар мошин нишастанд. Бӯҳтонбоев аз беруни тирезаи мошин сарашро ба дохил андохта, чизеро тез-тез фаҳмонд ва шитобон вориди бино шуд. Аз паси ӯ ду марди ношинос ҳам шитобон аз дунболи Бӯҳтонбоев рафтанд.

Абӯалӣ аниқ донист, ки гургони тездандон ба ҳуҷуми ғизол тайёрӣ дида истодаанд. Сели фикру хаёл ба сараш мерехт ва чӣ кор кардану барои раҳоӣ аз доми бало нақша мекашид. Ӯ худро дар паси буттаҳои калони настарану марминҷон, ки ба ҳам печида буданд, пинҳон карда, ҳар як ҳаракату гуфтугӯйи онҳоро бо телефони мобилӣ сабт мекард. Баъд аз ду-се дақиқа Бӯҳтонбоев бо ҳамроҳии он ду ношинос, ки ниқобҳояшонро аз сар мегирифтанд, аз дохили бино баромаданд. Овози онҳо кам-кам аз дур шунида мешуд, ки мегуфтанд:

- Дараш маҳкам, ҳарчанд онро кӯфтем, касе ҷавоб надод. Ӯ ба куҷо рафта бошад?

Касе дари мошинро кушода гуфт:

- Куҷо меравад, ҳоло вақти хӯрокхӯрӣ пайдо мешавад. Агар наояд, ба осмон равад, аз пойҳояш мегирем ва гар бар замин фурӯ равад, аз гӯшҳояш дошта мекашем.

Ин садоро Абӯалӣ шинохт, садои сардораш Қаробоев Э. буд. Мошин рафту Қаробоев Э. ба чор тараф назар карда, оҳиста-оҳиста вориди бино шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Абӯалӣ ба дафтари кориаш нарафт. Ӯ аз болои девори боғ ба берун ҷаст ва ба роҳи калон баромад. Мошинеро дошта гуфт: - Маро ба назди бозор баред!

Ӯ аз мошин фаромада, ба дӯкони рӯзномафурӯшӣ рафта, ду-се дона рӯзнома харид ва ба тарафи хонааш, ки дар қабати дуюм аз як ҳуҷра иборат буду барои иҷоранишиниаш моҳе як саду панҷоҳ сомонӣ пардохт мекард, равон шуд. Аввал ба атроф назар кард, ҳеҷ кас наменамуд. Ноаён дохили хона шудан замон дарро аз дарун қуфл кард. Дарду алам дар ғамхонаи дилаш лона гузошта, ҷисму ҷони ҷавонашро месӯзонд. Ӯ худро болои кат ҳаво дода, дуру дароз ба шифти хона нигарист, баъд ашки чашмонашро пок карда, рӯзномаҳоро аз назар гузаронид. Ногаҳон дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" чашмаш ба акси устодаш Ҳақдодов Ҳақпараст афтод. Ӯро ба вазифаи муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда буданд.

Абӯалӣ хоби чанд рӯз пеш дидаашро ба хотир овард ва дилаш гувоҳӣ дод, он марди ниқобдоре, ки сагҳоро мепарронд, ҳамин устодаш Ҳақдодов Ҳақпараст буд. Хобаш хоби парешони шайтонӣ не, балки хоби раҳмонӣ будааст.

## *РОҲИ НАҶОТУ МУБОРИЗА*

Абӯалӣ гӯё аз хоби гарони ғафлат бедор шуда бошад, ки сиёҳию тумани пеши чашмонашро гирифта оҳиста-оҳиста пароканда мешуд. Дар дилаш қувваю неруи нав пайдо гардид. Ҳазорон бор шукри Худои мушкилкушойро ба ҷой меоварду ба даргоҳаш муноҷоту дуо мекард. Ӯ худ ба худ фикр мекард ва ба худ савол медод, ки охир ман дар ҳаққи Қаробоев Э. ягон бадиеро раво надидам, чаро ӯ маро дар айни авҷи камолотам маҳв кардан мехоҳад. Наход тақдири бобою падарам боз насиби ман шавад?!

Ногоҳ ба хаёлаш парвандаи ҷиноятии №77-9 омад. Сабаби ин таъқиб ва майли аз миён бурдани ӯ ҳамин парван-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даи бехосият мебошад. Охир, дар ин парванда ном ва тахаллуси ҷинояткорони хавфноку хатарноки хусусияти трансмиллӣ дошта зикр гардида буд. Мумкин Қаробоев Э. манфиатдори ҳамин парванда аст, ки солҳо касе ин ҷиноятро кушода наметавонаду парванда мавқуф гузошта мешавад. Ана гап дар куҷо будааст! Бояд коре кард, ки ин ҷиноят кушода шавад. Ҳақ ба ҳақдор расад. Абӯалӣ саҳар ба Қаробоев Э. телефон карда гуфт:

- Мӯҳтарам сардор, дирӯз соатҳои 10:30 ногаҳон шикамам ба дард омаду бемор шудам, тез ба беморхона омадам. Мегӯянд, ки ба бемории исҳоли хунин ё домана гирифтор шудаам. Маро ба шаҳри Душанбе фиристоданд.

Қаробоев Э. бо ғазаб таҳдид карда гуфт:

- Ин корат боз ягон нағма набошад?! Ба тезӣ сиҳат шуда биё, парвандаи раиси ҷамоатро ба охир расон!

Абӯалӣ дигар ба дафтари кориаш барнагашт. Ӯ либосу ҳуҷҷатҳои лозимаро гирифту ба таксӣ нишаста, ба Душанбе омад. Соати 8-и пагоҳӣ, рӯзи шанбе дар қабулгоҳи муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 нафар дар навбат меистоданд. Аз паси онҳо Абӯалӣ навбат гирифт. То соати 10 Ҳақдодов Ҳақпараст ин 5 нафарро қабул кард. Навбати Абӯалӣ расид, хост иҷозат пурсида дарояд. Дар ҳамин вақт пирамарду пиразане асозанон вориди долон шуда, аз Абӯалӣ имдодталабона хоҳиш карда гуфтанд:

- Писарам, ба мо ёрӣ расонед, идораи Ҳақдодов кадом аст?

Абӯалӣ гуфт:

- Шумо ба ӯ чӣ кор доред?

- Эй, бачам, ҳамон давраи Шӯравӣ хуб буд. Ҳоло ба доди ятимону пиронсолони нафақахӯр касе намерасад. Хонае, ки мо дар он ҷой умри худро ба пирӣ расондем, дар нақша (план) омадааст гуфта, раиси ноҳия бе ягон таъмини хонаи муваққатӣ ё замин моро кӯчонда истодааст. Ман маъ-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

юби Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва собиқадори меҳнат ҳастам. Ду писару ду духтарам моро партофта, ба Федератсияи Русия рафтанд. Мо дардамонро ба кӣ гӯем?!

Абӯалӣ аз асли воқеа хабардор шудан хоста пурсид:

- Шуморо ба куҷо мекӯчонанд?

- Ба куҷо мешуд, ба хонаи бесоҳибон. Мегӯянд, ки прокурор Ҳақдодов Ҳақпараст ба доди халқи оддӣ мерасад, ин овозаҳо дуруст аст?

- Бале, бале, - гӯён Абӯалӣ навбаташро ба онҳо дод. Як соати расо арзи пиронсолон давом кард ва Абӯалӣ интизорӣ мекашид. Соат аз ёздаҳ гузашт, дари дафтари кории прокурор кушода шуд ва онҳоро то берун Ҳақдодов гусел карда, бо меҳрубонӣ гуфт:

- Падар, ғам нахӯред, кори шуморо ҳамин ҳафта ҳал мекунам. Мехост баргашта дарояд, дар ҳамин вақт чашмаш ба Абӯалӣ афтод ва ӯро нашинохта гуфт:

- Охирон шумо дар навбат ҳастед, марҳамат, дароед.

Абӯалӣ  ассалому алейкум, устоду падари меҳрубон гуфта, даст дароз кард. Ҳақдодов ӯро шинохт. Онҳо самимӣ бо ҳам сӯҳбат карда, аз ҳолу аҳволи ҳамдигар пурсон шуданд. Ҳақдодов аз ҳолу аҳволи хоҳараш Ситорабону пурсида гуфт:

- Ситорабону чӣ тавр, хонда истодааст?

- Имтиҳону санҷишҳояшро бо баҳоҳои хубу аъло месупорад. Инчунин, ба корҳои илмӣ ҳам даст зада истодааст. Аз ҳоло оиди рисолаи дипломиаш дар мавзӯи "Роҳҳои пешгирӣ ва табобати ишемияи дил" тайёрӣ дида, корҳои илмӣ бурда истодааст.

- Корҳо чӣ тавр, дар шаҳри Бӯстон чӣ навигариҳо ҳаст? Абӯалӣ каме таваққуф карда, оҳиста гуфт:

- Устод, адолату ҳақпарастӣ ва хизмат ба ватану миллат карданро аз сабақи шумо, рафтору кирдор ва гуфтори неки шумо омӯхтаам.

Ҳама саргузашташ, фаъолияти кории дусолаашро аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аввал то ба охир нақл карда, дар охир гуфт:

- Устод, аз он шоду хурсандам, ки як тарафи лагоми қонуни ватан дар дасти шумо барин инсони оқилу комил қарор дорад. Иншоаллоҳ, некӣ бар бадӣ, сафедӣ алайҳи сиёҳӣ ғалаба хоҳад кард. Шумо, устоди азиз, шарҳи ҳоли бандаро хуб медонед. Барои он омадам, ки дасти мани бекасу кӯйро гиред ва маслиҳат диҳед, то ин ки чӣ кор кунам?

Дили Ҳақдодов ба ҳоли зори шогирдаш сӯхт. Ӯ дер гоҳ ба фикру андеша фурӯ рафт ва сонӣ сар бардошта гуфт:

- Абӯалӣ, ҳоло ҳам якто-нимто гургони дар пӯстини гӯсфанд буда, амалиёту кирдорҳои ҳарисонаву баднафсонаашонро дар миёни мардум хеле эҳтиёткорона бурда истодаанд. Ба ақидаи банда ва чи тавре ки Президенти кишвар борҳо таъкид карда гуфта буд, бояд дар дараҷаи аввал сафи кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартиботро  аз одамони тасодуфӣ пок кунем. Ҳоло ҳам дар ин саф шахсони баднафси порагири бесавод, ки бо роҳҳои гуногун ба сари қудрат омадаанд, кору фаъолият мекунанд. Ин гурӯҳи ҳабис ба тараққиёту пешравии давлат монеъ шуда, шаъну шарафи давлатдориро  паст мезананд, ришва мегиранд, хонаи халқро хароб мекунанд. Абӯалӣ, ноумед нашав, чуноне ки халқ мегӯяд: "Аз ноумедиҳо басо умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст!". Ман туро дар бари худам мегирам. Дасти ба даст карда, бар зидди ин ашхос мубориза мебарем. Бо сардор маслиҳат карда, ҳодисаю воқеаҳои дар шаҳри Бӯстон ҷойдоштаро ба ӯ фаҳмонда медиҳам.

Соат аз дувоздаҳ гузашта буд. Ҳақдодов аввал ба соат ва сонӣ ба Абӯалӣ нигариста гуфт:

- Ҳарду якҷоя ба хӯрокхӯрӣ меравем.

Баъд аз се рӯз ҳуҷҷатҳои Абӯалӣ дар болои мизи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шуд. Сардор ба Абӯалӣ муроҷиат карда гуфт:

- Собирзода Абӯалии Сабур, Ватану миллат ба шумо барин ҷавонони фидокор ниёз дорад. Ба ғайр аз гуфтаҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳақдодов Ҳақпараст боз ҳуҷҷатҳои дар пеши ман истода донишу малакаю маҳорати шуморо муайян мекунад. Шумо корманди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мешавед. Умедворам, ки ҷиноятҳои пурмуаммои сарбастаи вазнинро кушода метавонед.

Пас, ба Ҳақдодов Ҳақпараст ишора карда гуфт:

- Шумо фармонро тайёр карда, ба шогирдатон дар кушодани ҷиноятҳо ёрӣ расонед!

Баъд аз се рӯзи корӣ Ҳақдодов Абӯалиро даъват карда гуфт:

- Ана, ин фармон. Шумо парвандаи ҷиноятии №77-9-ро аз прокуратураи шаҳри Бӯстон талаб карда мегиред ва кушодани ин ҷинояти басо вазнин ба зиммаи шумо. Агар муаммое пайдо шавад, ёрӣ медиҳам.

## *ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТИИ №77-9*

Дар асоси фармону супориши махсус Абӯалӣ бо ду нафар корманди амният парвандаи №77-9-ро аз сандуқи оҳанини Қаробоев Э. гирифта, ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварданд. Парвандаро бо устодаш аз аввал то ба охир хонда баромаданд. Ҳақдодов андешамандона ба шогирдаш рӯй оварда гуфт:

- Бояд Шермати Шағолро дастгир кунем. Бо Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи генералӣ ва бо Хадамоти федеролии бехатарии Федератсияи Русия ҳамкорӣ кардан шарт ва зарур аст. Кӣ будани "Шағол"-ро донистем. Агар Шерматро дастгир кунем, кӣ будани "Бургут" ва "Зоғ"-ро ҳам донистан кори осон мегардад. Мумкин Қаробоев Эргаш дар накушодани ин парванда манфиати шахсӣ дошта бошад? Бояд сарчашмаю сабаби кушода нашудани ин ҷиноятро ҷустуҷӯй кард. Чуноне ки Шайх Саъдии дилогоҳ мегӯяд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Донӣ, ки чӣ гуфт Зол бо Рустами гурд,*
*Душман натавон ҳақиру бечора шумурд.*
*Дидем басе, ки оби сарчашмаи хурд,*
*Чун бештар омад, шутуру бор бибурд.*

Аз номи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, хадамоти федералии амнияти Федератсияи Русия барои дастгир кардани ҷинояткори ашадӣ Бӯрихонов Шермат бо тахаллуси "Шағол" дархосту барқия фиристода шуд.

## ФАЪОЛИЯТИ ШЕРМАТИ "ШАҒОЛ"

Шермат дар давраи ҷанги бародаркуши шаҳрвандӣ аз вазъият истифода мебурд. Ӯро гоҳ дар марзи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, гоҳе дар шаҳри Душанбе, замоне дар шаҳру ноҳияҳои ҳамсарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон дидан мумкин буд. Яке аз хоҷагони ӯ "Бургут"-и дурпарвозу тезчангол моводи гуногуни мухаддирро аз мавзеъҳои гуногуни Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷамъ мекард. Моводи ҷамъшударо хизматгорони "Бургут" бо роҳи қочоқ аз марзи Афғонистон гузаронида, дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навкорони "содиқу бовафо"-и сарқумондони тасодуфӣ "Зоғ" бо муҳру имзо месупориданд. Шахсони "содиқ"-и "Зоғ" бо роҳбарии Шермати Шағол "бор"-ро то ба шаҳрҳои Душанбею Бӯстон, ноҳияҳои Панҷакенту Ашт бурда, интизори муштариён мешуданд. Муштариён аз Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қазоқистон ва Федератсияи Русия ин моводи "қиматбаҳо"-ро аз марзи мамлакатҳояшон гузаронида, обу лой мекарданд.

Шермати Шағол бародари калонии зани Қаробоев Эргаш, Ойҷамол, буд. Ойҷамол дар ҳусну ҷамол беназир буд ва касе бовар намекард, ки ӯ 35 сола аст. Ӯ духтари 18 соларо мемонд. Қаробоев Э. 20 сол аз Ойҷамол калон буд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва баъд аз вафоти занаш, ки ду тифли хурдсолро ятим гузошта буд, ӯро ба занӣ гирифт. Садҳо ҷавонон ошиқу шайдои Ойҷамол буданд, лекин ӯ касеро интихоб намекард ва ҷавони ба худ муносибро меҷӯст. Бо амри тақдир падари Ойҷамол бобои Ботухон дар ҳолати мастӣ бо мошини шахсияш ду тифли мактабхонро зер кард. Онҳо дар ҷойи ҳодиса фавтиданд. Аз болои ин кор шуъбаи бозрасии давлатӣ парвандаи ҷиноятиро ба прокуратураи шаҳр пешниҳод кард. Қаробоев Э. ду сол буд азоби танҳоию нигоҳубини ду тифлро ба ӯҳдаи худ ва хешонаш гирифта буд, мехост зани соҳибҷамолу кадбонуеро пайдо кунад. Дар вақти тафтиши парвандаи Ботухон чашми Қаробоев Э. ба Ойҷамол афтод. Ӯ аз нигоҳи аввал ошиқу шайдои Ойҷамол гардид.

Қаробоев Э. бо Ботухон яккаю танҳо дар даруни мошини хизматияш вохӯрда гуфт:

- Бобои Ботухон, синну соли шумо ба ҷое расидааст, наход ки ҳоло ҳам арақ нӯшед?! Айб аст! Ҷойи шумо дар ин синну сол кунҷи масҷид. Ҷинояти ниҳоят вазнин содир кардед. Акнун давраи пириятонро бо азобу шиканҷа дар кунҷи маҳбас, то охири умр мегузаронед!

Ботухон гирён шуда гуфт:

- Мӯҳтарам прокурор, ман чанд сол буд, ки наменӯшидам. Ҳамон рӯз дӯстон маро дар рӯзи мавлудам маҷбур карданд. Илтимос, чӣ хизмате бошад, иҷро мекунам. Писарам, Шерматҷон, одами корчаллон аст. Ӯ зарари расидаро ҷуброн мекунад ва хизмати шуморо ҳам ба ҷой меорад. Шумо мушкили маро осон кунед. Дасти ману домони шумо!

Баъд аз каме таваққуф, Қаробоев Э. оҳиста мақсадашро фаҳмонданӣ шуда гуфт:

- Ботухон, Ойҷамоли духтаратон ягон номзад дорад ё не?

Аз ин саволи прокурор, хуни сарди шахшуда дар рагу пайи Ботухон ба ҳаракат омад ва шуълаи умед дар чашмонаш дурахшид. Ӯ хуб медонист, ки прокурор ду сол инҷо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ниб зани муносиберо ҷустуҷӯй дорад. Гуфт:

- Не, мӯҳтарам прокурор, садҳо ҷавонон ба хостгорӣ омаданд, Ойҷамоли нозанини ман онҳоро муносиб надид. Ойҷамол духтари оқилу доно ва кадбонуи хуби хонадон аст. Аз ҳамин сабаб дархости он ҷавонони бесаводу бекасу беҳунарро рад кард. Ӯ мехоҳад бо касе хонадор шавад, ки касбу мансаб дошта, ҳаётдида бошад, то ин ки ба қадру қиматаш расад.

Аз ин суханони Ботухон прокурор аниқ дарк кард, ки тираш ба ҳадаф мерасад. Ӯ каме далертар шуда, бо нармӣ гуфт:

- Бобо, хулосаи гап ҳамин, ки агар Ойҷамолро розӣ кунӣ, ки зани ман шавад, кори туро сабук мекунам, вагарна дар зери азобу шиканҷаи зиндон маҳв хоҳӣ шуд.

Ботухон ду даст пеши бар гирифта, аз тарси азобу шиканҷа ва воҳимаи зиндон гуфт:

- Ин кори ман, иншоаллоҳ, ӯро розӣ мекунам, ба шарте ки иҷозат диҳӣ, ба хона равам.

Прокурор гуфт:

- Иҷозат медиҳам, ба шарте, ки писаратон Шермат волидони он ду тифли ҳалокшударо бо кадом роҳе ки набошад, розӣ кунад. Онҳо аз даъвояшон гузаранд ва баъди ду рӯз розигии Ойҷамолро ба ман мерасонед. Шумо озод, тез аз пайи кор шавед!

Қаробоев Э. дар давоми ин ду шабонарӯз хеле хароб шуд. Шаб то ба рӯз мурғи хаёлоти ширинаш дар атрофи ҳусну ҷамоли Ойҷамол парвонавор давр мезад. Худ ба худ фикр мекард, ки мабодо он паричеҳраи ба дом афтода чун кабӯтар аз тури сайёд раҳо шуда, ба осмони софи каб-кабуд парвозкунон ғайб занад, ҳоли мани ошиқ чӣ мешуда бошад? Дар болои мизи корӣ ӯро ғанаб мебурд. Фикраш ба дуриҳои дур доимо банд буд. Орзу мекард, ки Ойҷамолро ақаллан дар хобаш бинад.

Ботухон ҳамаи хешу табори наздик ва фарзандонашро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷамъ карда, маҷлис орост. Ҳар кас фикрашро мувофиқи ақлу донишаш баён мекард. Дар охир сардори оила ҷамъомадро ҷамъбаст карда гуфт:

- Ман падар ва сардори ҳамин қабила ва хонадони шумо ҳастам! Наҷоти ман дар дасти ду нафари шумо ҳаст! Ҳама писарону духтарону амаку амакбачаҳо бо ҳайрат ба тарафи ҳамдигар нигаристанд ва ба давоми суханони сарвари хонадон гӯш доданд. Ӯ гуфт:

- Мушкилкушои ман Шерматҷону Ойҷамоли нозанин шуда метавонанд!

Бо мақсаде ки пирамард боз чӣ мегуфта бошад, ҳамагон гӯш ба давоми суханони ӯ дода, хомӯшона интизорӣ мекашиданд. Пирамард дер гоҳ ба фикр фурӯ рафт ва дар охир гулӯ афшонда гуфт:

- Агар Шерматҷон маблағ пайдо карда, хунбаҳои он ду тифли ноболиғро диҳад ва волидони онҳо аз даъвояшон даст кашанд, кушоиши як тарафи масъала аст. Тарафи дигараш ин аст, ки агар Ойҷамолҷон хоҳад, ки соҳиби хонаву дари дабдабаноку молу амволи зиёд гардад ва падарашро аз банду занҷири маҳбас озод кунад, бе ягон дудилагӣ ба прокурор ақди никоҳ мебандад ва зани ӯ мешавад.

Дунё дар пеши чашмони Ойҷамол дар як лаҳза торик шуд. Гӯё борону жолаи дарду ғам яку якбора дар сараш мерехт. Ранги сурху сафеди рухсораҳои зебояш зарду қаҳрабо гашт, об дар даҳонаш хушк шуд ва мадори гап задан надошт. Аз чашмони шаҳлои фаттонаш ашки сӯзон ба бари рухсораш равон шуда, қатра-қатра мечакид. Дар охир қувваашро ҷамъ карда, ҳиққосзанон гуфт:

- Эй падар, наход дилатон шавад, ки мани ҳаждаҳсолаauthor ба бевамарди панҷоҳсола диҳед. Охир ӯ аз ман сиюду сол калон асту ду тифли ноболиғ дорад!

Ду шабу ду рӯз Ойҷамоли нозанинро дарду ғами айём чунон харобу лоғар кард, ки бинанда гумон мекард, ки ӯ аз бемории домана хестааст. Дар охир ӯ ба хотири меҳри па-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дарӣ розӣ шуд ва дар назди падару Қаробоев Э. шартҳои зиёди дандоншиканро монд. Бо ин шартҳо ӯ прокурорро ғуломи ҳалқабаргӯши худ гардонид.

Шермат, ки пулу моли бедарди миёнро аз қочоқи маводи мухаддир захира карда буд, волидайни ноболиғони ҳалокшударо ба воситаи маблағу насиҳати муллоҳо розӣ кунонид, ки аз даъвояшон даст кашанд.

Ақди никоҳи Қаробоев Э. бо Ойҷамол бо никоҳи мусулмонӣ, пинҳонӣ сурат гирифт.

Бо дахолату ёрии Қаробоев Э. суд дар асоси моддаи 118-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ботухонро бо ҷарима ба андозаи дусад маоши ҳадди аққал ҷазо дод. Аз сабабе, ки пули Шермати Шағол бисёр буд, ин маблағро ба тезӣ супориду Ботухон ба озодӣ баромад.

Қаробоев Э. ҳар як нозу нузи Ойҷамолро мебардошт. Ӯ ҳатто барои нигоҳубини кӯдаконаш занеро ба хизматгорӣ қабул кард. Ойҷамоли ҳаждаҳсола ягон кори хонаро намекард. Чун шоҳдухтар рафтор мекард. Ин марди панҷоҳсола ғуломи ҳалқабаргӯши зани ҷавон гашта буд, ки дар урфият инро "занкалон" мегӯянд. Қаробоев Э. ҳар як хоҳиши зану падарарӯсашу бародари золими ӯро бе чуну чаро иҷро мекард.

Вақте ки Шермати Шағол дар маҳаллаи Кӯҳдоман ҷинояти вазнин содир кард, яъне занашро кушт, сирру асрори ба қочоқи маводи мухаддир сару кор доштани ӯ ошкор гардид. Бояд ӯ дар асоси моддаҳои 104, 289-и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои одамкушӣ, қочоқи маводи мухаддир понздаҳ сол аз озодӣ маҳрум шуда, дар маҳбаси реҷааш сахти махсус нигоҳ дошта мешуд. Молу амволаш ба ҳисоби давлат тасарруф мегардид. Лекин бо супориши хоҳараш Ойҷамол Қаробоев Э. усулу кореро ба анҷом расонид, ки баъди се соли ҳабс Шермати Шағоли қотилу нашъаҷаллоброафв карданд. Барои рӯйпӯш кардани дигар кирдорҳояш, то хоҷагонаш ошкор нагарданд, ба ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр карда, ба Федератсияи Русия гурезонданд. Шермат бо ёрии "Бургут"-у "Зоғ" ва дигар ҳаммаслаконаш, ки бистуҳашт нафарро ташкил мекарданд, аз Давлати Исломии Афғонистон то ба ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қазоқистон ва Федератсияи Русия фаъолият мекардагӣ шуданд.

Шермат баъди аз маҳбас баромаданаш ҳафт сол дар шаҳрҳои Маскав ва Санкт-Петербург ба қочоқи маводи мухаддир сару кор дошт.

## *ДОМ БАРОИ ШАҒОЛ*
## **(фаъолият бо лӯлиҳо)**

Шермати Шағолро аввалҳо гоҳе дар бозорҳои шаҳрҳои Маскаву Санкт-Петербург ва гоҳе дар Қазону Екатеринбург дидан мумкин буд. Ӯ бештар бо лӯлиҳо сару кор мегирифт. Солҳои охир лӯлиҳо кори ӯро осон карданд. Ду "маркази тиҷоратӣ"-и маводи мухаддир, яке бӯстонсаройе дар шаҳри Маскав, дигаре дар таҳхонаи корхонаи қаннодии шаҳри Санкт-Петербург амал мекарданд. Ӯ дигар майдабозӣ намекард. Савдои яклухтро ҷорӣ карда буд. Дар Маскав бо ҳаммаслаки дигари украиниаш, Пивненко Фёдор, савдо мекард, аммо аз болои ҳардуи ин "марказҳои савдо" Шермати корчаллон назорати қатъӣ мебурд. Лӯлиҳо аз тамоми гӯшаю канори Русия, чун дигар муштариёни маводи мухаддир, ба ин ҷо ташриф меоварданд. Онҳо бо як зиракию эҳтиёт, ба воситаи роҳбаладон, пинҳонӣ аз нозири милиса, дар ҷойҳои махсус яклухт "бор"-ро гирифта, чун аҷина ғайб мезаданд.

Аз ин кори бобарори Шермат хоҷагонаш "Бургут" дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва "Зоғ" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар шариконашон хушҳолу қаноатманд буданд. Дар урфият мегӯянд: "Кӯза ҳар рӯз сиҳат ба лаби чашма намеравад".



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар баробари расидани барқияи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи Федератсияи Русия гӯё дар хонаи мӯрча об даромада бошад, ки кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ, амнияти шаҳру ноҳияҳо дар ҷустуҷӯю пайдо кардани Шермат бо тахаллуси "Шағол" шуданд.

Соати 03:20 дақиқаи шаб, дар вақти хариду фурӯши маводи мухаддир "Шағол" ба дом афтод. Тафтиш аз тарафи кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартиботи шаҳри Москва шаш моҳ давом кард, аммо кормандони милисаи шаҳри Маскав сирру савдои ин гурги борондидаро пурра ошкор карда натавонистанд. Онҳо барои пурра ошкор сохтани ин гурӯҳи калони хавфноки қочоқи маводи мухаддир аз Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрию мадад пурсиданд.

Бо фармони Прокурори генералӣ Собирзода Абӯалии Сабур ба он ҷо ба сафари хидматӣ фиристода шуд ва нусхаи парвандаи ҷиноятии №77-9-ро бо худ бурд.

## *КУШОИШИ МУАММОИ САРБАСТА*

*Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро,*
*Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.*

***Хоҷа Ҳофиз***

Дар асоси парвандаи ҷиноятии №77-9 санҷишу тафтиши муштараки кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва амнияти миллии Федератсияи Русияву Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш моҳи дигар давом кард. Дар кушода шудани ин ҷинояти вазнин Абӯалӣ роли аввалиндараҷаро бозид. Санҷишу тафтишҳо дар навоҳии назди марзҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Қазоқистон, гоҳе дар шаҳрҳои калони Русия сурат мегирифт.

Баъд аз як соли ба ҳабс гирифтани Шермат нахустин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуда парвандаи №77-9-ро корманди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирзода Абӯалии Сабур кушода дод. Ӯ дар мурофиаи суди шаҳри Маскав, оид ба кушодашавии парвандаи ҷиноятии №77-9-и прокуратураи шаҳри Бӯстон, ки баъдтар ин парвандаро Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯҳдаи хеш гирифта буд, баромад намуда гуфт:

- Мӯҳтарам раис ва иштирокчиёни мурофиаи парвандаи ҷиноятии №77-9,  доир ба парвандаи мазкур гуфтаниям, ки ман шоҳиди қисме аз ин ҷиноятҳо ҳастам. Акнун, кӣ будани Шермати Шағол, "Бургут", "Зоғ" ва ҳомиёни онҳо дар Федератсияи Русия, дигар шаҳру ҷумҳуриҳо маълум гардид. Парда яку якбора афтиду бозингарони ноаёни паси парда намоён ва шинохта шуданд.

"Бургут" ин тахаллуси нашъаҷаллоби машҳур, ки қочоқи моводи мухаддирро дар тамоми ҷаҳон паҳн мекунад, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Мангал валади Гулбиддин мебошад. "Зоғ" тахаллуси қумондони қувваҳои сарҳадии марзи Афғонистону Тоҷикистон, афсари баландрутбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Гадозода буда, "бор"-ро аз хизматгорони "Бургут", ки аз дарёи Панҷ мегузаронданд, дар ин тарафи сарҳад қабул карда, ба ихтиёри афсар ва шаҳрванди украинтабори Русия Пивненко Фёдор ва шаҳрванди Тоҷикистон Шермат барои обу лой кардан вогузор мекардааст.

Абӯалӣ инчунин номҳои дигар аъзоёни гурӯҳи бистуҳаштнафараро қироат кард. Дар охир оид ба шарҳи ҳоли худаш ва қотилии Шермату ҳимоя шудани ӯро аз тарафи прокурори шаҳри Бӯстон Қаробоев Э. аз аввал то ба охир шарҳ дод.

Иштирокчиёни мурофиа яке ба кордонию маҳорати Абӯалӣ аҳсану офаринҳо мехонд, дигареро саргузашти талхи ӯ ба андша бурда буд.

Хулоса, гунаҳкории ин ҷинояткори вазнин аз тарафи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

суди шаҳри Маскав исбот шуд. Ин парвандаи ҷиноятӣ барои иҷроиш доир ба дигар ҷинояткорони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонбуда ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд. Дар мурофиаи Суди Олӣ боз Собирзода Абӯалии Сабур ба сифати айбдоркунандаи давлатӣ баромад намуд. Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин буд: "Дар асоси моддаҳои 104 - одамкушӣ, 200 - муомилоти воситаҳои нашъаовар, 289 - қочоқ (контрабанда) ва дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бӯрихонов Шерматҷон бо тахаллуси "Шағол" бо маҳрумият аз озодӣ бо мӯҳлати понздаҳ сол, бо мусодираи молу амвол, дар маҳбаси реҷааш сахт ҷазо дода шавад".

Ба дигар аъзои гурӯҳи биступанҷнафара, хусусан афсарони баландрутбаи қисмҳои сарҳадот Талбак Гадозода ва Пивненко Фёдор ҷазои сахти сазоворро "лоиқ" донистанд. Прокурор Қаробоев Э.-ро дар асоси моддаи 359 - сохтакории далелҳо, моддаи 319 - гирифтани пора, моддаи 366 - ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, моддаи 316 - баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва ғайраҳо Суди Олӣ ҷазои сазовор дод. Ин каме ҳам бошад, саҳме буд дар иҷрои фармону супоришҳои Президенти кишвар оид ба тоза кардани мақомоти ҳифзи тартибот аз одамони тасодуфию дасту дили нопокдошта.

Абӯалӣ дуюмин васияти бобою падарашро баҳри гулгулшукуфии ватану беҳдошти миллат бо сарбаландӣ иҷро кард. Дар баробари ин кораш ӯ исбот кард, ки хонаи дар маҳаллаи Кӯҳдоман буда на моли Шермати Шағол, балки мероси ӯст. Суди Олӣ шартномаи хариду фурӯши хонаро ғайриқонунӣ дониста, ҳалнома баровард ва хонаро дар идораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе ба номи меросхӯрон, Абӯалӣ ва Ситорабону Собирзодаҳои Сабур ҳуҷҷатгузорӣ карданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## *ОҚИПАДАРӢ ХОТИМА ЁФТ*

Бо кӯмаки дӯстон Абӯалию Ситорабону хонаи чангу ғуборолуди чандин сол касе дар он ҷо зиндагӣ накардаро тоза карданд. Бобои Дилшод Абӯалиро нашинохт. Аз ҳамин сабаб вориди ҳавлӣ гардидан замон гуфт:

- Муборак шавад! Соҳибхонаи навомада, ҷавони ситорагарм менамоед, пас маълум мешавад, ки ҳамсояи хубро Худо ба мо раво дид.

Абӯалӣ дидан замон Дилшоди паҳлавонро, ки падаршро аз зери мушту лагади Шермати "падархонд"-аш наҷот дода буд, шинохт. Ӯро ҳаяҷон сабру тоқат рабуда буд, ки оғӯш кушода, бобои Дилшодро ба канор гирифта гуфт:

- Оҳ, амаки Дилшод, шумо ҳамсояи хуби беҳ аз хеши дур будед, ки падари беморамро наҷот додед!

Дилшод ҳайрон шуда гуфт:

- Ҷавони хуб, ман шуморо нашинохтам.

- Ман Акмал, Улуғбек, сонӣ Абӯалӣ ҳастам.

Дилшод акнун фаҳмид, ки ҷавони зебои ситорагарму ин духтари нозанини наврас кистанд. Онҳо дер боз бо ҳам суҳбат карда, аз ҳолу аҳвол ва саргузашти ҳамдигар бохабар шуданд.

Дар охир Дилшод савол дод:

- Чаро номатро аз Улуғбек ба Абӯалӣ иваз кардӣ? Сабаби иваз кардани номи Акмалро ба Улуғбек медонам.

Абӯалӣ гуфт:

- Дар рагу пай, пӯсту устухони ман хуни поки Ориёии эронитабори тоҷикӣ меҷӯшад. Бояд исми ман ҳам тоҷикӣ бошад!

Дилшод:

- Офарин! Офарин, эй фарзанди беҳ аз падар! - гуфта бо даст се маротиба ба пушти Абӯалӣ тап-тап зад.

Саҳари рӯзи якшанбе Абӯаливу Ситорабону ҳамроҳи Дилшод озими деҳаи Навобод шуданд. Аз ташрифи меҳ-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

монон Ҳабибуллоҳу Муниса аз хурсандӣ гӯё дар куртаашон намеғунҷиданд. Баъд аз меҳмоннавозӣ ҳамаашон ба зиёрати оромгоҳи бобои Собир рафтанд. Аввал Абӯалӣ сураи "Мулк"-ро хонда, савобашро ба рӯҳи бобои аз дунё фонӣ чизе надидаи хору зори яккаву танҳо фавтидааш, Собир, бахшид. Баъд, атрофи оромгоҳро аз хасу хошок тоза карданд. Дар охир Абӯалӣ ба амаки Ҳабибуллоҳ гуфт:

- Иншоаллоҳ, баъд аз як моҳ омада, оромгоҳи бобои азизамро дуруст карда, мақбара мебардорам.

Ҳамагон роҳи деҳаи Қирғизонро пеш гирифта, бо роҳбаладии банда сари гӯри кунҷакӣ, ки аз гӯристони умумӣ 150 метр дуртар ҷойгир шуда буд, омаданд. Ман гуфтам:

- Офарин бар фарзанди оқилу комиле, ки васияти бобою падарашро ба ҷой меорад.

Оятеро чанд аз "Қуръон" тиловат намуда, ба рӯҳи Сабури ормонӣ бахшидем. Худо Кариму Раҳим аст, шояд, ки гуноҳҳои содиркардаи Сабурро бахшида бошад. Абӯалию Ситорабону дар сари гӯри падар гирёну нолон ғазали Шайхи бузург Саъдиро мехонданду навҳа мекарданд:

*Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,*
*К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон.*
*Бигзоштанд моро дар дида оби ҳасрат,*
*Гирён чу дар қиёмат, чашми гунаҳкорон.*
*Эй субҳи шабнишинон, ҷонам ба тоқат омад,*
*Азбаски дер мондӣ, чун шоми рӯзадорон!..*

Ситорабону Донишгоҳи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Синоро бо дипломи аъло хатм кард. Барои корҳои илмиаш дар давоми таҳсил ӯро дар кафедраи дилшиносии донишгоҳ чун олими ҷавон ба кор қабул карданд. Ӯ баъди ду сол дар соҳаи рагу дилшиносӣ корҳои зиёди илмӣ бурд ва дар ин соҳа ба муваффақиятҳо ноил гардид. Роҳҳои пешгирӣ ва табобати ишемияи дилро ба таври илмию назариявӣ нишон дода, исбот кард. Ӯ чун яке аз олимони намоёни соҳаи тиб дар ҷумҳурӣ ва берун аз он ном баровард ва сазовори ҷоизаи Президенти мамлакат гардид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# *ТАНТАНАИ АДОЛАТ*

Дар вохӯрии Президенти кишвар бо кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот Абӯалӣ дар сафи пеш менишаст. Президент дар баромади худ гуфт:

- Агар ҳамаи кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот ба монанди корманди Прокуратураи генералӣ Собирзода Абӯалии Сабур, ки дастпарвари мактаб-парваришгоҳ аст, кору фаъолият кунанд, ватану миллат аз хавфу хатари душманони дохилию хориҷӣ дар амон мемонад. Коре, ки ин бача барои ватану миллат кард, то ҳол касе накарда буд. Ӯ супоришу фармони Президенти кишварро иҷро кард. Бо кордонии ӯ якчанд шахсони тасодуфие, ки бо нияти баду дасти нопок дар сафҳои шумо - кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот бо роҳҳои гуногун ҷой гирифта буданд, ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Абӯалиро Президенти кишвар ба рутбаи генерал-майор пешниҳод намуд ва бо дастони худ ордени "Исмоили Сомонӣ - 1"-ро дар пеши бараш овезон карда гуфт:

- Собирзода Абӯалии Сабур манфиати миллату ватанро аз манфиати шахсӣ боло гузоштааст. Офарин! Сад офарин! Ватану миллат ба шумо барин наберагони шуҷоу далери Исмоили Сомонию Спитамен, Абӯмуслими Хуросонию Темурмалики Хуҷандӣ ниёз дорад! Аз ақлу хирад, кордонию маҳорати Собирзода Абӯалии Сабур ибрат гиред! Ҳазорон раҳмати Худованд бар бобою падаре, ки чунин наберою писарро ба дунё овардаанд!

Чунин буд амри тақдири азалӣ, ки оқипадарзодагонро инсонҳои оқилу фозили сазовори эҳтироми бобою падар, миллату ватан гардонид. Нагӯянд падар кист, гӯянд ҳунарат чист?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Дониш талабу бузургӣ омӯз,*
*То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.*

Илм мӯъҷизаи Худованд, нерӯдиҳандаи ақлу хирад, кушояндаи муаммоҳои сарбаста ва роҳнамои инсон ба сӯйи қуллаҳои ниҳоят баланди орзую армонҳои ширини заминию кайҳонӣ мебошад. Зеро ки аввалин ваҳйи (хабар, пайғом) фиристодаи Худованд ба воситаи Ҷабраили амин ба ҳабибаш ҳазрати Муҳаммад (с) хитоби "Иқраъ", яъне "Бихон!" буд. Баъдан ибодат барои инсон фарз (қарз) гардид. Ба воситаи илм инсон худ ва холиқаш (Офаридгор)-ро шинохт. Мартабаю хосияти илм буд, ки оқипадарзодагон инсонҳои комилу шоистаи эҳтироми волидону миллату ватан гардидаанд ва худу Худои хешро шинохтаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ҚИССАИ ДИРӮЗ

Соли 1993. Ҷанги бемақсаду бемаънии шаҳрвандӣ, ки бо дасти душманони хориҷиву дохилии миллати заҳматкашу ҷафокаши тоҷик, берун аз марзу буми Тоҷикистони азиз тарҳрезӣ шуда буд, давом мекард. Гург дар пӯстини гӯсфанд амал намуда, дӯстро аз душман фарқ кардан ниҳоят мушкил буд.

Бобои Гадохӯҷа дар домони кӯҳи Моштеппа, дар деҳае, ки Сирзор меномидандаш, зиндагонии фақиронае дошт. Мардуми деҳа аз 30-35 оила иборат буданд. Хонаи бобои Гадохӯҷаи 81-сола дар назди ғори буттазори канори деҳ ҷойгир шуда буд. Дарёчаи хурде ғорро убур карда мегузашт. Шабонгоҳҳо садои чир-чири паррандагону хазандагон аз дохили ғор ба гӯш мерасид. Қур-қури қурбоққаҳо ба гӯши бобои Гадохӯҷа намефорид. Дар дилаш ваҳм хона карда буд, зеро ки дар деҳа овоза паҳн шуда буд, ки дастаи номаълуми ғоратгарони силоҳдоре пайдо шудааст, ки шабонгоҳ ба деҳаҳо ҳуҷум карда, ба қатлу ғорат машғуланд. Гадохӯҷа бой ҳам набошад, дар бисоташ ду сар гӯсфанду се-чор буз, як гову гӯсола ва як хари боркаш дошт. Парвои гову гӯсолаву бузу бузғола ва хару гӯсфандонашро ҳам намекард. Аз ягона писараш, ки дар миёни 6 нафар духтарон ба камол расида буд, хавф мебурд. Талбаки 24-сола охирин фарзанд ва ягона писар пас аз таваллуди 6 нафар духтар буд. Дуою муноҷоту ибодати 40-солаи Гадохӯҷа ба даргоҳи Худованди мушкилкушо иҷобат шуд ва ӯ дар синни миёнсолагӣ, яъне дар 57-солагӣ соҳиби писар шуд. Гадохӯҷа шукри Худоро мекард ва орзу дошт, ки Талбаки талабидагияшро ҳамчун духта-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ронаш хонадор мекунад ва аз дасти наберагонаш гирифта, давлати пирӣ меронад. Ӯро ба духтари ҳамдеҳааш Нокома номзад карданд. Хостанд, ки тӯй барпо намоянд ва тӯй ҳам наздик шуда буд, ки ҷанги шаҳрвандии бародаркуш оғоз шуду тӯйи онҳо ба таъхир монд.

## ШАБИ НАҲС

Аз аввалҳои соли 1992 нишонаҳои ҷанг пайдо шудан мегирифт ва рӯз то рӯз домани худро васеъ менамуд. Бо васвасаи душманони хориҷиву дохилии ватану миллат ду бародари ҳамхун, чун дар қиссаи Қобилу Ҳобил, ба ҳам душман шуданд. Ҳамдигарро ваҳшиёна ба қатл мерасониданд. Оташ задани хонаву тороҷи молу амвол ва таҷовуз ба номуси занону духтарони ноболиғ кам набуд. Аз ин вазъияти бади сиёсию ҷамъиятӣ duздону авбошон ва афроди ҷиноятпешаи аз маҳбасҳо озодшуда истифода мебурданд ва худро гоҳ муҷоҳиди роҳи дин ва гоҳ тарафдори давлати қонунӣ эълон карда, дар асл, мақсади нопок дошта, душмани ҳама буданд. Ҳар рӯз хабарҳои нав ба нав ба гӯши мардум мерасид, ки фалон касро дар фалон ҷо қатл карданд, хонаи фалон касро ғорат, ба оташ заданд ва духтари фалон касро силоҳдорон дуздида ё зӯран бурданд ва ё таҷовуз карданд.

Бо шунидани ин хабарҳои шум қалби бобои Гадохӯҷа ба тапиш медаромад, дастонаш меларзиданд. Ӯ метарсид, аз қисмати яккаписараш Талбакҷон метарсад. Чаро ӯ натарсад, охир аз сад гули орзую умеди Талбакҷонаш ҳатто як гулаш ҳам нашукуфтааст.

Гадохӯҷа баъди адои намози хуфтан бо ҳаяҷони ногаҳонӣ тез ба хонааш баргашт. Завҷаи меҳрубонаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Фотима ва писарашро дида, каме ором шуд. Зану фарзанд дар чеҳраи сарвари хона ошуфтаҳолиро пайхас карданд. Момои Фотима ҳайратомез савол дод:

- Дадоҷонаш, чаро ин қадар парешонҳол менамоед?

- Эй занак, овозаҳои нохуше паҳн шуда истодаанд. Мардум дар таҳлука афтодааст...

Фотима давоми суханони шавҳарашро интизор нашуда гуфт:

- Аз Талбакҷон метарсам, тӯйро ҳарчи пештар барпо мекардем, хуб мешуд. Бимирем ҳам, бе ҳасрату бе ормон аз дунё мегузаштем. Ин бегоҳӣ занҳои ҳамсоя дар саричашма овоза паҳн кардаанд, ки як гурӯҳи яроқбадасти ниқобпӯши номаълуме пайдо шудааст, ки шабонгоҳ ба деҳаҳои наздикӯҳӣ ҳуҷум карда, даст ба қатлу ғорат мезананд.

Пиру кампир аз суханони фаҳмидаи ҳамдигар боз ҳам ошуфтахотир гардиданд. Пирамард ба писараш муроҷиат карда, гуфт:

- Писарам, қуввату бозу ва асои дасти мо, пиру кампир ту ҳастӣ, эҳтиёт шав, ба гапи ягон кас гӯш мадеҳ ва ба ягон гурӯҳ шомил нашав, ақлатро ба кор бар!

Талбак ба ҳоли зори падару модараш нигариста, гуфт:

- Падарҷон, ман аз он бачаҳои беақлу кӯчагӣ нестам, доимо дар хизмати шумо ҳастам. Қарзи фарзандиямро иҷро мекунам.

...Ақрабаки соат ба ду наздик мешуд. Талбак чун баррачаи ширмаст хоб буд. Бобои Гадохӯҷа аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт, хоб кайҳо аз сараш парида буд. Хоби дишаб дидамаш, ки Талбакҷонро дар дарёи пуртуғён ғарқ мешуд, ба ёдаш омад. Ин ҳолро завҷааш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дида, оҳиста, пичирросзанон гап зад, то ки писараш бедор нашавад:

- Дадош, чаро хоб намеравед? Хоби маро ҳам паррондед.

Хоб аз сари пиру кампир ба куллӣ парида буд.

Ногаҳон садои сагҳои деҳа яку якбора баланд шуд. Пас аз лаҳзае камоне баланд садо дод ва овози ҷонхароши саге баланд шуд. Саг дуру дароз ҷинг-ҷингкунон дод мезад, пас аз уллосу аккоси ҷонкоҳ оҳиста-оҳиста садояш паст шуда рафт. Гадохӯҷа аз бистар ҷаҳида, хеста ҷомаашро сари китфонаш гирифта гуфт:

- Саги қудо Ашӯрро касе парронд.

Кампир бо дудилагӣ пурсид:

- Шумо аз куҷо медонед?

- Эй кампир, овози сагу хари ҳар як хонаи ин деҳаро медонам, - гӯён бобои Гадохӯҷа ба саҳни ҳавлӣ баромад.

Хомӯшӣ сар то сари деҳаро фаро гирифт, ҳатто пашша пар намезад. Ин сокитиву хомӯшӣ ваҳмангез буд, гӯё ҷонзоде аз тарси балои ба сари деҳа омада нафас намекашид. Субҳи содиқ торафт наздик мешуд. Баногоҳ тақ-тақи дарвоза шунида шуд. Қалби пиру кампир ба задан даромад, дасту пойҳояшон меларзид.

Гадохӯҷа оҳи пурдарде кашида гуфт:

- Хоб дида будам, аз он балое, ки метарсидам, ба сарам омад.

Кампир гуфт:

- Талбакҷонро бедор кунед, аз тиреза баромада, паси бом, дар ғор пинҳон шавад.

Талбак аз тиреза ҷаҳида, хост болои девор баромада, ба тарафи ғор фирор карда, паноҳ барад. Бо азобе худро дар болои девор гирифт ва ба поён ҷаҳид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамин вақт ду нафар шахсони ниқобпӯш туфангчаро ба сӯяш рост карда, гуфтанд:

- Ҳа, паҳлавони сари деги ош, ба куҷо фирор карда истодаӣ? Ба кӣ хабар мебарӣ?

Талбак дар ҷояш шах шуда истода, гуфт:

- Ба ҳеҷ ҷой фирор намекунам.

Онҳо гуфтанд:

- Агар зинда мондан хоҳӣ, аз паси мо биё.

Ночор аз паси онҳо равон шуд. Аз дарвоза берун 5-6 нафар силоҳбадасти ниқобпӯш савори ду аспу ду хар меистоданд. Шахсеро дасту бозувонаш баста шуда буд ва дар даҳонаш латтапораеро тиққонда буданду ду нафар ниқобпӯш ӯро дошта меистоданд. Яке аз ниқобпӯшон, ки аз афташ, сардорашон буд, ба Талбак таҳдид карда гуфт:

- Зудтар харатро зину афзор кун ва ин шахсро савор карда, аз паси мо биё. Агар як ҳаракати ноҷо кунӣ, ҷо ба ҷо парронда мешавӣ!

Талбак харро тайёр карда овард. Ниқобпӯшон он шахси басташударо ба хар савор карданд. Талбакро як ниқобпӯш аз пешу ниқобпӯши дигар аз ақиб назорат мекарданд. Пас аз ду соат роҳи кажу килети морпечи кӯҳиро бо сад азоб тай карда, ба қуллаи кӯҳи Моштеппа расиданд. Рӯз сафед шуда, офтоб нурафшонӣ мекард. Талбак ба сурати бандӣ бодиққат нигарист, рӯю даҳонаш маҳкам буд. Ӯ эҳсос кард, ки шахси дастгиршуда зан аст, вале кӣ будани ӯро фаҳмида натавонист. Ниқобпӯшон ба макони худ расиданд. Дар паси кӯҳ, даруни ғоре, ки ҷангалзор буд, чор хайма меистод. Ниқобпӯшон сайди ба дом афтодаро ба хаймаи сардор бурданд. Ду нафар бо ҳамроҳии Талбак ба болои кӯҳ баромада, бо дурбин ба атроф назорат мекарданд. Яке



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз посбонҳо ба Талбак таҳдид карда, гуфт:

- Эй, паҳлавони сари деги ош, шарм намедорӣ, ки чун занак дар хона пинҳон мешавӣ?! Аз ҳамин рӯз инҷониб ту сарбози роҳи озодӣ мебошӣ! Агар фирор кардан хоҳӣ, ҷо ба ҷо кушта мешавӣ!

Гоҳ аз нафрат ва гоҳе аз тарс бошад, ки қалби Талбак тез-тез мезад ва дасту бозувони рустамонааш меларзиданд. Дилаш, ақлу ҳушаш ба ҳоли зори падару модари меҳрубонаш ва номзади азизаш Нокома банд буд. Ӯ агар фурсати қулай меёфт, ҳарду посбони хунхору бераҳмро зада аз пой меафтонду ба тарафи деҳааш фирор мекард ва ҳарчи зудтар аз ҳолу аҳволи хонадону маҳбубааш хабардор мешуд.

Ногаҳон аз даруни хайма садои нолаи ҷонкоҳу имдодталабонаи занонае баланд шуд. Ин гиряи талх дер гоҳ давом кард ва оҳиста-оҳиста сокит гардид. Нолаю навҳа, овози зан ба самъи Талбак ошно расид. Ӯ дар ҳайрату ваҳшат монда, ба фикру андешаҳои дур фурӯ рафт: "Ё бор Худоё, ин садои кӣ бошад? Ин лаҳни ширинро гӯё борҳо шунида бошам". Аз миён соате сипарӣ шуд, ақрабаки соат ба 12 наздик мешуд. Ногаҳон пардаи даромадгоҳи хайма яктарафа шуду сардори ниқобпӯшон, ки ғули биёбонро ба ёд меовард, баромад. Ба чор тараф эҳтиёткорона назар афканда, садо баланд карда гуфт:

- Ҳой лаънатиҳо, куҷоед?

Ниқобпӯшони хастаи беҳолу бемадор аз хоби маст хеста, хамёзакунон дар назди қумандонашон ҳозир шуданд. Посбонҳо ҳам омаданд. Талбаки ҳайрону ҳаросон низ аз думболи онҳо бо дили нохоҳам, наздики хайма омад ва бо диққат ба афту андоми қумандони саҳроӣ нигоҳ карда, ба гапу гуфтораш гӯш дод. Сару рӯйи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қумандон пур аз хун буд, изи нохун ду бари рухсорашро ба ҷӯякҳои обдори пахтазор монанд карда буд. Нӯги бинияшро изи дандонҳо хуншору овезон карда буд. Ғули одамхури хунмаст "об-об" гуфта, дод зад. "Навкарон" об оварда, сару рӯйи сарварашонро шустанд. Хун аз ҷӯйчаҳои бари рухсораш ҷӯш зада мебаромад ва нӯги биниаш ҷудо шуда, овезон буд. Ӯ ба сарбозонаш фармон дода, ба хаймааш ишора карда, гуфт:

- Бо тезӣ гӯр канда, ин мурдаро гӯронед, - ба тарафи Талбак нигоҳи хашмгинонае карда гуфт: - Мурғи сарбурида овоз надорад ва сирро фош карда наметавонад, кори инро ҳам тамом кунед.

Дар ҳафтоду ду рагу пайванди Талбак ларза афтод ва дасту пойҳояш аз кор монданд. Ҳаёти 24-солааш чун фиттаи синамо ва китоби хаёлот варақгардон шуда мегузашт. Лаҳзаҳои ширинтарини ҳаёташ, бо падару модар, хоҳаронаш ва дилдодааш Нокома пеши назар меомаданду беихтиёр ашки сӯзон косаи чашмони гирди сиёҳашро пур карда, ба бари рухсори зебояш ҷорӣ шуда, ба замин мечакид. Даруни қалб мегуфт: "Оҳ, во ҳасрато, аз сад гули орзуҳои дерину ширинам ҳатто яктояш ҳам нашукуфт. Дар ҷавонӣ, садҳо орзую ҳавас дар дил мурдам. Умеду орзуҳои чандинсолаи падару модар ва Нокомаамро амалӣ карда натавонистам. Худоё, мушкилкушое, дар ин рӯзи сахттарин ягона умедам ба туст. Худоҷон, магузор, ки беному нишон аз ин дунёи фонӣ ба дунёи боқӣ равам. Поко, Самадо, Аҳадо, ҳидоятам кун, ки бори дигар ба висоли рӯйи Нокома ва падару модари азизам бирасам".

Садои хашмолуди ниқобпӯше дуою муноҷот ва риштаи тахайюлоти Талбакро яку якбора барканд, ки мегуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Эй бахтгумкарда, ба ту ним соат вақт, ана, ин белро бигиру хонаи домодиятро бошитоб бикан! Туро бо ин зани мурда дар ин хона тӯй мекунем! Гӯрро калонтар бикан, ки ҳарду оғӯш гирифта, бароҳат, то рӯзи "растохез" хоб бикунед!

Талбак тамоман карахт шуда буд. Дар ҳамин вақт ниқобпӯши дигаре аз пас бо қундоқи камон ба сари Талбак зад. Талбак калавида-калавида панҷ-шаш қадам ба тарафи бели дар заминбуда омад ва мувозинаташро нигоҳ дошта, бо азобе рост истод. Ниқобпӯши дигар мили камонро тарафаш рост карда гуфт:

- Эй, сакалту, тезтар белро бигиру гӯратро бикан, вагарна мепарронамат, гӯштҳоятро зоғ ва шағолу рӯбоҳҳо мехӯранд.

Талбак каме ба худ омада, хам шуда, белро аз замин ба даст гирифт. Замини пур аз сангу рег дами белро каҷ мекард. Баъди 10 дақиқаи гӯр кандан арақ аз сару рӯяш чун борони баҳорон рехта, пероҳанашро тар кардаву беист ба замин мечакид. Ниқобдорон дар болои сараш истода, чизеро пай бурдагӣ барин, ба чор тараф нигариста, интизор буданд, ки гӯр зудтар канда шаваду ба куҷое фирор кунанд. Даҳони Талбак хушк шуд, забонаш дар комаш часпид. Ӯ дигар қувваю мадори гӯр кандан надошт. Об талаб кард, обаш надоданд. Нафасгириаш душвор шуд, сараш чарх мезад, пеши чашмонашро ғуборе фаро мегирифт. Пас аз ду-се дақиқа, агар ин ҳолат давом мекард, аз пой меафтиду ҳалок мешуд. Дар ҳамин вақт садои чархболе шунида шуд. Сардори яроқбадастон ба даҳшат афтода, хитоб карда, гуфт:

- Корашро тамом кунед, бо тезӣ дар ҷангалзор пинҳон шавед:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Садои се тири камон баланд шудан замон Талбак сарозер ба даруни гӯри ним метр кандааш афтод. Чархбол намоён шуду ба тирпарронӣ сар кард. Ниқобпӯшон камону туфангҳояшонро гирифта, чун гургони хунхӯр, шитобон дар даруни ҷангалзори домони кӯҳ панаҳ бурданд. Чархболҳои дуюму сеюм низ пайдо шуда, яроқбадастонро думболагир мекарданд. Ду соати расо чархболҳо давр зада, тирпарронӣ карданд. Дар охир яке аз чархболҳо дар назди хайма фуруд омад ва ду чархболи дигар муҳофизаткунон чарх мезаданд. 5-6 нафар сарбоз, 2 нафар хилъати сафедпӯш аз чархбол берун шуда, ба тарафи ҷасади хобида омада, онро аз назар гузаронданд. Хилъатпӯшон духтурони ёрии таъҷилӣ буданд, яке аз онҳо ба сарбозон муроҷиат карда гуфт:

- Зинда аст, тезтар маҷруҳро савор кунед!

Талбаки дар хоку хун оғӯштаи паҳлавонро 6 нафар сарбоз бо ёрии духтурон бо азобе ба чархбол бароварданд ва ёрии аввaларо расонданд. Яке аз сарбозон гуфт:

- Ин паҳлавон аз сад кило зиёд вазн дорад, кӣ бошад ва ӯро чаро паррондаанд?

Сарбози дигар хиргоҳро аз назар мегузаронид, ӯ хаймаи охиринро кушода, дод зад:

- Тезтар биёед, ин ҷо қурбонии дигаре хобидааст.

Духтурон ба тарафи хайма давида, дохили он гардидан замон ба ақиб баргашта, гуфтанд:

- Илтимос, сарбозон, шумо наздик нашавед. Ин қурбонӣ зани бараҳнаи чормех карда, дар хоку хун оғӯшта мурда аст.

Баъд аз 15 дақиқаи муоина ҷасадро дар матои сафеде печонда, дуртар аз Талбак хобонданд. Духтури



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

калонсол, ки зан буд, ба қумандон рӯй оварда, оҳиста гуфт:

- Ин мурда духтари 16-17-солаи бокира аст. Ваҳшиён таҷовуз ба номусаш кардаанд. Ӯ барои муҳофизати номуси худ басо ҷонбозиҳо кардааст, аз ҳамин сабаб ӯро ба ин ҳоли зор афкандаанд.

Чархбол роҳи Душанберо пеш гирифт. Духтур ба шаклу андоми духтарак беист назора мекард ва қалбаш аз ҳоли зори ин паричеҳраи оғӯштаи хоку хун решреш мешуд. Ногаҳон сурхие дар рухсори заъфарони духтар пайдо шуд. Духтур набзи ӯро дошта, садои қалби ӯро гӯш кард ва дар чеҳрааш хушҳолие пайдо шуда, бо ҳаяҷони ногаҳонӣ гуфт:

- Қалбаш ба кор даромада истодааст, зинда мешавад. Шукри Худованди мушкилкушо, ин қудрати Худо аст. Охир ин мурда буд.

Ду ҷасади нимҷонро дар ду ҳуҷраи бемориҳои вазнини беморхонаи №5 шаҳраки тиббии назди Донишгоҳи тиббӣ ҷой карда, аз пайи муолиҷаашон шуданд.

## *"МУРДАҲО" ЗИНДА ШУДАНД*

***Эй ғоиб аз назар, ба Худо месупорамат,***
***Ҷонам бисӯхтиву ба дил дӯст дорамат.***
***То домани кафан накашам зери пойи хок,***
***Бовар макун, ки даст зи домон бидорамат...***
***Хунам бирехт в-аз ғами ишқам халос дод,***
***Миннатпазири ғамзаи ханҷаргузорамат.***
***Мегиряму муродам аз ин сели ашкбор,***
***Тухми муҳаббат аст, ки дар дил бикорамат...***

***Хоҷа Ҳофиз***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муборизаи марг ва ҳаёт даҳ рӯз давом кард. Табиби кордон Ғафур Муҳсинович ва шогирдаш Мухтор Маъруфович ҳарду маҷрӯҳро аз 7 то 15 амалиёти хурди ҷарроҳӣ (микрохирургия) гузарониданд. Талбак аз се узваш захм бардошта буд, бо тезӣ шифо ёфт. Аммо маҷрӯҳи дуюм, ки зан буд, хеле хун талаф дода буд ва ба худ намеомад. Ба ӯ хуни дараҷаи дуюм лозим шуд ва он ба зудӣ пайдо нагардид. Ғафур Муҳсинович ба Талбак муроҷиат карда гуфт:

- Ба ҳамон маҷрӯҳ, духтаре, ки ҳамроҳат оварда буданд, хуни дараҷаи дуюм лозим шудааст, мо хуни дараҷаи дуюм пайдо карда натавонистем. Хуни шумо бо хуни он духтар як хел мебошад. Ӯ ба шумо ягон хешу таборӣ дорад?

Талбак ҳайрон шуда, пурсид:

- Мӯҳтарам духтур, шумо кадом духтарро дар назар доред?

Ғафур Муҳсинович бо ақли расою таҷрибаи табибиаш акнун эҳсос кард, ки ин ҷавон дар ҳолати вазнин ба беморхона оварда шуда буд. Шояд он духтарро ҳам надонад. Дар ҳақиқат он духтарро ӯ надида буд ва кӣ будани ӯро ҳам намедонист. Талбак ризо шуд ва ба он бемори вазнин 250 грамм хун дод. Саломатии духтар ҳам хуб шуд.

Рӯзе Ғафур Муҳсинович ба духтар рӯй оварда, гуфт:

- Вазъияти кишвар хеле бад аст. Ҷанги шаҳрвандӣ дар авҷ мебошад, аз ҳамин сабаб падару модар ва хешовандони шумо ба шаҳр омада наметавонанд, аз аҳволатон ҳам хабардор нестанд. Ҳамон ҷавони маҷрӯҳе, ки ҳамроҳат оварда буданд, ба ту хун дод ва сабаби зинда мондани ту гардид.

Духтар ҳам ҳайрон шуда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Кадом ҷавон?

Духтури оқил ба зудӣ фаҳмид ва гуфт:

- Ҳақиқатан дар ёд надорӣ. Туро ҳамроҳи ҷавоне оварда буданд. Хуни ту зиёд талаф шуда буд. Ӯ тез шифо ёфт ва ба ту хун дод. Сабаби зинда монданат низ ӯ мебошад. Пас аз се рӯз туро ҷавоб медиҳам, ба он ҷавон миннатдорӣ изҳор бикун. Агар ту ягон хеш дар шаҳр дошта бошӣ, ҳамин ҷо бимон, зеро ки дар атрофи деҳаҳои шумо ҷанги шаҳрвандӣ рафта истодааст, ки басо ба ҷони шумо хатар дорад.

Духтар гирён шуда, гуфт:

- Ман дар шаҳр касеро намешиносам.

Духтур гуфт:

- Ҳамон ҷавони ҳамроҳат овардашуда дар кӯчаи "Бухоро" хеши дуре доштааст. Ман бо ӯ гапзанон мекунам. Шумо якчанд ҳафта он ҷо монед, тинҷӣ ва сулҳу амонӣ ки шуд, пас ба зодгоҳатон меравед.

Духтар каме фикр карда, гуфт:

- Он ҷавон ягон одами бад набошад?

Духтур каме табассум карда, гуфт:

- Бале, бале, "моргазида аз банди ало метарсад". Не, он ҷавон агар одами бад мебуд, худаш бемор, боз ба ту хун намедод. Ту дар назди он ҷавон қарздор ҳастӣ. Омода бишав, пас аз се рӯз шуморо ҷавоб медиҳам. Бо он ҷавон ҳам маслиҳат мекунам. Ӯ туро соқу саломат ба назди волидайнат ва ба зодгоҳат бурда мерасонад.

## *ВОХӮРИИ ТАҚДИРСӮЗ*

Аз миён се рӯз сипарӣ шуд. Ҳамшираи шафқат ба ҳуҷраи Талбак ворид шуда, гуфт:

- Ҷавони бемор, тайёр шудед? Аз паси ман биёед,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

духтур дар дафтари кориаш шуморо мунтазир аст.

Талбак аз думболи ҳамшираи шафқат иҷозат пурсида, вориди дафтари кории духтур шуд. Дар назди мизи кории духтур духтари мавзунқомате, рӯй ҷониби тиреза рост меистод. Духтур ба духтар рӯй оварда, гуфт:

- Нокома, ҳамроҳи ҳамин ҷавон меравӣ, ӯ туро соқу саломат ба назди падару модарат бурда мерасонад. Ҳушёр бош, ки вазъият дар кишвар нооромаст. Хавфу хатар дар ин шабонарӯз ҳар як касро интизор аст.

Пас аз шунидани номи ошно, номе, ки тақдири ояндаи Талбак ба ӯ вобастагӣ дорад, ҷавон сахт такон хӯрд. Беихтиёр нидои "Нокома, Нокома" ду-се маротиба аз забони Талбак баланд-баланд садо дод. Ҳамшираи шафқат бо тааҷҷуб ба Талбак нигарист. Бо ин ҳолати кор духтур ҳам хавотиромез гуфт:

- Ҳа, Талбак, тинҷӣ-мӣ, чӣ шудааст?

Дар баробари баланд садо додани номи Талбак духтар: - Талбак, Талбак, - гӯён ба ҷавон нигарист. Ҳарду карахт шуда, мизро дошта, бо азобе, мижа назада, ба ҳамдигар дуру дароз чашм дӯхта, рост меистоданд.

***Ҳар рӯз дилам ба зери боре дигар аст,***
***Дар дидаи ман чӣ ҳаҷр, хоре дигар аст.***
***Ман ҷаҳд ҳамекунам, қазо мегӯяд:***
***"Берун зи кифояти ту коре дигар аст!".***

Дар андоми ҳарду ларзаи ногаҳонӣ афтод, забонҳо лол гашта буд. Ашки сӯзон дар косаи чашмони ҳарду давр зада, ба бари рухсорашон ҷорӣ шуда, ба пероҳанашон мечакид. Ҳамшираи шафқату духтур аз ин тавр ранг гирифтани вохӯрии беморонашон ҳайрон шуда, сокит меистоданд. Хомӯшӣ панҷ-шаш дақиқа давом кард. Дар охир садо баромаду духтар рӯяшро бо рӯймо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ли дасташ пӯшонда, зор-зор гирист. Ҷавон аз ҷигари бирёну қалби сӯзон наъра кашида, гирён-гирён мегуфт:

- Оҳ, Нокома, ин ту будӣ, ки дар зери хаймаи хукони ҳароми хунхор гиряву зорӣ карда, имдод металабидӣ?! Чаро, чаро ман ба додат нарасидам?! Дод аз дасти фалаки каҷрафтор, сад доду бедод аз бахти баргашта!

Нокома бо овози ларзони хаста гирён-гирён гуфт:

- Талбакҷон, ҳоҷат ба баён нест, зеро ки ин ҳодиса ҳамааш дар пеши чашмони шумо рӯй дод, худ гувоҳу шоҳиди ин нокомии ман ҳастед. Ман бо ин тани нопок, бо ин номуси бойдода лоиқи шумо нестам. Шуморо хушбахт карда наметавонам ва ин дунёи равшанро тарк кардан авлотар аст. Охир маро беномус карданд, бахтамро сӯхтанд. Чӣ тавр мани паррандаи болу парсӯхта боз ба деҳа баргардам? Чӣ тавр ба чашмони шумо, падару модар ва аҳли деҳаам нигоҳ кунам? Ман лоиқи шумо нестам.

Ин вохӯрии тақдирсӯз як соат давом кард. Духтури дилсӯз мошини ёрии таъҷилиро даъват карда, ду бемори бахтгумкардаро савор карда, гуфт:

- Талбакҷон, Нокомаҷон, шумо хушбахт мешавед. Мошин шуморо то кӯчаи "Бухоро" мебарад. Суроғаи шуморо медонам. Баъд аз ду рӯз ман, албатта, шуморо хабар мегирам ва дар тӯятон ҳам иштирок мекунам.

Мошин ба роҳ баромад. Дар даруни мошини ёрии таъҷилӣ, қалби сӯзони пур аз дарду ғами ҳиҷрони ду номзад, ду дилдодаи ноком якранг, тез-тез метапид. Рӯ ба рӯйи ҳамдигар нишаста, бо чашмони пур аз ашк, бо сад орзую ҳасрати дар қалби ҷавонӣ солҳо парварда сӯйи ҳам менигаристанд. Мехостанд гап зананд, лекин дарду ғам лабҳояшонро чунон ширеш карда буд, ки кушода намешуданд. Онҳо бо нигоҳҳои дилрешкунанда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гӯё розу ниёзи ҳамдигарро мефаҳмиданд. Ҳазрати Хоҷа Ҳофизи бузургвор ин ғазалро гӯё дар васфи ин ду нокоми бахтбаргашта гуфта бошад:

***Сина моломоли дард аст, эй дареғо, марҳаме,***
***Дил зи танҳоӣ ба ҷон омад, Худоё, ҳамдаме.***
***Чашми осоиш кӣ дорад аз сипеҳри тезрав,***
***Соқиё, ҷоме ба ман деҳ, то биёсоям даме.***
***Зиракеро гуфтам: "Ин аҳвол бин!", хандиду гуфт:***
***"Саъб* рӯзе, булъаҷаб коре, парешон оламе!".***
***Сӯхтам дар чоҳи сабр аз баҳри он шамъи чигил,***
***Шоҳи туркон фориғ аст аз ҳоли мо, ку Рустаме?***
***Дар тариқи ишқбозӣ амну осоиш балост,***
***Пеш бар он дил, ки бо дарди ту хоҳад марҳаме!...***
***Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,***
***Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме...***

Дар роҳ Нокома бо азобе лабони ширешшудаашро кушода, аввал ба Талбак ва баъд ба ронанда илтиҷоомез муроҷиат кард:

- Илтимос, дилам беҷо, сарам чарх зада истодааст, маро ба лаби дарёи каб-кабуд баред.

Ронанда ба рангу рӯйи заъфарони духтар нигариста, роҳи Варзобро пеш гирифт. Мошин дар канори роҳ қарор гирифт. Дари он кушода шуд. Бӯйи муаттари гулу гиёҳҳои баҳорӣ ба машом мерасид, аз вазиши боди форам ва садои дарёю нағмаи паррандагон гӯё гулҳои лолаю наврӯзӣ, ҳолмону кокутию ҷамилак ба рақс омада буданд. Ин манзара биҳиштро мемонд. Нокома хост аз мошин фарояд, аммо аз беқувватӣ натавонист. Талбак аз ӯ пурсид:

- Нокома, ба куҷо меравӣ?

- Дасту рӯям ифлос ва нопок аст, чӣ хел бо ин ҳол



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба хонаи хеши шумо меравам? Шумо замоне ин ҷо истед, ман дасту рӯямро шуста, пок карда, баъд меравем.

Талбак бори аввал аз дастони маҳину булӯрини Нокома дошт. Гӯё ӯро барқ зада буд, ки каме дар ҷояш шах шуда монд ва баъд ҳаловати гуворою ширинеро дар қалбаш ҳис кард. Қалби мурда, ишқи мурдааш аз нав зинда шуд. Ба дил мегуфт: дигар ба деҳа намеравем, то ки таънасори ҳамдеҳагон нашавем. Ҳарчи бодо бод, ба амри қазову қадар, ба сарнавишти рӯзи азал тан бояд дод. Ӯ гуноҳе надорад, танҳо қурбони ноадолатиҳои даврु замон гардидааст. Дар як мижа задан хаёлҳою орзуҳои дерину ширини Талбак осмонҳою заминро давр зада омад. Бо ёрии Талбак Нокома аз мошин фуромад ва ба тарафи дарё равон шуд. Талбак ҳам хост аз думболаш равад. Нокома ин ҳолатро ҳис кард ва ба ӯ рӯ оварда гуфт:

- Шумо ин ҷо истед, ман  кори зарур дорам.

Ин вазъиятро дида, ронанда гуфт:

- Бародар, вай зан аст, ягон ҳоҷат дорад, истед.

Нокома оҳиста-оҳиста хиромида, ба тарафи дарё мерафт. Талбак чашмашро аз қаду қомати зебою мавзуни ӯ намеканд. Дилаш таҳ мекашид, ишқаш дучандон мегашт. Ҳозир буд, ки қурбони номзаду дилдодаи нокомаш шавад. Нокома дар паси дарахту буттаҳои канори дарё паноҳ шуд ва аз чашми Талбак ғоиб гардид. Аз миён даҳ дақиқа сипарӣ шуда бошад ҳам, ӯ пас намеомад. Интизорӣ Талбакро беқарор мекард, ҳар хел гумонҳои бад ба хаёлаш мезад. Дар охир косаи сабраш лабрез шуд ва оҳиста-оҳиста қадам монда, ба самте, ки Нокома он ҷо паноҳ шуда буд, равона гардид. Дар лаби дарё рӯймоли арғувонии Нокома дар шохи дарахте банд шуда, чун парчами сурх аз вазиши шамоли да-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рёи пуртӯғёни фасли баҳорон алвонҷ мехӯрд. Бо ҳарос ба чор тараф нигарист, касе наменамуд. "Нокома! Нокома!", - гӯён наъра кашид. Дар он соҳили дарё кӯдаке бузу бузғолаҳояшро мечаронид. Фарёд карда гуфт:

- Поёнтар-поёнтар, тезтар-тезтар равед!

Талбак болои харсанги калоне баромада, ба поён нигарист. Дид, ки пероҳани гулобии Нокома дар миёни ду харсанги калон, ки шаршараи азимеро ба вуҷуд овардааст, намоён аст. Тоқат накарда, бо либосҳояш худро ба об ҳаво дод. Ба тарафи шаршара ҳаракат кард. Шаршара ӯро дар оғӯши хеш гирифт, ба Нокомаи дар харсанг дармонда наздик шудан замон бо ду даст ӯро маҳкам дошт. Дастони Талбак дар миёни Нокома печида, қуфл шуданд. Талбак дигар дасту пой зада наметавонист. Вазн зиёд шуд, пероҳани дар харсанг дармонда канда шуд. Ҳарду аз шаршара хато хӯрда, ба қаъри дарё, болои тобасанги азиме афтоданд.

Баъди ду рӯз наҷотдиҳандагон аз қаъри дарё ҷасадҳои дар оғӯши ҳамдигар печидаи Талбаку Нокомаро бароварданд. Онҳо кайҳо ба висоли ҳамдигар расида, ҷонҳои азизи худро ба даргоҳи Ҷонофарин супорида буданд.

***Рӯзи ҳиҷрону шаби фурқати ёр охир шуд,***
***Задам ин фолу гузашт ахтару кор охир шуд.***
***Он ҳама нозу танаъум, ки хазон мефармуд,***
***Оқибат дар қадами боди баҳор охир шуд...***
***Боварам нест зи бадаҳдии айём ҳанӯз,***
***Қиссаи ғусса, ки дар давлати ёр охир шуд...***

***Хоҷа Ҳофиз***



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин аст "мева"-е аз ҷанги шаҳрвандӣ. Худовандо, кохи афрохтаи сулҳу ваҳдати тоҷиконро нигоҳ дор ва чашми бади душманони ҳасуди дохиливу хориҷии миллати тоҷикро кӯр гардон. Ин қиссаи таърихӣ дарси ибратест барои ҳар як хонандаи ин китоб. Оташи сӯзони аждаҳои ҷанг даҳҳо ошиқони зорро, чун Талбаку Нокома, ба коми хеш кашида, сӯзонда, хокистар кард, ки то ба имрӯз аз гӯри ин ошиқон садои оҳу нола меояд ва аз хуни дилашон лолаҳо мерӯянд.

***Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,***
***Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд.***
***Бикшой турбатамро баъд аз вафову бингар,***
***К-аз оташи дарунам дуд аз кафан барояд...***

***Хоҷа Ҳофиз***





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# *ЗАНЕ ДАР НИКОҲИ ДУ МАРД*
***(ҳикояи воқеӣ)***

## *ФАРЗАНД ДИЛҲОРО ВАСЛ КАРД*

***Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,***
***То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ...***
***Ҷалолиддини Балхӣ***

Сафаргул бо қаду қомати мавзуну расо, абрувони борики думи мору чашмони турконаи сип-сиёҳ ва овозу нигоҳи ҷозибаноки форами дилнишинаш дар миёни шарикдарсону омӯзгорони мактаб маҳбубияти хосе пайдо карда буд.

Ӯ бо маҳорати фавқултабииаш дар озмуни "Ғунчаҳои санъат", ки байни мактаббачагони ҳунарманди мактабҳои шаҳри Ваҳдат баргузор гардида буд, сазовори ҷойи аввал гардид. Ба даври дуюми озмун, ки дар шаҳри Душанбе барпо мегардид, роҳхат гирифт. Вале шодию хурсандиаш дер давом накард, зеро ки ба решаи ниҳолаки орзуҳои ширинаш волидони аз илму маърифат дураш, акои Рақибу занаш холаи Ҳиҷрон, намакоб рехтанд. Баҳона он буд, ки онҳо таънасори мардум нагарданд.

Кӯшишу илтимосҳои омӯзгорону кормандони ҳукумати шаҳр ба ин кӯрдилон асаре накард. Волидон садди роҳи Сафаргул гардиданд ва ниҳолаки орзуҳои ширинаш аз ғаму андӯҳи зиёд хушк гардид. Ӯ бо табъи хираю ранги заъфарон хонанишин шуда монд. Ҷавononе, ки шайдою мафтуни овозу маҳорат ва симою сурати зебои Сафаргул буданд, пайваста ба хонаи Рақиб хостгор мефиристоданд. Рақиб, ки як фарди маҳалгарои якраве буд, хоҳиши хостгоронро рад карда, мегуфт, ки мо, мардуми кӯҳистон, духтарона-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

монро ба ҳамшаҳриҳои худамон медиҳем, ба ҳисорию кӯлобиҳо намедиҳем. Ин одам бузургиро на дар миллату ватандорӣ, балки дар деҳаю маҳалли кӯчаки худаш медид. Ҳамин ноаҳлию гапнодароии волидон сабаб шуд, ки аз миён ду сол гузашту касе барои хостгорӣ ба хонаи онҳо пой пеш намонд.

*Ваъдаи аҳли карам ганҷи равон,*
*Ваъдаи ноаҳл шуд ранҷи равон.*

Пас аз интизориҳои тӯлонӣ рӯзе баъди адои намози шом дари хонаи Раҷибро касе кӯфт.

Сафаргул дарро кушод ва дар беруни дарвоза марди сурхинамӯю занеро дар паноҳи фаранҷӣ дид. Пас аз салому алейк марди сурхинамӯй гуфт:

- Раҷиб дар хона ҳаст?

Сафаргул ба саволи меҳмон ҷавоб нагардонда, баргашт ва назди падар омада гуфт:

- Падар, як марду як зан дар таги дарвоза шуморо мепурсанд.

Раҷиб суол кард: - Чӣ хел марду зан?

Сафаргул гуфт:

- Мард монанди урус, суп-сурх аст.

Раҷиб каме фикр карда, хурсанд шуд ва аз ҷояш ҷаҳида хеста гуфт:

- Оҳ, Давлат аз Регар хостгорӣ омадааст. Ман ба ӯ таъйин карда будам.

Ӯ меҳмонро байни ҳавлӣ пешвоз гирифт ва ба меҳмонхона даъват кард. Посе аз шаб гузашта бошад ҳам, сӯҳбати ёрони дерин хотима намеёфт. Дар охир Давлати регарӣ оҳанги гуфторашро нарму дилчаспдар карда гуфт:

- Ҳамшаҳрии ҷун, Раҷиб, ману келинат бо умеде ба даргоҳат қадам ранҷа кардем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рақибу занаш гӯё дар интизори ин суханон бошанд, ки якбора ҳарду гуфтанд:

- Гап занед, шайтон ноумед, иншоаллоҳ, шумо ба орзуятон мерасед!

Аз ин суханони соҳибони хона меҳмонон рӯҳу илҳом гирифтанд. Давлат ба тарафи занаш нигоҳи маънидоронае карда гуфт:

- Дӯстам, Рақиб, мову шумо умри ҷавониамонро дар кӯҳистон гузаронида, бо ҳамдигар унс гирифтаем. Гарчанде бо амри тақдир, баъди муҳоҷирати кӯҳистон, аз ҳамдигар ҷудо шуда бошем ҳам, қалбҳоямон қарин аст. Аз ҳамин сабаб ману келинат ба хулосае омадем, ки писари ман, Лоиқҷонро оиладор кунему аз Сафаргул беҳтар ва арзандатар номзадро барои Лоиқҷонамон дигар намеёбем. Чӣ мешуд, ки Лоиқҷони моро ба фарзандӣ қабул мекардед?

Бе машварат бо Сафаргул ва бе ягон фикру андеша, ки Лоиқҷон кист ва чандсола аст, Рақибу Ҳиҷрон аз ҷояшон ҷаҳида хеста, ду даст пеши бар таъзим карда, тӯтивор гуфтанд:

- Хуш омадед, нури дида, тоҷи сар! Мо Лоиқҷонро ба фарзандӣ қабул кардем.

Меҳмонон аз ҷой бархеста, бо арзи эҳтиром таъзим карда гуфтанд:

- Ташаккур, садҳо ташаккур! Медонистем, ки моро ноумед намекунед.

Шаб аз нисф гузашта буд. Дӯстон маслиҳати тӯйро карда, рӯзи баргузории онро низ муайян намуданд.

Пагоҳӣ Сафаргул аз мақсади ташриф овардани меҳмонон хабардор шуд. Дар назди волидон бо норозигӣ гиряю зорӣ кард, мӯю рӯй канд, аммо ба дили сангини онҳо таъсире набахшид. Баъди азобу ғуссахӯриҳои якҳафтаина ба тақдир тан дода, ором шуд. Тӯй дар иҳотаи хешону ёру дӯст гузашт. Сафаргул нахустин маротиба зери чодари арӯсӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба дидори Лоиқ комёб гардид. Ба симою қаду қомати ӯ бо диққат назар карду дилаш таҳ кашид. Охир ҷавонони зебои хушқаду қомати шаҳри Ваҳдат ошиқи шайдои ӯ буданд. Чаро насиби яке аз онҳо нагашт? Маҳалгароию хурофотпарастии волидони бефарҳангаш пеши назараш ҷилвагар шуду беихтиёр ин рубоии ҷонгудози Ҳилолии бузургро аз дил гузаронда, дергоҳ гирист:

*Имрӯз маро ғайри парешонӣ нест,*
*В-аз мушкили ман умеди осонӣ нест.*
*Ғам кушт марову кас ба додам нарасид,*
*Биллоҳ, дар ин шаҳр мусулмонӣ нест.*

Дар ҳақиқат, зиндагонӣ дар Регар барои ӯ ба ҳаёте дар кунҷи зиндон табдил шуд. Аксарияти ҳамсояҳо ӯзбекзабон буданду бо забони шаҳдбори тоҷикӣ-форсӣ ҳарф намезаданд. Баъд аз як моҳи зиндагонӣ маротибаи дуюм бо дили нохоҳам ба тақдири рӯзи азал тан доду пайкари булӯрини худро таслими Лоиқ кард. Шавҳар дар шабистони боғи Ирами Сафаргули гулбадан сайругашт карда, аз меваҳои шаҳдбораш чашида, лаззат бурд. Ӯ ин хел ширину гуворояшро бори аввал медид, гарчанде сари чандин занҳоро об гирифта буд.

Вай аз хурсандию шодӣ Саъдивор мегуфт:

*Имрӯз муборак аст фолам,*
*К-афтид назар бар он ҷамолам.*
*Хоб аст магар, ки менамояд,*
*Ё ишва ҳамедиҳад хаёлам?*
*Имрӯз бидидам он чӣ дил хост,*
*Дид он чӣ нахост бадсиголам!*

Охир Лоиқ чаро шоду хурсанд набошад? Ӯ 18 сол аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сафаргул калон аст ва пеш аз вай бо ду зани дигар дар никоҳ будааст. Аз 15 соли зиндагии якҷоя бо ин занҳо соҳиби фарзанд нашуд. Дар охир аз онҳо ҷудо гардид. Сафаргул баъди зиндагонии шашмоҳа аз сирру асрори Лоиқи бисёрникоҳаи безурёт огаҳӣ ёфт. Дунёи равшан дар як мижа задан пеши чашмонаш тираю торик гардид. Ӯ бо ду даст рӯяшро мепӯшиду мушти маломат ба сар мезад ва нолаи ҷонгудоз аз дилу ҷигари сӯзон кашида, талх-талх мегирист.

*Сустии дил шуд фузуну хоб кам,*
*Сӯзиши чашму дили пурдарду ғам.*

Зиндагии ноҳамвор се сол давом кард, аммо онҳо соҳиби фарзанд нашуданд. Барои соҳиби тифле шудан хеле азият кашида, назди духтуру табиб, фолбину мулло рафта, сарвати зиёде харҷ карданд. Ғами бенаслию ёри номувофиқ Сафаргули зебою хандонро харобу лоғар ва ранҷур сохта буд. Падари Лоиқ дар маҳфиле мартабаю мақом ва каромоти ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ, яъне Домуллои Сурхиёнро шунида, аз он назди писару келинаш ҳикоя мекунад.

Сафаргулу Лоиқ бо орзую умед роҳи шаҳри Ваҳдатро пеш гирифта, ба зиёрати оромгоҳи Мавлавӣ, деҳаи Сурхиён мераванд. Сафаргул дар назди оромгоҳ рӯҳи поки Мавлавиро ёд кардаву ба даргоҳи Худованди ҳозиру нозир муноҷот намуда, аз номи шайхи бузурги Шероз гирён-гирён мегӯяд:

*Дил баргирифтӣ аз барам, эй дӯст, даст гир,*
*К-аз даст меравад сарам, эй дӯст, даст гир.*
*Шарт аст дастгирии дармондагону ман*
*Ҳар рӯз нотавонтарам, эй дӯст, даст гир.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо амри Худованди мушкилкушо баъди як сол онҳо соҳиби писар шуданд ва тифли навзодро Умедҷон номгузорӣ карданд. Зиндагии беранги онҳо рангин шуд ва ҷабини нокушодаи Сафаргул гул карду табассумҳои ширин дар лабонаш ҳувайдо гардид. Бо баракати тифли навзод меҳру муҳаббати Лоиқи калонсол дар дили сарду хомӯши Сафаргул ба худ маскане пайдо кардан гирифт. Онҳо хушбахтиро эҳсос карда, зиндагии ширинеро аз сар мегузарониданд. Тифлро бобою бибияш чун гавҳараки чашм тарбият намуда, аз меҳру муҳаббати саршор ӯро парастиш мекарданд. Чӣ тавр гузаштани вақтро надониста монданд. Умедҷон 3-сола шуд. Сафаргулу Лоиқ чун Лайлию Маҷнун шабҳоро бо орзуҳои ширин рӯз мекарданд ва ба тӯйи хатнаи писарашон тайёрӣ медиданд.

*Бедор шав, билло, ки ҷаҳон ҷойи хоб нест,*
*Эмин дар ин хароба нишастан савоб нест.*
*Аз хуфтагони хок чӣ пурсӣ, ки ҳол чист?*
*З-он хоби хуш, ки ҳеҷ касро ҷавоб нест...*

**Амир Хусрави Деҳлавӣ**

## *ФОҶИАИ ТОҶИК*

*Ҳеҷ кас аз боғи даҳр бӯйи вафое надид,*
*Дар ҳама бӯстони хок меҳргиёҳе надид.*
*Ҳамсафаронро хирад бехт ба галбери сидқ,*
*Дар дили вайронашон ганҷи вафое надид...*

**Амир Хусрав**

Аз соли 1990 сар карда, нооромиҳо дар сар то сари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳарчи бештар авҷ мегирифт. Гоҳе дар Қафқозу ҷумҳуриҳои назди Балтик, гоҳе дар шаҳрҳои калони Русияву ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ гирдиҳамоиҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бардавом сар мезаданд. Моҳи феврали соли 1990 нахустин гирдиҳамоии сиёсӣ дар назди Кохи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон баргузор гардид.

Соли 1992 бошад, нишонаҳои ҷанги шаҳрвандии бародаркуш пайдо шудан гирифтанд. Ин ҷанги бемаънии тоҷиккуш рӯз то рӯз домони хунини хешро васеъ менамуд. Душманони миллати куҳанбунёду ориёнажоди тоҷик дар хориҷу дохили кишвар нақшаи маҳви ин миллати ғаюрро тарҳрезӣ карда буданд. Аҳриманзодагони кинахоҳ ин нақшаи сиёҳро дар давраи Инқилоби Октябр низ моҳирона истифода бурда буданд, ки дар натиҷа шаҳрҳои калони тоҷикнишин аз харитаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун монданд. Зиёиёни бедорфикри тоҷикро, ки чароғи маърифати ин миллат буданд, ваҳшиёна, бо роҳҳои гуногун ба қатл расонданд. Ин шайтонҳои қадимаи миллати тоҷик ду бародари ҳамхунро бо дастони худашон қатл менамуданд. Онҳо хонаҳои ҳамдигарро оташ зада, молу амволро ба ғорат мебурданд, ваҳшиёна ба номуси занону духтарон таҷовуз мекарданд. Ин ниятҳои ваҳшиёнаро ба воситаи гурӯҳҳои дуздону ҳаннотон, қотилону нашъамандон ба иҷро мерасонданд.

Дар оташи ин ҷанги хонумонсӯз шаҳру деҳаҳои атрофи Регар ҳам месӯхт. Шабонгоҳ ҳафт нафар шахси ниқобпӯш аз болои девор ҷаҳида, вориди ҳавлии бобои Давлат шуданд. Лоиқу бародараш Қобилро аз бистари гарму нарм хезонда, дастонашонро ба пушт бастанд. Бобои Давлату занаш пеши пойи қотилони номаълум ба зону афтода гирябу зорӣ карданд, то ки ҷигарбандонашонро раҳо кунанд. Онҳо гуноҳе надоранд. Ниқобдори сиёҳпӯше бо тамоми қувва қундоқи автоматро ба сари пирамард зад. Ӯ оҳ гуфта ба замин афтод ва аз бинию даҳонаш хуни сурхи ялаққосӣ равон шуд. Кампири Ҳиҷрон - зани бобои Давлат ин манзараро дида, чи кор карданашро намедонист ва яку якбора хам шуда, аз зонуи ниқобпӯш, чун гурбаи ба чанголи саг



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

афтода, сахт газид. Аз дарди ҷонкоҳ ӯ беихтиёр овоз баровардa гуфт:

- Оҳ, модасаги газанда!

Ин овоз ба кампир шинос намуд. Дар ин сухан оҳангҳои туркию тоҷикӣ бо ҳам омезиш ёфта буд. Кампир ин гурги шабравро аниқ шинохт ва дандонҳояшро аз пойи ӯ раҳо карда, гуфт:

- Ҳамсоя, Эргаш, охир ин овози туст?!

Ҳамин вақт ниқобпӯш бо як даст аз даҳони кампир дошта, бо дасти дигараш ба фарқи сари ӯ бо қундоқи камон зад. Кампир ҳам оҳ гуфта, беёд дар бари шавҳараш афтод. Аз даҳони қотил бӯйи ғализу ифлоси арақу нашъа меомад. Ӯ ширамаст буд, аз ҳамин сабаб бо зарбаи задааш қаноат накарда, мӯйҳои сари кампири аз ёд рафтаро як-як канда мегирифту дар охир дар сари кампир ягон мӯй намонд.

Ниқобпӯшон дари ҳавлиро аз дарун кушода, болои сари Лоиқу Қобил халта кашида, онҳоро зада-зада ба мошини панҷарадор бор карданд.

## *ТАҶОВУЗУ ШИКАНҶА ВА ҚАТЛУ ҒОРАТ*

Сафаргул ин вақт аз фурсат истифода бурда, ба воситаи нардбон болои бом баромад ва нардбонро кашида, рӯйи бом гузошту худ даруни ғарами таппакҳо пинҳон шуд. Ӯ аз сӯрохии ғарами таппакҳо ҳавлиро наззора мекард. Дид, ки ниқобпӯшон баъди ба мошин бор кардани Лоиқу Қобил каме осуда шуда, ба ҳавлӣ баргаштанд. Кампиру мӯйсафедро кашола карда, ба хонае даровардa, дари хонаро қуфл заданд. Наберагони бобои Давлат, ки шаш нафар буданд, аз тарси ин гургони маст зери кӯрпа дир-дир меларзиданд. Ниқобпӯшон дохили хона гардида, чор нафарашон ба кофтукови сандуқҳо машғул шуда, се нафари дигар дастҳои ду духтари бобои Давлат, Зарринаю Сабзина ва зани Қобил,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Робияро баста, онҳоро кунҷи хона нигоҳ медоштанд. Панҷ нафар тифли ноболиғро дасту пой баста, зери дарзаҳои ғӯзапоя, ғанак заданд. Насибаи 10-сола, духтари Қобилро хонаи дигаре даровварда, дарро маҳкам карданд. Дар даҳ халта молу амволи ғанимат афтодаро бароварда, ба мошин бор карданд. Шаб аз нисф гузашта, гӯё аз тарсу даҳшат сар то сари деҳа ба хоби абадии ғафлат рафта буд, ки ҳатто хурӯсе ҷеғ намезад ва саге ҳам аккос намекард. Ситораи Аторуд, ки ситораи бадбахтӣ ва ё наҳсаш меноманд, чун моҳ осмонро равшан мекард. Ҳафт нафар сиёҳпӯш аз ин оромии шаб истифода бурда, аз халтае арақ бароварда, ҳар кадоме даҳони шишаеро кушода, аз онҳо рост истода, менӯшиданд. Маст буданд, боз ҳам масту гурги ваҳшӣ гаштанд, ки ба рамаи гӯсфандон бо даҳони кушода ҳамла карда, бо дандонҳои ханҷармонандашон мешу баррачаҳои ширбозро медаронданд. Се нафар зан - Зарринаю Сабзина ва Робияро кашолакунон ба саҳни ҳавлӣ бароварданд. Ҳар якеро дар пояи чайлоби ток рост бастанд ва либосҳояшонро кашида, онҳоро лучи модарзод карданд. Дар рӯшноии моҳи шаби чаҳордаҳ бадани сап-сафеди булӯрини онҳо ниҳоят зебо менамуд. Ин зебоӣ шаҳвати ваҳшиёнро ба ҷунбиш овард. Ду ниқобпӯш ба як зан даровехтанд. Онҳо чун хару саг аз пешу қафо ба номуси занҳо таҷовуз мекарданд. Аз ҳафтнафарон як нафарашон бе сайд монда буд. Ӯ пас аз каме таваққуф тарафи хона давид. Баъди ду-се дақиқа овози нолаи тифли ноболиғ, Нодира баланд шуд. Ӯ дергоҳ доду фарёд кард ва оҳиста-оҳиста овоз паст шуду хомӯш гашт. Маълум буд, ки ин гурги хунхор пардаи исмат, бахту саодати тифли ноболиғро барбод дода, ӯро маҷрӯҳу маслуқ гардондааст. Ин манзараҳои ҳузнангезтарини дунёи дунро Сафаргул аз болои бом наззора мекард ва аз тарсу даҳшат карахт шуда, гунгу кар гардида буд. Дар вақти мубориза баҳри ҳифзи номус ногаҳон Сабзина дод зад:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

- Оҳ, саги лаънатӣ, туро шинохтам. Ту Тошқули дузди қиморбоз нестӣ?!

Баробари ин садо ниқобпӯшон лаҳзае карахт шуда, тарафи ҳамдигар нигаристанд. Қотилон акнун донистанд, ки ҳамдеҳагонашон онҳоро аз садою овозашон шинохтаанд. Лекин шинохти ин ваҳшитинатон ба сари заифону тифлони бегуноҳ балои азимеро овард. Барои сиррашон ошкор нашудан бояд шоҳиде аз ин моҷаро набошад. Шоҳидонро нест бояд кард. Онҳо то хаста шуданашон ба номуси ин се зани урён, чун сагони ваҳшӣ, таҷовуз карда, домони поки модари тоҷикро доғдор намуданд. Пас он се занро рӯй ба замин хобонда, дасту пойҳояшонро бастанд ва ба даҳонашон латтапораҳоро тиққонданд. Баъд дар болои онҳо чун маркаб нишастанд. Каме таваққуф карда, бо ҳам машварат намуда, дам гирифтанд, хастагиашонро барoварданд. Сонӣ ба тарафи ҳамдигар маънидорона нигариста, бо забони ғайри тоҷикӣ гуфтанд: - Мурғи сарбурида садо надорад, - ва даст ба камар бурданд. Кордҳои чӯпониро аз ғилоф кашиданд. Дар рӯшноии моҳ теғи қотилон дар ҳаво чун чароғ дурахшиду мисли тир ба поён фаромада, ба дилу ҷигари се оҳуи сиёҳчашми ба доми сайёд афтода халид. Онҳо нафас накашида, ба хоби абадӣ рафтанд. Ин зулму ҷафои дунёи дун онҳоро қатори шуҳадои солиҳини Дашти Карбало ҷой дод. Даҳшате, ки воқеъ шуд, дар ҳафтоду ду рагу пайи Сафаргули пинҳоншуда ларзаи шадидеро ба вуҷуд овард, ки зан аз таъсири он беёд шуда, чун мурда миёни ғарами таппакҳо монд.

Қотилон бо мақсади ғайб задан аз ҷойи ҳодиса ҷасадҳоро кашола карда, ба ҳаммоми назди ғарами ғӯзапоя буда бурда, онҳоро чун дарзаи ҳезум болои ҳам гузоштанд ва дари ҳаммомро аз берун маҳкам карданд. Дар охир латтапораеро дар равған тар карда, оташ гиронда, ба тарафи ғарами ғӯзапоя ҳаво доданд ва худ чолокона хонаро тарк кар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

да, ба мошини дар берун истода нишаста, фирор карданд. Пеши чашми ин ваҳшиёнро пардаи хуни ғафлат гирифта буд. Хаёл карданд, ки онҳоро касе надидааст. Ин бехудоён фикру андеша намекарданд, ки ҳар як амали зишти эшонро Худованди ҳозиру нозир наззора карда истодааст. Ба замми он, Сафаргули пинҳоншуда, ки шоҳиди ин ҳодисаи нангин буд. Саги бобои Давлат аз тарси ин ваҳшиён даруни ҷӯйбори назди ғарами ғӯзапоя пинҳон шуда, сар болои ду пойи пеш монда, нафас нагирифта, чун мурда хоб мекард. Баъди рафтани қотилон ин ҳайвони безабон бӯйи латтаю равғани сӯхтаро ҳис кард ва сар бардошта, ба чор тараф нигарист. Дид, ки оташ ба ғарами ғӯзапоя наздик шуда истодааст. Бо амри Худо, ки онро қазову тақдир меноманд, саг ҷаҳида, як гӯшаи латтаи оташгирифта дар даҳон тарафи ҷӯй давид ва латта ба об афтода, оташаш хомӯш шуд. Даруни ғарами ғӯзапоя панҷ нафар тифлони бегуноҳ ҷон меканданд. Саг бӯйи хуни шаҳидону ҷонкании тифлаконро ҳис карда, байни ҳавлӣ нишаста, уллоси ҷонкоҳи ваҳмангез мекашид.

## *ПОЁНИ ШАБИ СИЁҲ...*

Субҳ дамиду пардаи сиёҳи зулмоти шаб дарид. Соатҳои 10-и пагоҳӣ як дастаи калони аскарҳои ҳукуматӣ аз минтақаи Кӯлоб вориди деҳа шуданд. Бӯйи ғализи хуни қурбониён ба атроф паҳн мешуд. Қумандон ҳамроҳи аскаронаш ба хонаи бобои Давлат даромаданд. Ҳодисаро дидан замон қумандон фармон дод, ки деҳаро муҳосира карда, қотилонро дастгир намоянд. Онҳо дари ҳаммомро кушоданд ва ҷасадҳои пур аз хуни дасту пой бастаро бароварда, дар саҳни ҳавлӣ қатор гузоштанд. Ногаҳон садои гиряю нолаи Сафаргул аз болои бом баланд шуд. Аскарон тарафи овоз нигариста, аз болои бом Сафаргули нимҷонро фуровcovarданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ӯ бо садои хастаю гиряомез гуфт, ки кӯдаконро аз зери ғарами ғӯзапоя наҷот диҳед. Аскарон дарзаҳои ғӯзапояро ба ҳар тараф ҳаво доданд. Маълум шуд, ки аз панҷ тифл се нафарашон нафасгир шуда фавтидаанд. Писари Сафаргул, Умедҷон ва писари Қобил, Нормурод нимҷон, оҳиста-оҳиста нафас мегиранд. Сафаргул болои тифлакони нимҷон афтода талх-талх гирист. Баъд каме ба худ омада, тарафи қумандон рӯй оварда гуфт:

- Акаҷон, он ҳуҷраи дарунро хабар гиред.

Қумандон ҳамроҳи ду нафар сарбоз дохили хонаи дарун гардиданд. Болои гилем духтарчаи даҳсолаеро диданд, ки пуштнокӣ, пою дастонаш ба чор тараф дароз хоб аст. Хуни зиёде рафта, зери пойҳояш шах шуда, сиёҳ гаштааст. Қумандон хам шуда, гӯш ба қафаси синаи духтарчаи ноболиғ монд ва гуфт:

- Дилаш кор мекунад.

Ӯро низ рӯйи дастон гирифта, саҳни ҳавлӣ баровbooarda, болои гилеме хобонд. Пас аз муоинаи тиббӣ маълум гардид, ки чор нафар зан ва се нефар кӯдак ҳалок гардидаанд. Бобои Давлат ва се нафар тифлони нимҷонро ба мошин бор карда, бемористони шаҳри Турсунзода бурданд. Қумандон аз дили пурдард оҳи ҷигарсӯзе кашида, хитоб карда, гуфт:

- Гург дар миёни гӯсфандон будаасту мо саҳрою биёбонро мекобем! Ин кирдори ваҳшиёнаро душманони миллати тоҷик содир карда истодаанд! Тоҷиккушӣ бас будагист!

Сафаргул дар беморхона маризонро парасторӣ мекард Ӯ шукри онро мегуфт, ки писарчаи чорсолааш, Умедҷони талбидагӣ, зинда аст. Аммо аҳволи духтарчаи ноболиғ ниҳоят вазнин буд. Духтурон ҷарроҳӣ гузаронида, пардаи бакоратро дӯхта, ба бемор хун доданд. Ӯ баъд аз як моҳ беҳтар гардид ва хеста, дар болои кат нишаст. Рӯзе як ҳам-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сояи тоҷики бобои Давлат ба беморхона омаду гуфт:

- Ҳамон шаби даҳшат, одамони мусаллаҳ бо ниқоб ба деҳа омада, 45 нафар ҷавонони тоҷикро даст баста, ба мошин бор карданду онҳоро ба канори пахтазоре бурда, қатор монда парронданд ва ҷасадҳои онҳоро дар чуқурие партофтанд. Бо тракторе ба болои ҷасадҳои нимҷон хокро пеш карда, гӯронданд. Аз зери хок садои одамони зиндаю нимҷон меомад.

Бо шунидани ин сухан бобои Давлат бо ду даст ба сари хеш зада, додгӯён дергоҳ гирист. Сафаргул ҳам зор-зор гириста, дар охир ба тақдир тан дод. Шабона бобои Давлат аз беморхона ғайб зад. Он се тифлро ба ятимхона бурданд. Сафаргул бошад, Умедҷонашро гирифта, ба шаҳри Ваҳдат фирор намуд.

*Афтода намози шому ёр аз ман дур,*
*Ман мурғи харобеву баҳор аз ман дур.*
*Ғам чун гузаронам, дили зор аз ман дур,*
*Шаб чун гузарад, сабру қарор аз ман дур.*

***

Аз миён ду сол сипарӣ шуд. Аз бобои Давлату он се тифли бемор касе хабар намеовард. Мардуми шаҳри Ваҳдат аз баъзе гурӯҳҳои авбош тарсу ҳарос доштанд. Бинобар ҳамин аз шаҳри Душанбе тарафи ғарб намерафтанд. Сафаргули бахтгумкарда шабро бо гиряю рӯзро бо ғаму андӯҳи калон, дар хонаи падар мегузаронид.

## СУБҲИ ХУШБАХТӢ

Содиқ корманди "Ҳилоли Аҳмар"-и шаҳр буд. Рӯзе дар вақти тақсими ёрии башардӯстона чашмаш ба Сафаргул афтод. Чашмони бодомии оҳунигоҳи ӯ дили Содиқро ба худ кашид. Вай аз никоҳи се зан гузашта, аммо соҳиби фарзанд нашуда буд. Дар орзуи зани кӯдакдор буд, зеро баъ-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ди муоинаи тиббӣ духтурон ба ӯ гуфта буданд, ки аз ту фарзанд шудан дар гумон аст. Тухмҳуҷайраҳоят норасиду носолим ҳастанд. Аз пиразане, ки Сафаргулро ҳамроҳӣ мекард, пурсид, ки ин духтар кист. Пиразан ба хотири ёрии башардӯстона шарҳи ҳоли Сафаргулро аз аввал то ба охир ҳикоя карда, дар охир гуфт:

- Содиқҷон, ман худам Сафаргулро ба ту хостгорӣ мекунам.

Пиразан ба аҳдаш вафо кард ва бо розигии Рақибу занаш Сафаргулу Содиқ ақди никоҳ баста, зану шавҳар шуданд. Аз миён як сол гузашт, онҳо интизори фарзанд буданд. Шабе Сафаргул роҳи фарзанддор шуданашро пурра ба Содиқ ҳикоя кард. Содиқ аз нақли занаш гӯё рӯҳу илҳом гирифта бошад, ки аз бистари хоб ҷаҳида, хеста нишаст ва бо ҳаяҷон гуфт:

- Охир, ман дар бораи Домуллои Сурхиён ва фарзандонаш - Махдуми Асламҷон, Махдуми Абдулҳақ ва Махдуми Даҳмарда бисёр нақлу ривоятҳоро аз забони падару модарам шунида будам. Онҳо мегуфтанд, ки касе бо чӣ мақсаде, ки ба назди он авлиёи бузург мерафт, ба муроду мақсадаш мерасид. Афсӯс, сад афсӯс, ки Махдуми Асламҷон ва Махдуми Абдулҳақ дар қайди ҳаёт нестанд. Махдуми Даҳмарда бошад, аз сабаби пирию дардмандӣ беморонро қабул намекунад. Хушбахтона, набераaш Муҳаммадрасулро мешиносам. Пагоҳӣ ба назди ӯ рафта, маслиҳат мепурсам.

Содиқ шабро ба ёди фарзанди ширин рӯз карду субҳгоҳон ҷониби коргоҳи набераи Мавлавӣ равон шуд. Бо набераи Мавлавӣ ҳамсӯҳбат гардид. Дар рафти сӯҳбат ӯ гуфт:

- Ман бемории шуморо аз рӯйи гуфтаи духтурон муайян кардам. Имшаб дастхатҳои тиббии Мавлавиро варақгардон мекунам, то бифаҳмам, ки он авлиёи бузург ба маризии шумо чӣ даво мефармоянд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Содиқ ин шабро ҳам бо Сафаргул дар баҳри беканори орзуҳои ширин рӯз кард. Пагоҳӣ набераи Мавлавӣ навиштаҷотеро ба ҷониби Содиқ дароз карда гуфт:

- Мувофиқи ҳамин гуфтаҳо аз доруҳо истифода баред. Аз бозор як гӯсфанди барраи нар доштаро харида, ҳар субҳи содиқ бо як каф санои маккӣ ду пиёла шири навдӯшидаи онро мехӯред. Сонӣ вақти хоб як пиёла ширро гармогарм менӯшед. Ҳафтае ду маротиба бо ҳамсаратон мехобед. Ин тартибро шаш моҳ давом медиҳед. Тухмҳуҷайраҳо ба воя мерасанд ва пушти камаратон мустаҳкам мешавад. Як гиёҳдору ҳаст, бо номи "базбоз", ки дар Ҳиндустон мерӯяд. Онро ба шумо медиҳам, баъди се моҳи табобат, ҳангоми ҷойгаҳхобӣ бо завҷаатон мехӯред. Иншоаллоҳ, бордор хоҳад шуд.

Содиқ ба ҷойи як гӯсфанд се гӯсфанд харид ва табобатро оғоз кард. Бо мадади Холиқи Замину Осмон баъди шаш моҳ Сафаргул ҳомиладор шуд. Аз шодию хурсандӣ Содиқ бо хотири болида ба кор мерафт ва аз кор рост ба назди зани меҳрубонаш бармегашту ин байтро мехонд:

*Биё, ки беш маро тоқати ҷудоӣ нест,*
*Раҳо макун, ки маро зи ғам раҳоӣ нест.*
*Дилам бибурдаву гар сар ҷудо кунӣ зи танам,*
*Ба ҷони ту, ки танамро зи сар ҷудоӣ нест.*

Хуллас, баъди нӯҳ моҳу нӯҳ рӯзу нӯҳ соат Содиқ ба орзуи чандинсолаи худ расид ва тифле ба олами ҳастӣ омаду исми Орзуро гирифт.

Ишқи поки Содиқу меҳри Орзуҷон ғамҳои Лоиқи қурбоншударо аз қалби Сафаргул дур мекард. Онҳо чун Лайлию Маҷнун зиндагии ширинеро аз сар мегузарониданд. Содиқ Умеди ятимро чун Орзуи ҷигарбандаш дӯст медошт. Соле сипарӣ гардиду Орзуҷон яксола шуд. Дар рӯзи мавлуди ӯ говеро қурбон карда, тӯй доданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ФАЛАК ДАР ЧӢ ХАЁЛУ...

Пагоҳ, пеш аз соли нав рӯзи мавлуди Сафаргулро миёни ёру дӯстон ва хешовандон қайд карданӣ буданд. Содиқ баъди нисфирӯзӣ аз кор ҷавоб гирифта, тарафи бозор рафт. Барои хуб гузаронидани мавлуди завҷаи азизу ғамхораш туҳфаю дигар маводи хӯрокаро харида, ба хонааш баргашт. Назди дарвоза мошинро нигоҳ дошт. Садои мошинро ду-се маротиба баланд кард, вале касе дарвозаро ба рӯяш накушод. Ҳайрон шуд. Чӣ хел ҳайрон нашавад, ки баробари ғурриши мошинро шунидан занаш болу пар бароварда, дарвозаро мекушод ва ба пешвозаш омада, ӯро мебӯсид. Дар як лаҳза дар қалбаш гумонҳои гуногун пайдо шуданд, гурги шубҳа қалбашро талаю ғорат мекард. Содиқ аз мошин фуромад, дарвозаро кушод ва мошинро вориди ҳавлӣ кард. Касе дари хонаро накушод. Ӯ ба бори даруни мошин нигарист, хост фурорад, аммо дилаш тоқат накард. Дари хонаро кушода, рост ба ҳуҷраи дарун даромад. Дид, ки Сафаргул болои кати хоб, рӯй ба замин хобасту Умедҷону Орзуҷон дар ду бараш ғамгин нишастаанд. Зан сарашро бо ду даст дошта зор-зор мегирист.

Содиқ хавотиромез пурсон шуд:

- Умеду орзуи охиринам, таманнои дилу бахти бедори ман, Сафаргулҷон, дилу ҷигари сӯхтаи маро хун макун! Ба ту чӣ шуд? Кӣ туро ранҷонд? Гап зан!

Сафаргул якранг, талх-талх мегирист. Баъди як соат ӯ ором шуд ва ба Содиқ рӯй оварда бо дидаи хунфишон, гирякунон гуфт:

- Содиқҷон!

*Абр мебораду ман мешавам аз ёр ҷудо,*
*Чун кунам дил ба чунин вақт зи дилдор ҷудо?!*
*Абру борону ману ёр, ситора ба вафо,*
*Ман ҷудо гирякунон, абр ҷудо, ёр ҷудо.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Сабза навхезу ҳаво хурраму бустон сарсабз,*
*Булбули рӯйсияҳ монда зи гулзор ҷудо.*
*Дида аз баҳри ту хунбор шуд, эй мардуми чашм,*
*Мардумӣ кун, машав аз дидаи хунбор ҷудо.*

Содиқҷон, фалак дар чӣ хаёлу мо дар чӣ хаёл будем?! Ин пагоҳӣ, баъди рафтани ту бобои Умедҷон аз Регар омад. Ӯ хабареро овард, ки аз шунидани он ман ҳайрону нолону гирёнам ва чӣ кор карданамро намедонам. Ин пайғом барои ту, Содиқҷон, ниҳоят гарону вазнин меафтад, чӣ тавр онро гӯям, намедонам.

Содиқҷон, бахту орзуи деринам, гӯш кун! Хусурам, бобои Давлат омада, набераашро оғӯш карда, соатҳо гирист ва сар дар пеши пойи ман монда зорию гирякунон гуфт: "Ҳамон шаби наҳсе, ки ниқобпӯшон Лоиқҷону Қобилҷонро ҳамроҳ бурданд, дар ёдат ҳаст? Қотилони тоҷиккуш як гурӯҳ ҷавонони тоҷикро қатор монда, мепарронанд ва дар чуқурие ҷасади онҳоро партофта, бо трактор ба болояшон хокро пеш карда, мепӯшонанд. Лоиқҷони захмину маҷрӯҳ зинда будааст. Пирамарди роҳгузаре садои нолишеро фаҳмида, ӯро аз зери хок бароварда, ба хар бор карда, шабона ба деҳа ва баъд ба шаҳри Тошканд мебарад. Ин пирамарди хайрхоҳ, ки худ тоҷик будааст, ӯро фарзанд мехонад. Дар беморхона ду пойи Лоиқҷонро ҷарроҳӣ карда, аз зону поён мебуранд ва ба ӯ пойҳои сунъӣ мечаспонанд. Лоиқҷон баъди табобати дусолаву шашмоҳа имконият пайдо мекунад, ки бо асобағал роҳ равад. Ҳоло ӯ дар хона, тую Умедҷонашро интизор аст. Келинҷон, ҷони моро даст гиру парасториамон кун. Ту худ медонӣ, ки ҳафт ҷойи ҷигари ман дар ғами ҳиҷрони писаронам Лоиқҷону Қобилҷон, духтаронам Зарринаю Сабзина, завҷаи меҳрубонам Дилором, набераи даҳсолаи ноболиғам Нодирахон ва келини азизам Робия сӯрох асту аз он сӯрохии сӯзон хун равон аст. Набе-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

раам Нодирахони ноком баъди табобати 40-рӯза дар беморхонаи Қарияи Болои шаҳри Душанбе аз хунравии зиёд аз дунё гузашт ва он намакобе буд ба ҷароҳатҳои решам, ки доимо месӯзам. Келинҷон, ман фаҳмидам, ту марги Лоиқҷонро муайян карда, баъд ба шавҳар баромадӣ. Он марди бефарзандро хушбахт карда, соҳиби кӯдак кардӣ. Дирӯз ман барои кушодани ин муаммои сарбаста ба идораи муфтиёт рафта арз карда, асли воқеаро аз аввал то охир фаҳмондам. Муфтӣ қаламу коғаз гирифта, мӯҳр карда дод, ки ту зани қонунию шариатии Лоиқҷон ҳастӣ".

Бо шунидани ин хабари шум Содиқҷон чун ҳайкал карахт шуда мемонад. Оби даҳонаш заҳр гардида, лабу забонаш чун биёбони тафсон хушк мегардад. Дунёи равшан дар пеши чашмонаш шаби тираю тор мегардад ва ҳис мекунад, ки шамоли сахт вазиду жолаю борони барфолуд борид. Хунук мехӯрад, сараш чарх мезанад. Бо ду даст сарашро дошта, дар рӯйи фарши хона менишинад ва аз ноумедӣ кӯдаквор мегиряд.

*Биё, ки беш маро тоқати ҷудоӣ нест,*
*Раҳо макун, ки диламро зи гам раҳоӣ нест.*
*Дилам бурдаву гар сар ҷудо кунӣ зи танам,*
*Ба ҷони ту, ки танамро зи сар ҷудоӣ нест...*

Баъд аз як соати нолаи ҷонгудоз Сафаргул шавҳарашро дар канор кашида, мебӯсад ва мегӯяд:

- Содиқҷон, туро мурғи нимбисмилу Орзуҷонро зиндаятим намекунам.

Онҳо шабу рӯзи мавлудро бо ғаму ҳасрат гузарониданд. Аз тарсу ҳароси бобои Давлат Содиқҷон ба корхона намерафт. Се рӯз сипарӣ шуд. Субҳи рӯзи чорум бобои Давлат ҳамроҳи падару модари Сафаргул дарвозаро кушода, вориди ҳавлии Содиқҷон шуданд. Онҳо Умедҷонро гирифта,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

аз ҳавлӣ берун баромаданд. Дар берун Лоиқ ба ду асобағал такя карда, рост меистод. Умедҷон назди падараш намерафт, зеро ки бо Содиқ унс гирифта буд ва ӯро падар мепиндошт. Давлату Рақиб кӯдакро кашон-кашон ба назди Лоиқ бурданд. Ӯ асобағалҳоро раҳо карда, Умедҷонро ба оғӯш кашид. Аз шиддати дарди пойҳояш мувозинатро гум кард ва ҳамроҳи Умедҷон ба замин афтид. Лоиқ чун паррандаи ошён гумкарда писарашро ба оғӯш кашида, мебӯсиду кӯдаквор менолид. Ин манзараро Сафаргулу Содиқ бари ҳамдигар истода, ҳайрону ҳаросон, чӣ кор карданашонро надониста, шах шуда, нигоҳ карда, рост меистоданд. Онҳо гӯё гунгу кар шуда буданд, маҷоли сухан кардан надоштанд. Баъд аз гиряву нола Лоиқ сар бардошта дид, ки занаш, модари Умедҷонаш, Сафаргули вафодораш дар бари ҷавонмарди дигаре рост истода, ба сӯяш менигарад. Ин манзараю ин нигоҳ Лоиқро ҳам дар ларза овард ва ҳамаи аъзои бадани ин маҷрӯҳи бепой ба ларза даромад. Ӯ маҷолу қуввати гуфтор надошт. Аз чашмони чун гули лола хунгирифтааш ашки ҳасрату ғам равон шуда, пероҳани сафедашро тар мекард ва аз он гузашта, ба замин мечакид.

Ин манзара ҳозиринро низ моту ҳайрон карда буд ва ин хомӯшӣ сӣ дақиқа давом кард.

*Ҳар к-ӯ шунид нолаи дудангезаш,*
*Сӯзад ҷигараш з-ин дили оташхезаш.*
*Аз хок ҳама меҳргиёҳ бархезад,*
*Бар хок чакад гиряи ишқомезаш.*

Баъди ҳамагон ба худ омадан, Давлат ба тарафи Сафаргулу Содиқ нигариста гуфт:

- Эй инсонҳои хуб, ин чӣ қисмату чӣ тақдир аст?! Шукри Худоро ба ҷой меорам, ки мани бесоҳиб соҳиб дорам, агарчӣ Лоиқҷон аз ду пойи равон маҳрум бошад ҳам, ӯ зинда аст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй мардум, гӯед, ки мо чӣ кор кунем?!

Ин гиряю нола, баҳсу мунозира, зорию тавалло ва маслиҳату мадоро чор соат давом кард. Дили ғамдидаи Содиқ ба ҳоли зори Лоиқу падараш сӯхт, лекин аз бахту саодат, Сафаргул ва ному насаб - давомдиҳандаи умру авлодаш - Орзуҷон чӣ хел ва чӣ тавр ҷудо шавад? Ӯ дар миёни чор дарёи бало ва обу оташ тахтабанд буд. Ӯ дар гирдоби фикру хаёл ғарқ шуд. Кист маслиҳатгараш, ӯ чӣ кор кунад? Фақат аз лутфи Худованд умеди раҳоӣ меҷӯст, то ки аз ин балои қазову қадар раҳоӣ ёбад. Рӯҳи поки мавлояш, ҳазрати Мавлавиро ёд карда, ба даргоҳи Холиқи бениёз муноҷот мекард, то ки аз мурғи бахташ ҷудо нашавад. Дар охир ӯро Худованд рӯҳу илҳом бахшид ва қуввату маҷоли сухан гуфтан пайдо кард. Ба ҷониби Сафаргул нигарист ва бо ду даст ишора карда, гуфт:

*Ҷону дилам аз ғамат харобанд, бубин!*
*Мижгон ҳама ғарқи хуни нобанд, бубин!*
*Дар ашки ман ин ду мардуми дидаи ман,*
*Гӯӣ, ки саворагони обанд, бубин!*

Сафаргул ба ҷавоби Содиқи дар гирдоби бало афтода гирён-гирён гуфт:

*Дил бе рухи ту ба умри ширин накунам,*
*Ҷуз хоки сари кӯйи ту болин накунам.*
*Гуфтӣ, ки зи баҳри ман фидо кун ҷонро,*
*Эй ҷон, ба фидоят чӣ кунам, к-ин накунам?!*

Лоиқи маҷрӯҳи бепой Умедҷонро ба канор кашида, гирён шуда, гуфт:

- Эй Худоё, дастам бигир, ки дар кӯйи бечорагию дарбандӣ дармондаам, ғайр аз раҳмати поки ту дигар касею



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даргоҳе надорам! Даргоҳи бениёзи ту бандагони осию бадбахт, гумроҳу пургуноҳро аз ҳазорон балову дарду заҳмат, ранҷу банду кулфат маконест наҷотбахш, замонест ҳаётбахш! Имрӯз аз сари дармондагию бечорагӣ, заифию оҷизӣ, аз сари сидқ, аз қалби бишкастаи нолоиқ дар роҳи аҳду вафо, баҳри хайру сахо ба даргоҳи ту, эй Холиқи мушкилкушо, рӯй овардам ва муноҷот мекунам, ки гиреҳи ин муаммои сарбастаи маро бикшо! Охир, мани маслуқ бо ин ду пойи бурида, бахти баргашта, қалби шӯрида аз дари хонаи ту, эй ҷавонмарди нексиришт, Содиқҷон, куҷо равам?! Ҷавонмардӣ, боварӣ дорам, ки қалби ту ба ҳоли зори мани бадбахт месӯзад!

*Кӯйи ту, ки ҷуз хок набезад ин ҷо,*
*Биншинаму то зи ҷон нахезам ин ҷо.*
*Ҷое, ки нишастаам, бихезам, бимирам,*
*Гар хуни худ аз ҷигар нарезам ин ҷо!*

Содиқҷон, ба ҳурмати Худое, ки замину осмон ва ҳаётро офарид, ба ҳурмати хотами пайғамбарон, ки ба шарофати ин Расули охирзамон мову шумо мусалмон шудем, ба ҳурмати Домуллои Сурхиён, ки ба шарофати ӯ Худованд ба мо Умедҷону Орзуҷонро дод, раҳме бикун ба ҷони нимҷони ман!

Ин суханони дилтасхиркунандаи Лоиқ қалби боимону поки Содиқро сӯзонд, ки гуфт:

- Ман ҳам дар давоми ин се-чор рӯз хоб накардам, ба ҷойи нон ғам, ба ҷойи об хун хӯрдам. Назди домуллоҳои бузург рафта саволу ривоят пурсидам. Онҳо низ ба ман ривоят доданд, ки дар давоми се сол касе аз зинда шудани ту хабар наовард ва ту низ дар давоми ин се сол аз зинда буданат касеро хабардор накардӣ, никоҳи ман никоҳи шариатист. Эй марди маҷрӯҳ, дилам ба ҳоли зори ту сӯхт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Модоме ки ҳурмати Худову Пайғамбар ва Мавлавии бузурги Сурхиёнро дар миён овардӣ, дасту пойи маро гӯё бастӣ, ба ҳамин хотир иҷозат, Умедҷонро бо худ бибар.

Ин зорию нола, баҳсу мунозира се шабу се рӯз давом кард. Дар охир Лоиқи маҷрӯҳу падараш Давлат, падару модари Сафаргул, Рақиби маҳалгарою Ҳиҷрони сангдил Содиқи хушбахтиро бадбахту кулфатзада карданд. Сафаргулу Умедҷону Орзуҷонро аз Содиқ ҷудо карданд. Содиқ дар миёни хонаи чорсутундор зону зада, ғаму кулфат дар дил, ашки ҳасрат дар чашм, мушти маломат бар сар мезаду аз сари танҳоию бечорагӣ ба даргоҳи Худованд зор-зор мегирист. Чунин буд амри тақдири илоҳӣ!

# ШАҲДИ ШИФО

## Таваҷҷӯҳ!!!

**Хонандагони азиз, пайдоишу инкишофи 90% бемориҳо ба асаби инсон вобаста аст. Табиб дар баробари табиб буданаш, таҷрибадидаю равоншинос, ташхисгар (касалшинос) ва гиёҳшинос бошад, ки беморро дидан замон дар набвати аввал мизоҷ (мизоҷ)-и онро муайян кунад.**

**Сонӣ сababи пайдоишу замони пайдо шудани бемориро донад, ки сабабгор гармӣ, хунукӣ, рутубат, хушкӣ, хун, савдо, сафро ва ё балғам аст.**

**Тарзи тайёр кардани давоҳои маъҷун (омехта) барои бемориҳои безурриётию бешавҳатӣ, бавосир (гемарой), барас, пес, шукуфаҳои хӯранда (псориаз, экзема), резондани кирмҳои гуногун, варами гурдаю ҷигар, меъдаю руда, резондани сангҳои гурдаю масона, ҷоғару шаро (аллергия), саръ (при-**



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**падка), фишорбаландӣ, дамкӯтаҳӣ хусусан бемориҳои диабети қанд, ва сактаи дилу фалач донишу маҳорати хосро талаб мекунад. Аз дорю давоҳои маъданию ҳайвонӣ ва наботӣ (гиёҳӣ) садҳо беморон (бечарроҳӣ) шифои комил ёфтанд.**

**Хоҳед ба дардатон ёбед даво, марҳамат ба шаҳри Вахдат деҳи Қирғизони боло.**

**Бо эҳтиром:**

***Муҳаммадрасул Иброҳимзода***

**(набераи Ҳазрати Мавлавӣ)**

**Тел: 919-35-52-91; 919-56-19-03**

**93-350-52-20.**

## *МУНДАРИЧА*

*ПЕШГУФТОР*..............................................................3
*ЁДНОМА*....................................................................6
*Адл будӣ пешаи Озодагон*..............................................8
***ВАСИЯТИ ПЕШ АЗ МАРГ***...........................................10
*ҶАЗОИ ХИЁНАТКОР*.....................................................25
*ИШҚИ ЗАНИ РУС ДУНЁВУ ОХИРАТАМРО СӮХТ*.........31
*ОҚИБАТИ САФАРИ РОССИЯ*.........................................38
*САЗОИ САРИ ОҚИ ПАДАР*.............................................54
*КУШТОР ДАР ТАхХОНА*..................................................59
*ГУРГ ДАР ПӮСТИНИ ГӮСФАНД*......................................80
*ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТИИ №77-9* ....................................93
*ТАНТАНАИ АДОЛАТ*......................................................105
***ҚИССАИ ДИРӮЗ***.........................................................107
*ШАБИ НАҲС*..................................................................108
***ЗАНЕ ДАР НИКОҲИ ДУ МАРД***.......................................125
*ШАҲДИ ШИФО*...............................................................147



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Муҳаммадрасул Иброҳимзода**

# МИЗОНИ ДАВР

**Муҳаррирон:** ***Мирзо Файзалӣ***
**Муроди Нуриён**
**Муҳаррирони техникӣ:** ***Нигина Қамариддинова***
***М. Шарифов***
**Муҳаррири ороиш:** **А. Исоев**

БИ №5076

Ба матбаа 10.01.14 супурда шуд. Ба чопаш 12.02.14 имзо шуд. Андозаи 60x84 $^1/_{32}$. Адади нашр 1000. Нархаш шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*